# ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН



**ВБД: 338.45+338.46 (575.3)**


**Бо ҳуқуқи дастнавис**


**ХАЙРУЛЛОЕВ ФАРРУХ НЕЪМАТУЛЛОЕВИЧ**


## БАҲОДИҲӢ ВА СУҒУРТАКУНИИ ХАВФҲО ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

**аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика**


**Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои иқтисодӣ,**

**дотсент СОДИҚОВ Р.Ҳ.**



**Душанбе - 2023**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**БМТ -** Бонки миллии Тоҷикистон

**ВМКБ -** Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон

**ИМА -** Иёлоти мутттаҳидаи Амрико

**ISO** - Ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартизатсия

**ММД** - маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**млн. -** миллион

$м^2$ **-** метри квадратӣ

**НТҶ** - ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

с. **-** саҳифа

**COSO** - Кумитаи ташкилотҳои сарпарастии комиссияи Тредвея

**СУМ** - Созмони умумиҷаҳонии меҳнат

**ТУНФИ** - Т аснифи умумии намудҳои фаъолияти хоҷагӣ

**FERMA** - Федератсияи Ассотсиатсияҳои Аврупоии риск-менеҷерон

## МУНДАРИЧА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ** 2

**МУҚАДДИМА ...............................................................** 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ БАҲОДИҲӢ ВА СУҒУРТАКУНИИ ХАВФҲОИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГӢ** ........................................................................ 17

1.1. Моҳияти иқтисодӣ, мазмун ва таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ ........................................................................ 17

1.2. Асосҳои методии баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ ........................................................................ 35

1.3. Таҷрибаи байналхалқии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ ........................................................................ 55

**БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ БАҲОДИҲӢ ВА СУҒУРТАКУНИИ ХАВФҲО ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........................................................** 70

2.1. Таҳлил ва арзёбии фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................................ 70

2.2. Баҳодиҳии таъсири хавфҳо ба фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон .................................................... 80

2.3. Арзёбии самаранокии суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ........................................................................ 93

**БОБИ 3. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ БАҲОДИҲӢ ВА СУҒУРТАКУНИИ ХАВФҲО ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ......................** 117

3.1. Такмили усулҳои баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси равиши эҳтимолият ........................................ 117

3.2. Самтҳои такмили механизми суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ.......................................................... 128

3.3. Таҳияи амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо ............. 145

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ** ........................................................ 155

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** 161

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Соҳаи саноат барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли молҳои рақобатпазир, зиёд кардани иқтидори содиротии мамлакат ва ниҳоят баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нақши муҳим ва ҳалкунанда дорад. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26-уми декабри соли 2018 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуда буданд, ки "... бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад"[1]. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 аз 27 майи соли 2020, №293 қабул карда шуд, ки "ҳадафи он таъмин намудани рушди устувор ва рушди босуръати саноат тавассути диверсификатсияи он ва баланд бардоштани рақобат мебошад"[2]

Корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар доираи стратегия ва барномаҳои соҳавӣ ба роҳ монда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро тадриҷан афзун менамоянд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-уми декабри соли 2022, қайд гардидааст, ки "Тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам оварданд, ки дар панҷ

---

[1]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 [Захираи электронӣ]//www.president.tj

[2]Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293

соли охир афзоиши номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40 фоиз расонида шавад”[3].

Мувофиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи нави рушд дар назди ҷумҳурӣ се вазифаи асосӣ меистад, ки яке аз онҳо таъмини рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ буда, яке аз тадбирҳои асосӣ бахри иҷрои ин вазифа таъмини суръати нисбатан баланди рушди саноат нисбат ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва зиёд намудани ҳиссаи он дар ММД-и кишвар ба шумор меравад[4]

Дар сохтори бахшҳои коркарди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷойҳои муҳимро саноати бофандагӣ ишғол менамояд. Аз рӯи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 шумораи корхонаҳои нассоҷӣ ва дузандагӣ дар ҷумҳурӣ 414 адад ё 17,3%-и шумораи умумии корхонаҳои саноатии мамлакатро ташкил дода, ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолкардаи ин корхонаҳо ба 4 096 млн. сомонӣ ё 10,5%-и маҳсулоти умумии саноати ҷумҳурӣ баробар шудааст.

Фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ бо хавфҳои гуногун алоқаманд буда, таъсири он хавфҳо махсусан дар шароити номуайянӣ ва ноустувори рушди иқтисодӣ боз ҳам бештар мегардад. Сабаби ин он аст, ки номуайянии падидаю равандҳои иқтисодӣ хусусияти умумии иқтисоди бозорӣ буда, зуҳури онҳо ҳам боиси зарар ва ҳам фоида шуда метавонад. Дар чунин ҳолат зарурати баҳодиҳӣ ва идоракунии ин хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ба миён меояд.

Зарурати таъмини устувории фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ истифодаи усулҳои мушаххаси идоракунии хавфҳоро талаб

---

[3]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 [Захираи электронӣ]//www.president.tj
[4]Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, «Контраст». - 2016. - С. 14-15.

мекунад, ки дар байни онҳо нақши асосиро усули суғуртакунӣ мебозад, зеро маҳз он имкон медиҳад, ки хавфҳо аз ҳолати номуайянӣ ба объекти ҳимояи суғуртавӣ табдил дода шаванд. Суғурта кафолати рушди мунтазами раванди истеҳсол ва фурӯши маҳсулотро таъмин менамояд, зеро зарари ба корхона расонидашуда аз ҳисоби захираҳои ташкилоти суғуртавӣ, бидуни сарф кардани маблағҳои худи корхона ба ин мақсадҳо ё бе интизории ҷудо кардани захираҳо аз дигар сарчашмаҳо, ҷуброн карда мешавад.

Дар шароити ноустувор ва зудтағйирёбандаи муосири иқтисодӣ яке аз вазифаҳои муҳимми фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ баҳодиҳии сифатӣ ва миқдории хавфҳо ва суғуртакунии онҳо ба шумор меравад. Зарурати асосноккунии назариявии усулҳои баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, душвории ҳалли ин вазифаҳо дар амал муҳимияти мавзуи таҳқиқоти мазкур, ҳадаф, вазифаҳо ва сохти онро муайян кардааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои бунёдии баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо дар асарҳои муаллифони хориҷӣ: А. Смит, А.П. Алгин, М. Алберт, С.Б. Богоявленский, В.И Дал, К.В. Балдин, И.А. Бланк, С.И. Васин, Р.М. Качалов, Р. Кантилон, Е.В. Коломин, В.Ф. Коншин, М.Х. Мескон, Л. Мотылев, О. Моргенштейн, Ҷ. Фон Нейман, П. Никольский, С.И. Ожегов, А.П. Плешков, В. Райхер, Л. Рейтман, Т.А. Федорова, Ф. Хедури., Р. Хизрич, Г.В. Чернова, Н.М. Шанский, М. Шерменев, В.С. Шутов ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар давлатҳои пасошуравӣ то замони гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ масъалаи хавфҳо, баҳодиҳӣ ва идоракунии онҳо ҳамчун объекти таҳқиқот мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифта буд ва танҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ муҳаққиқони зиёди ватанӣ ба таҳқиқи масъалаи мазкур машғул шудаанд. Ҷиҳатҳои алоҳидаи идоракунии хавфҳо, аз ҷумла суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноатӣ дар асарҳои олимони ватанӣ, ба монанди:

Ғ.Д. Ашуров, О.Б. Бобоев, Қ.Қ. Давлатзода, Г.Х. Зувайдуллоева, Ҳ.Р. Исайнов, А.Д. Аҳророва, М. Кабутов, С.Д. Комилов, Т.Н. Назаров, Т.Д. Низомова, Р.К. Раҷабов, З.А. Раҳимов, В.А. Розиқов, З.С. Султанов, Р.Ҳ. Содиқов, А.А. Ҷабборов, Қ.Х. Хушвахтзода, Ш. Шамсуллозода, Н. Шарофов ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Як гурӯҳ олимони ватанӣ аз қабили Н.Қ. Қаюмов, Р.К. Раҳимов, Л.Х. Саидмуродов, Ғ.Ҷ. Ҷурабоев, Г.Ш. Алиева, С.Н. Амонов, А.Д. Ахророва, А. Ҷумъаев, М.Т. Каримова, С.Ҷ. Комилов, Ф. Қаюмова, Ф.А. Қодиров, Т.Д. Низомова, А. Рауфӣ, Ҷ. Раҳмонов, М.Қ. Файзуллоев, Р. Фаррухӣ дар асарҳои худ оид ба рушди саноат, баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо ақидаҳои худро баён намудаанд.

Аммо бояд гуфт, ки масъалаҳои илмии омӯзиши ҷиҳатҳои гуногуни баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ баҳсталаб буда, суғуртакунӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин воситаҳои идоракунии хавфҳо барои корхонаҳои мазкур аз нуқтаи назари суғуртакунандагон ва суғурташавандагон то имрӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти анҷомшуда бо муқаррароти барномаи дарозмуҳлати Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, Барномҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, инчунин дигар барномаҳои соҳавӣ, ки ба масъалаҳои рушди саноати бофандагӣ бахшида шудаанд, марбут мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳии

хавфҳо ва суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Расидан ба ҳадафи мазкур ҳалли масъалаҳои зеринро талаб менамояд:

- омӯзиши ҷиҳатҳои назариявӣ ва методии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ ва пешниҳоди таърифи мафҳумҳои "хавф", "хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ" ва "суғуртакунии хавфҳо";

- муайян намудани принсипҳои таснифи хавфҳо аз рӯйи нишонаҳои асосӣ ва пешниҳоди таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ;

- таҳияи асосҳои методии баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ;

- баҳодиҳии сифатии таъсири хавфҳои гуногун ба фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси усули баҳодиҳии экспертӣ;

- арзёбии самаранокии суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ;

- таҳияи алгоритми суғуртакунӣ ва барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо.

**Объекти таҳқиқот** корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудаанд, ки дар шароити номуайянӣ ва хавф фаъолият мекунанд.

**Мавзӯи таҳқиқотро** муносибатҳои иқтисодие, ки дар раванди баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ ба вуҷуд меоянд, ташкил медиҳанд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба муқаррароте асос меёбад, барои таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ва ниҳоятан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ инкишофи босуръати соҳаҳои саноат, аз

ҷумла саноати бофандагӣ, хело зарур ба шумор меравад. Фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ бо хавфҳои гуногун алоқаманд буда, баҳодиҳӣ ва суғуртакунии ин хавфҳо воситаи муҳимми таъмини рушди босуботи ин корхонаҳо ба шумор меравад. Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси таҳқиқоти анҷомгардида такмил дода мешаванд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои назарияҳои хавф ва суғурта, баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ бахшида шудаанд, ташкил доданд. Муқарраротҳи асосии назариявии тадқиқоти диссертатсия бо пешниҳодҳои мушаххас аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, барои рушди корхонаҳои саноати бофандагӣ бо истифода аз усулҳо ва воситаҳои баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо равона карда шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** аз таҳқиқот ва пажуҳишҳои як қатор олимони ватанию хориҷӣ иборат буда, усулҳои мавҷудаи баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ, барномаҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Бо мақсади ноил шудан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда усулҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гирифтанд: системавӣ, таҳлилӣ, монографӣ, гурӯҳбандӣ, иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ, баҳодиҳии иқтисодӣ, абстрактивӣ ва мантиқӣ, таҷрибавию озмоишӣ ва ғайра. Истифодаи усулҳои мазкур илман асоснок кардани баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳоро дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, натиҷаҳои назариявию амалӣ, хулоса ва пешниҳодҳоро таъмин намуданд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаи маълумот санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати

саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, монографияҳо, маводи конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ вобаста ба масъалаи баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, маводҳои сомонаи ҷаҳонии Интернет, нашрияҳои матбуоти даврӣ ва коркарду ҳисобҳои худи муаллиф истифода шудаанд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраи иҷрои диссертатсия солҳои 2018-2023-ро дар бар гирифта, дар кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз таҳияи заминаи назариявӣ-методӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки барои такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои муҳимтарине, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст оварда шуданд ва дорои хусусияти навгонӣ мебошанд, инҳо ба шумор мераванд:

- дар асоси омӯзиши ҷиҳатҳои назариявӣ ва методӣ моҳияти иқтисодии мафҳумҳои “хавф”, “хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ” ва “суғуртакунии хавфҳо” кушода шуда, таърифи мафҳумҳои мазкур аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст. Ба андешаи муаллиф, *хавф* - ин ҳолати номуайянӣ, номувофиқатии натиҷаи воқеӣ аз нақшаи пешбинишуда, эҳтимоли гирифтани ё зарар ё фоида мебошад. Аз нигоҳи муаллиф, *хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ* - ин эҳтимоли ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои ногаҳонӣ дар ҳамаи самтҳои фаъолияти корхонаҳо дар шароити номуайянӣ буда, тамоил нисбат ба нақшаи пешбинишуда мебошад, ки натиҷааш ё мусбат ё манфӣ мешавад. *Суғуртакунии хавфҳо* - ин усули интиқоли хавфҳо аз суғурташаванда ба ташкилоти суғуртавӣ буда, манфиатҳои молу мулкии корхонаҳоро аз хавфҳои гуногун ҳимоя карда, ҷуброни зарари суғуртавиро дар доираи шартномаи суғурта кафолат медиҳад;

- дар заминаи омӯзиши адабиёти гуногун таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ аз рӯи нишонаҳои гуногун, бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ, пешниҳод карда шудааст. Қайд гардидааст, ки хавфҳои асосии корхонаҳои мазкур инҳо мебошанд: истеҳсолӣ; тиҷоратӣ; нақлиётӣ (логистикӣ); сармоягузорӣ; молиявӣ; сиёсӣ; асъорӣ; таваррумӣ; қарзӣ, техникӣ, инноватсионӣ; экологӣ.

- муайян карда шудааст, ки баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси усулҳои гуногуни микдорӣ ва сифатӣ ба роҳ монда мешавад. Моҳияти усулҳои оморӣ, баҳодиҳии экспертӣ (аз ҷумла, усули Делфи) индекси Алтман; SWOT-таҳлил ва ғайра кушода шудааст.

- бо истифода аз усули баҳодиҳии экспертӣ қолиби (матритсаи) дараҷаҳои таъсири гурӯҳи омилҳо ба сатҳи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда, тасдиқ карда шуд, ки хавфҳои молиявӣ, истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, қарзӣ ва инноватсионӣ таъсири бештар доранд;

- тавассути истифодаи модели Хаустон самаранокии иқтисодии суғуртакунӣ ва худсуғуртакунӣ дар ду корхонаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шуда, исбот карда шудааст, ки вобаста ба ҳолати молиявӣ ва таъсири омилҳои хавф корхона метавонад ё усули суғуртакунӣ ва ё худсуғуртакуниро қабул намояд;

- дар асоси омӯзиши адабиёти мухталиф ва таҳлили вазъи муосири корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон алгоритми суғуртакунӣ ва барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд. Алгоритми суғуртакунии корхонаҳои мазкур аз се марҳила иборат мебошад: таҳлили хавфҳо; ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот; суғуртакунӣ. Барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ дар муқоиса бо суғуртакунии маъмулӣ бартариҳои зиёд дошта, ҳавасмандӣ ва ҳимояи суғуртавии корхонаҳоро бештар мекунад;

- дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда оид ба такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои амалӣ таҳия карда шуда, амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо таҳия карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- дар заминаи таҳқиқи ҷиҳатҳои назариявӣ-методӣ унсури ҷудонашаванда ва ногузир будани хавфҳо дар фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ асоснок карда шуда, таърифи мафҳумҳои “хавф”, “хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ” ва “суғуртакунии хавфҳо” аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст;

- бо истифода аз нишонаҳои гуногун муаллиф хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро тасниф карда, хавфҳои асосии ба фаъолияти корхонаҳои мазкур хосро ҷудо намудааст;

- дар натиҷаи таҳқиқи асосҳои методии баҳодиҳии хавфҳо муайян карда шудааст, ки усулҳои баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ду намуд мешаванд: баҳодиҳии сифатии хавфҳо усули оддӣ буда, вазифаи асосии он муайян намудани омилҳо, сабабҳо ва намудҳои хавфҳои имконпазир буда, баҳодиҳии миқдории хавфҳо чун усули мураккаб арзёбии ададии эҳтимолият ва оқибати хавфҳоро дар бар мегирад;

- дар асоси истифодаи усули баҳодиҳии экспертӣ матритсаи дараҷаҳои таъсири гурӯҳи омилҳо ба сатҳи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст;

- дар асоси модели Хаустон самаранокии иқтисодии суғуртакунӣ ва худсуғуртакунӣ дар ду корхонаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шудааст;

- алгоритми суғуртакунӣ ва барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст;

- тавассути таҳияи амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо дурнамои нишондиҳандаҳои соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешгӯӣ карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои илман асоснокгардидаи таҳқиқот метавонанд барои таҳлил ва баҳогузорӣ намудани ҳолати баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи оянда истифода бурда шаванд.

Натиҷаҳои илмии дар ҷараёни таҳияи диссертатсия бадастовардашуда дар таҳқиқотҳои оянда, ки ба самти баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ нигаронида шудаанд, истифода бурда мешаванд. Нуқтаҳои илман асосноккардашуда ва хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд барои омодасозии заминаҳои методӣ ва ҷиҳатҳои амалии барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ истифода карда шаванд.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои «Суғурта», «Молияи корхонаҳо», «Муҳити молиявии соҳибкорӣ ва идоракунии хавфҳои соҳибкорӣ» ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Эътимоднокӣ бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назарӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика мувофиқат менамоянд: 16. Ташаккули механизмҳои рушди устувори иқтисодиёти соҳаҳои саноат ва комплекси сузишворию энергетикӣ. Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои саноат ва комплекси сузишворию энергетикӣ. 25. Диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ ва васеъ намудани сиёсати корхонаҳои саноатӣ оид ба зиёд намудани номгӯи маҳсулот. 26. Механизмҳо ва воситаҳои ташаккули системаи самараноки бехатарии иқтисодии корхонаҳо ва соҳаҳои саноат ва комплекси сузишворию энергетикӣ. 32. Механизмҳои идоракунии арзиши бозории корхонаҳои саноат ва энергетика. Қабули қарорҳо дар соҳаи идоракунии арзиши бозорӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот барои расидан ба мақсади гузошташуда, аз ҷумла интихоби мавзуъ ва таҳияи нақшаи он, асосноккунии сатҳи мубрамияти он, муайян кардани ҳадафу вазифаҳо ва ноил шудан ба онҳо ифода ёфтааст. Муаллиф дар раванди ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, асосноккунии заминаҳои такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири рушди корхонаҳои мазкур ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии ватанӣ саҳми бевоситаи худро гузошта, хулосаю пешниҳодҳои илман асоснокро ба даст оварда, дар асоси онҳо мақолаҳои илмиро ба нашр расонидааст. Истифодаи усулҳои умумиилмӣ комилият ва эътимоднокии диссертатсияро таъмин менамояд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосӣ ва муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методӣ, ки дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва берун аз он гузаронида шудааст, аз ҷониби унвонҷӯ ироа гардидааст. Қисми зиёди мақолаҳои муаллифи диссертатсия дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон нашр шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии асосноккардашудаи таҳқиқот дар ҷараёни таълими фанҳои «Суғурта», «Молияи корхонаҳо», «Муҳити молиявии соҳибкорӣ ва идоракунии хавфҳои соҳибкорӣ» ва ғайра дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон истифода шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 16 мақола, аз ҷумла 7 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми кори диссертатсионӣ** бо ҳадаф, вазифаҳо ва мантиқи дохилии таҳқиқот муайян карда шудаанд. Кори илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аз 170 номгӯйро дар бар мегирад, ки фарогири 18 расм ва 27 ҷадвалҳои омориву таҳлилӣ мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ муайян гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект, мавзуъ ва фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он, сарчашмаи маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ифода ёфта, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, инчунин мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявӣ-методии баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ»,** моҳияти иқтисодӣ, мазмун ва таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ, асосҳои методии баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ, таҷрибаи байналхалқии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ таҳқиқ шудааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** - **«Хусусиятҳои баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, таъсири хавфҳо ба фаъолияти корхонаҳои мазкур, инчунин суғуртакунии хавфҳо дар ин корхонаҳо баҳогузорӣ карда шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия - **«Такмили механизми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, самтҳои такмили усулҳои баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси равиши эҳтимолият, такмили механизми суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои мазкур таҳқиқ шуда, амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо таҳия карда шудааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳои омӯзиш ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосӣ ба таври мушаххас таҳия гардидаанд, ки истифодаи онҳо дар самти паст намудани сатҳи хавфҳо ва то ҳадди ақал кам намудани зарари эҳтимолӣ дар корхонаҳои саноати бофандагӣ мусоидат хоҳад намуд.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ БАҲОДИҲӢ ВА СУҒУРТАКУНИИ ХАВФҲОИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГӢ

## 1.1. Моҳияти иқтисодӣ, мазмун ва таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ

Иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо афзоиши осебпазирӣ ба таъсири хавфҳои дорои хусусияти гуногун хос аст, зеро дар раванди ба роҳ мондани муносибатҳои бозорӣ, фароҳам овардани заминаҳои зарурии соҳибкории мутамаддин ва дар айни замон таҳкими рақобати носолим ба ҳисоб рафта, гаронии асосии ин масъалаҳо ба души корхонахои саноатӣ меафтад. Осебпазирии корхонаҳои саноатӣ ба тағйироти муҳити дохилӣ ва берунӣ, бештар, аз он вобаста аст, ки системаи идоракунии хавфҳо дар ин корхонаҳо чӣ гуна ташкил карда мешавад.

Хавфҳо дар фаъолияти ҳар як корхона, новобаста аз намуди фаъолият, шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва муҳлати мавҷудият дар бозор ба вуҷуд омада, таҳлил, назорат ва ҷустуҷуи роҳҳои мувофиқи ҳалли худро дар соҳаи идоракунӣ тақозо мекунанд. Барои он, ки фаъолияти корхона дар бозор на танҳо идома ёбад, балки мавқеи худро мустаҳкам кунад, роҳбари корхона бояд хавфҳоро саривақт муайян ва арзёбӣ намояд, инчунин барои кам кардани онҳо қарорҳои асосноки идоракунӣ қабул кунад.

Дар мамлакатҳои мутараққӣ қариб ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ ба масъалаи идоракунии хавфҳо диққати ҷиддӣ медиҳанд. Вале дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки омилҳои ноустувории иқтисодӣ идоракунии самараноки корхонаҳоро душвор мегардонанд, ба масъалаҳои таҳлил ва идоракунии маҷмӯи хавфҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти онҳо ба вуҷуд меоянд, диққати нокифоя дода мешавад.

Ҳама гуна фаъолияти идоракунӣ ба ин ё он дараҷа хислати хавфнокӣ дошта, он ҳам бо пӯёи бисёрсоҳаи объекти идоракунӣ ва муҳити берунии он ва ҳам ба таъсири омили инсонӣ вобаста аст. Қариб дар ҳама бахшҳои назария ва амалияи идоракунӣ, банақшагирӣ ва назорат дар дохили корхона ҷои махсусро масъалаи баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳо, инчунин, интихоби таносуби мувофиқи хавф ва сатҳи фаъолияти соҳибкорӣ, даромаднокӣ ва эътимоднокӣ ишғол мекунад.

Хавф хусусияти хосу асосии ҷаҳони муосир буда, дар сатҳҳои гуногун ва шаклҳои мухталиф зоҳир шуда, бевосита бо соҳаи соҳибкорӣ зич алоқаманд аст. Субъектҳои хоҷагидорӣ бояд дар бораи харидани масолеҳ, фурӯши маҳсулот, ташкили равандҳои истеҳсолот доимо қарор қабул кунанд. Тағйирёбии шароити бозор, амали рақибон, дигаргунии афзалиятҳои истеъмолкунандагон, тағйиру иловаҳо дар қонунгузорӣ ва дигар омилҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи соҳибкорон аҳамияти раднашавандаи ба инобат гирифтани ҳама хавфҳоро муайян мекунанд.

Мафҳуми ибтидоии «хавф»-ро ҳамчун иқтидори таҳдиди ҳодисаи номатлуб муайян кардан мумкин аст, ки метавонад боиси талафоти гуногуни мустақим ва ғайримустақим гардад. Хавф ҳамчун ҳодиса ба монанди фаъолияти бошууронаи инсон таърихи қадима дорад, аммо тадқиқотчиён танҳо дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар асоси рушди муносибатҳои иқтисодӣ ба омӯзиши назария ва амалияи хавф бешар шурӯъ намудаанд.

Дар бораи пайдоиши мафҳуми «хавф» нуқтаю назарҳои гуногуни олимон мавҷуд буда, то ҳанӯз маълумоти пурраи аниқу дақиқ оид ба пайдоиш ва истифодаи ин мафҳум вуҷуд надорад.

Олим-иқтисодчии рус А.П. Альгин қайд намудааст, ки ба таври саҳеҳ муқаррар кардани таърихи пайдоиши мафҳуми «хавф» имконнопазир мебошад[5]. Дар луғати тафсирии В.И Дал қайд шудааст, ки

[5]Альгин А.П. Грани экономического риска. - М.: Знание. - 1991. - 64 с.

мафҳуми «хавф» аз калимаи арабӣ аст[6]. Як қатор тадқиқотчиён бар он ақидаанд, ки мафҳуми «хавф» аз калимаҳои юнонии ridsikon, ridsa - шах, харсанг, шух, калимаи испании risco - шухи харсанг, калимаҳои итолявии risiko - хавф, хатар risicare - байни харсангҳо морпеч ҳаракат кардан, гирифта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки танҳо бо нашр шудани китоби олимон-иқтисодчиён Ҷ. Фон Нейман ва О. Моргенштейн «Назарияҳои бозиҳо ва рафтори иқтисодӣ» дар солҳои 40-уми асри XX дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки ба масъалаи то ҳадди ниҳоӣ расонидани фоиданокии фард ва фоидаи фирма бо назардошти омили хавф бахшида шуда буд, мафҳуми хавф ҳамчун роҳбаладӣ қарорҳои иқтисодӣ дар илми иқтисодӣ эътироф карда шуд. Дар китоби номбурда масъалаҳои назарияи хавф таҳия карда шудаанд, ки робитаи байни мафҳумҳои «номуайянӣ» ва «хавф»-ро инъикос мекунанд ва тафсири эҳтимолӣ ва риёзии хавф инъикос ёфтааст.

Сарчашмаҳои дигар шаҳодат медиҳанд, ки калимаи "хавф" решаҳои испанӣ-португалӣ дорад ва маънои "харсанг", "санги зериобӣ"-ро дорад, ки бо мафҳуми "манёвр дар байни сангҳо"-ро ифода мекунад.

Дар луғати кӯтоҳи этимологии забони русӣ Н.М. Шанский қайд мекунад, ки мафҳуми «хавф» аз калимаи англисии «risk» сарчашма гирифтааст, ки дар миёнаи асри XVIII аз Фаронса ба адабиёти англисӣ ворид шуда, аз соли 1830 дар амалиёти суғурта ва баъдтар дар мубодилаи тиҷорат истифода шудааст[7].

Роберт Хизрич далел меорад, ки «консепсияи хавфи соҳибкорӣ дар асри XVII таҳия карда шуда буд, вақте ки соҳибкор ба шахсе изҳор кард, ки бо давлат барои иҷрои кор ё таҳвили маҳсулоти худ шартнома бастааст. Азбаски арзиши шартнома пешакӣ гуфтушунид карда мешуд, ҳаҷми фоида ё зиёнро танҳо бахти худи соҳибкорон муайян мекард[8].

---

[6]Даль В.И. Толковый словарь русского языка: В. 4 т: - М.: Гос. Изд-во иностр. и нац. словарей, 1955, - Т.4. - 683 с.
[7]Шанский Н.М. Краткий этимологический словарь русского языка. - М.: Просвещения. - 1971. - 542 с.
[8]Хизрич Р., Питерс М. Предпринимательство, или как завести собственное дело и добиться успеха: Выпуск 1. Предприниматель и предпринимательство. Пер. с англ. - М.: Прогресс. - 1992. - 342 с.

Асосгузори назарияи соҳибкорӣ Ричард Кантилон дар китоби худ "Таҷриба дар бораи табиати тиҷорат дар маҷмӯъ" (соли 1725) соҳибкориро як намуди махсуси фаъолияте донистааст, ки бо унсурҳои хавф алоқаманд аст. Вай қайд кардааст, ки соҳибкор як субъекти махсусест, ки дорои қобилияти пешгӯикунӣ, таваккал кардан ва пурра масъул будан барои қарорҳои қабулшуда мебошад[9].

Адам Смит зарур медонист, ки ба фоида чизеро ба монанди мукофоти суғурта ҷуброн кунад, то шахсе, ки сармояи худро ба ин тиҷорат гузоштааст, бо хавф алоқаманд дониста шавад[10].

Р.М. Качалов дар китоби худ "Идоракунии хавфи хоҷагидорӣ" менависад, ки "ба маънои васеъ номуайянӣ синоними эътимоднокӣ, нокифоягӣ ё мавҷуд набудани иттилооти пурра дар ҷараёни омодасозӣ ё қабули қарорҳо мебошад. Номуайянӣ хосияти объективии равандҳои иқтисодӣ мебошад»[11].

Ба назари мо, омилҳои асосии номуайянӣ дар соҳаи иқтисодӣ инҳо мебошанд: мавҷуд набудани иттилооти кофӣ ё боэътимод, имконият, зиддият, номуайянии натиҷаи рӯйдодҳо ва ғайра.

С.Б. Богоявленский менависад, ки ба маънои маҳдуд "хавф номуайянии талафот" ва дар шакли васеътар, "хавф эҳтимолияти фаророасии ғайричашмдошти оқибатҳои манфӣ аст"[12].

М.Х. Мескон, М. Алберт, Ф. Хедури боварӣ доранд, ки хавф сатҳи номуайянӣ дар пешгӯӣ аст[13].

Як қатор таърифҳои хавфро муаллифони асарҳои хориҷӣ ва ватанӣ ба таври кофӣ шарҳ додаанд. Ҳангоми таҳлили таърифҳои мафҳуми «хавф» мо ба вожаҳои бештар истифодашаванда, аз қабили «имконият»

[9]Терехова Е.А. Экономическая оценка рисков: учебное пособие / Е.А. Терехова, Н.В. Мозолева. - М.: Российская таможенная академия. - 2016. - 100 с

[10]Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. - М.: Наука. - 1993. - 572 с.

[11]Качалов Р.М. Управление хозяйственным риском. - М.: Наука. - 2002. - 192 с.

[12]Богоявленский С.Б. Управление риском в социально-экономических системах. - СПб.: Изд-во СПБГУЭФ. 2010. - 147 с.

[13]Мескон М.Х. Основы менеджмента. 3-е издание / М.Х. Мескон, М. Альберт, Ф. Хедоури. - М.: Вильямс. 2006. - 672 с.

ва «хатар», «муайянӣ» ё «номуайянӣ», ки хавфро ҳамроҳӣ мекунанд, вомехӯрем. Ба андешаи Г.В. Чернова хавф ҳамчун имконияти (хатари) эҳтимолии ҳодисаи номуайян (маҷмӯи ҳодисаҳо), ки метавонад зарари моддӣ расонда, боиси аз даст додани даромад гардад, тавсиф гардида аст[14]. Тавсифи васеътари хавфро С.И. Васин ва В.С. Шутов чунин додаанд[15]:

- имкони дуршавӣ аз ҳадафи пешбинишуда, ки барои он тағйир додани варианти интихобшуда амалӣ карда шудааст (нишон додани хосиятҳои манфӣ ва мусбат);
- эҳтимолияти ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ;
- нобоварӣ ба ноил шудан ба ҳадаф;
- имкони талафоти моддӣ, маънавӣ ва дигар талафоти марбут ба татбиқи тағйир додани варианти интихобшуда дар шароити номуайянӣ.

Дар заминаи соҳибкорӣ, хавфро метавон ҳамчун дучоршавии бошуурона ба зарари эҳтимолӣ, бо мақсади ба даст овардани фоидаи фавқулодда, шарҳ дод.

Т.А. Федорова хусусиятҳои хавфи субъекти хоҷагидориро, ки аз эҳтимоли тақсимоти натиҷаҳои амали иқтисодии субъект иборат аст, нишон медиҳад, ки чунинанд: номувофиқатии натиҷаҳои воқеӣ аз натиҷаҳои пешбинишуда; тақсимоти эҳтимолияти оқибатҳои номатлуб[16]. Албатта, чуноне дар муқаддимаи ҳамин диссертатсия қайд намудем имкони ҳамешагии ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ гузаштани як қисми хавф мавҷуд аст, вале на пурра бартараф намудани он. Аз ин рӯ, мақоли ".. касе хавф намекунад, ғолиб намешавад" комилан дуруст аст. Ба ибораи дигар, хавфи бошуурона ва назоратшаванда барои соҳибкоре, ки дар бораи хавф қарори дуруст қабул кардааст, ба фоидаи иқтисодӣ оварда мерасонад.

[14]Чернова Г.В., Кудрявцев А.А. Управление рисками. - М.: Проспект. - 2018. - 317 с.
[15]Васин С.М., Шутов В.С. Управление рисками на предприятии. - М.: ЮНИТИ-ДАНА. - 2019. - 357 с.
[16]Основы страховой деятельности. Учебник / отв. ред. проф. Федорова Т.А. - М.: Издательство БЕК. 2017. - 776 с.

Олими рус И.А. Бланк чунин мешуморад, ки «...хавф - хатари имконпазири аз даст додани захираҳо ё аз даст додани даромад дар муқоиса бо ҳаҷми даромади ба нақша гирифташуда ё алтернативӣ мебошад»[17]. Аз нуқтаи назари К.В. Балдин «...хавф чизест, ки натиҷаи номуайянӣ аст ва метавонад боиси талафот ё имкониятҳои иловагӣ барои корхона гардад»[18]. С.И. Ожегов баҳо медиҳад, ки «.. хавф эҳтимоли хатар, нокомӣ; ба умеди анҷоми хушбахтона амал кардан»[19].

Дар ин бора, акнун ба андешаи чанд олимони ватанӣ таваҷҷуҳ менамоем.

Профессори маъруфи тоҷик Р.К Раҷабов қайд мекунад, ки «..хавф - ин эҳтимоли пайдо шудани зарар ва ё нагирифтани даромадҳо дар муқоиса бо варианти пешгӯишаванда мебошад»[20].

Ба ақидаи Р.Ҳ. Содиқов «Хавфҳои хоҷагидорӣ хавфҳое мебошанд, ки аз ҳама гуна фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити номуайянӣ бармеоянд ва эҳтимоли зарар ва ё фоидаро ба вуҷуд меоранд»[21]. Муҳаққиқи ватанӣ Р.Ҳ. Содиқов оид ба масъалаҳои хавфи хоҷагидорӣ дар корхонаҳои саноати пахтатозакунӣ тадқиқот анҷом дода, хавфи хоҷагидориро вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ба гурӯҳҳои зиёд тасниф намудааст. Вобаста ба ин таснифот ва аз нигоҳи мо, на ҳамаи хавфҳои хоҷагидорӣ суғурта карда мебошанд.

Яке аз муҳаққиқони соҳавии суғурта Ғ.Д. Ашуров дар рисолаи илмии хеш қайд менамоянд, ки «…хавф - вазифаи асосӣ ва бунёдии суғурта буда, манфиатҳои эҳтимолияти ҳодисаҳои суғуртавиро байни суғурташаванда ва суғурткунанда ба танзим медарорад ва

---

[17]Бланк И.А. Управление торговым предприятием / И.А. Бланк. - М.:Ассоциация авторов и издателей. ТАНДЕМ. Издательство ЭКМОС. - 2014. - 416 с.
[18]Балдин К.В. Управление рисками: учеб. пособ. для студентов вузов, обучающихся по специальностям экономики и управления / К.В. Балдин, С.Н. Воробьев. - М. : ЮНИТИ-ДАНА. - 2017. - 511 с.
[19]Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка : 100000 слов, терминов и выражений: [новое издание] / С.И. Ожегов; под общ. ред. Л. И. Скворцова. - 28-е изд., перераб. - М.: Мир и образование. - 2015. - 1375 с.
[20]Раджабов Р.К. Финансовый менеджмент. - Душанбе: ТТУ. - 1998. - 87 с
[21]Содиков Р.Х. Вопросы совершенствования управления хозяйственными рисками на предприятиях хлопкоочистительной промышленности Республики Таджикистан. Автореферат диссертации на соискание уч. степ. к.э.н. - Душанбе. - 2012. - 24 с.

азнавтақсимкунии арзиши пулиро миёни иштирокдорони муносибатҳои суғуртавӣ таъмин менамояд». Таваккал ё хавфи суғуртавӣ яке аз унсурҳои асосиест, ки бо ташкили муносибатҳои суғуртавӣ алоқаманд аст. Мувофиқи қисми 1-и моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғурта» хавфи суғуртавӣ ҳодисаи эҳтимолие мебошад, ки бо назардошти ба амал омадани он суғурта карда мешавад. Ва аз ин ҷо бармеояд, ки хавфи суғуртавӣ муайянкунандаи манфиати суғуртавӣ буда, аз иродаи тарафҳои муносибатҳои суғуртавӣ вобаста набуда, тасодуфан ба миён меояд. Баҳодиҳии таваккал ҳуқуқи суғурташаванда аст (моддаи 1031 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)»[22]. Хавфи суғуртавӣ бояд унвонӣ, мушаххас ва инфиродӣ бошад, оқибати фаророрасии он бояд воқеӣ, ченшаванда ва ифодаи пулӣ дошта бошад[23].

Ғ.Д. Ашуров ба маврид қайд менамоянд, ки моҳияту мазмуни суғурта худ хавф аст, зеро иборахои “бим”, “хатар”, “тарс”, “воҳима”, “ҳарос” ва ба монанди инҳо аз як маъно сарчашма мегиранд[24].

Иқтисодчии тоҷик Ш. Шамсуллозода қайд намудааст, ки ташаккул ва рушди соҳибкорӣ ба дараҷаи муайян аз сатҳи хавфҳои марбут ба фаъолияти он вобаста мебошад. Даромад ва зарари соҳибкор аз пешгирии хавф ва номуайянӣ ба даст меояд[25].

Муҳаққиқон А.Б. Мирсаидов ва Саидмуродов Ш.М. ба он ақида ҳастанд, ки хавф, дар навбати худ, аз хусусияти қароре вобаста мебошад, ки аз ҷониби субъект дар вазъияти номуайянии натиҷаи ниҳоӣ қабул шуда, дар заминаи он эҳтимолияти ба даст овардани ҳар яке аз арзишҳои имконпазирро арзёбӣ кардан (яъне тақсимоти эҳтимолиятҳоро сохтан)

---

[22]Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия. Дисс. барои дарёфти дараҷаи док. илми иқт. Аз рӯи ихтисоси 08.00.05. иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ – соҳаи хизматрасонӣ. - Душанбе. - 2020. - 318 с. - С. 38.

[23]Худяков А.И. Страхование гражданской ответственности владельцев транспортных средств / А.И. Худяков. - СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс». - 2003. - 380 с. - С 78.

[24]Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия. Дисс. барои дарёфти дараҷаи док. илми иқт. Аз рӯи ихтисоси 08.00.05. иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ – соҳаи хизматрасонӣ. Душанбе, 2020. - 318 с. - С. 36.

[25]Шамсуллозода Ш. Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия // Диссертасия барои дарёфти дараҷаи унвони илмии д.и.и. - Душанбе. - 2022. - 344 с. - С. 27.

мумкин аст[26]. Аз нигоҳи Ш.М. Саидмуродов «хавфу хатар - ин имконияти потенсиалии ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои ногаҳонӣ бо натиҷаҳои манфӣ ё мусбӣ барои амволи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ буда, донистани хусусият ва оқибатҳои он ҳатмӣ мебошад»[27].

Ба андешаи Г.Х. Зувайдуллоева «Хавфу хатар ин омили доимӣ, ба таври даврӣ ва стохастикӣ таъсиркунандаи муҳити беруна ва ё дохилии корхонаи саноатӣ мебошад, ки ба пастравии арзиши онҳо равона гардидааст»[28]

Мафҳуми «хавф» бо мафҳумҳои «эҳтимол» ва «номуайянӣ» робитаи ҷудонашаванда дорад. Воқеан хавф хосияти эҳтимолӣ дорад, зеро пешакӣ ба таври аниқ муайян кардани фарорасии ин ё он ҳодиса имконнопазир буда, вале эҳтимол наметавонад муайянкунандаи хавф бошад. Мафҳуми «номуайянӣ» мавҷуд набудан ва ё нокифоягии иттилоот ва муайянӣ, яъне боварии аниқ надоштанро оиди натиҷаи ин ё он ҳодиса инъикос менамояд.

Мафҳумҳои «хавф» ва «фоида» бо ҳам сахт алоқаманд ва аз ҳам вобаста мебошанд. Адам Смит дар китоби худ «Тадқиқот дар бораи табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» қайд намуда буд, ки: «ҳатто даст овардани меъёрҳои муқаррарии фоида ҳамеша бо хафви калон ё хурд алоқаманд аст»[29] , яъне ба соҳибкор кафолати танҳо гирифтани фоида дода нашуда, натиҷаи фаъолияти ӯ метавонад ё фоида ва ё зарар бошад. Воқеан аз нигоҳи мо, баёни мафҳумҳои «хавф» ва «фоида» алоқаи мустақим мавҷуд буда, агар сатҳи хавф паст бошад, эҳтимоли гирифтани фоида кам мешавад ва чӣ қадаре сатҳи хавф баланд бошад, ҳаҷми фоидаи интизорӣ ҳамон қадар зиёд мешавад. (расми 1).

[26]Мирсаидов А.Б., Саидмуродов Ш.М. Риск и страхование в системе аграрных экономических отношений (теоретический аспект) // Журнал «Кишоварз» (Земледелец) Таджикский аграрный университет имени Шириншох Шотемур. - 2014. - №3(63). - С. 40-42.
[27]Саидмуродов Ш.М. Такмили методҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ. - Душанбе. - 2018. - 189 с.
[28]Зувайдуллоева Г.Х. Такмили механизми идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе. - 2021. - 57 с.
[29]Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. - М.: Наука. 1993. - 572 с.

Чӣ тавре дар расми 1.1.1 инъикос гардидааст, натиҷаи хавфе, ки сатҳи он ба сифр баробар аст даромади аз ҳама пасттарин мебошад (0; П1), хавфе, ки сатҳаш баланд аст (Р=Р2) ба гирифтани фоидаи зиёд оварда мерасонад П=П3 (П3>П2>П1). Аз ин чунин хулоса намудан мумкин аст, ки дар ҳама ҳолат аз хавф пурра гурехтан номумкин буда, татбиқи чорабиниҳои мушаххас барои паст намудани сатҳи хавф то ҳадди муайян зарур аст. П. Хейне дар асари худ "Тарзи иқтисодии тафаккур" қайд мекунад, ки "... фоида аз номуайянӣ ба вуҷуд меояд, ки дар сурати набудани он ҳама чизҳои марбут ба фоида ба таври васеъ маълум хоҳанд буд, ҳамаи имкониятҳои ба даст овардани он пурра истифода мешавад ва аз ин рӯ, фоида дар ҳама ҷо сифр хоҳад буд»[30].




**Расми 1.1.1. Вобастагии хавф ва фоида**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ**[31]

Ба андешаи мо, дар асл, аз сабаби номуайянӣ, фоида на ҳамеша сифр хоҳад буд. Аз ин рӯ, соҳибкорон омодаанд дар шароити номуайянӣ ба хавф даст зананд, зеро онҳо медонанд, ки ба ғайр аз хавфи зарар, эҳтимолияти ба даст овардани натиҷаи мусбӣ (фоида) низ вуҷуд дорад.

И. Шумпетер дар китоби худ "Назарияи рушди иқтисодӣ (омӯзиши фоидаи соҳибкорӣ, сармоя, фоизҳо ва давраи тиҷорат)" менависад, ки

---

[30]Хейне Пол. Экономический образ мышления. Пер. с англ. - М.: Изд-во «Новости» при участии «Gatallaxy». - 1991. - 704 с.

[31]Шумпетер Й. Теория экономического развития: (Исследование предпринимательской прибыли, капитала, кредита, процента и цикла конъюнктуры) / Пер. с нем. В.С. Автономова и др. Общ. ред. А.Г. Милейковского. - М.: Прогресс. - 1982. - 455 с.

агар хавфҳо дар нақшаи иқтисодӣ ба инобат гирифта нашаванд, он гоҳ онҳо ба талафот омада мерасанд[32]. Ф. Найт пешниҳод карда буд, ки мафҳумҳои эҳтимолияти «объективӣ» ва «субъективӣ» мутаносибан барои хавф ва номуайянӣ ифода карда шаванд[33].

Баъзе аз иқтисодчиён (С.Б. Богоявленский, П. Хейне, М.Х. Мескон, М. Алберт, Ф. Хедоури ва ғайраҳо) мафҳумҳои «хавф» ва «номуайянӣ»-ро айни ҳамдигар мешуморанд, ки мо ба чунин ақида розӣ нестем. Зеро «хавф» ва «номуайянӣ» мафҳумҳое ҳастанд, ки бо ҳам сахт вобаста буда, вале аз ҳам фарқ мекунанд:

1. Мафҳуми «хавф» чунин ҳолатро инъикос менамояд, ки ба воситаи он миқдоран чен кардан ва баҳо додани ҳолати хавфнок имконапзир аст, яъне хавф - ин номуайянии ченшаванда ва ё муайянии эҳтимолӣ аст. Мафҳуми «номуайянӣ» инъикоскунандаи чунин ҳолат аст, ки натиҷаи ин ё он ҳодиса номуайян аст, яъне номуайянӣ ченнашаванда аст.

2. Натиҷаи хавф муайян аст (мусбат ё манфӣ аз натиҷаи интизорӣ), натиҷаи номуайянӣ бошад гуногун ва ё бисёрварианта мебошад.

Номуайянӣ сабаб ва ё заминаи пайдоиши хавф ба шумор меравад. Ҳангом баланд будани сатҳи номуаяйнӣ сатҳи хавф низ баланд мегардад.

Дар луғати вожаҳо ва ибораҳои хориҷӣ «риск» - [фр. risque, итолявӣ. risico, гр. - rixikon - қулла, санг] аст:

1) эҳтимолияти хатар, нокомӣ; омили хавф  омилест, ки сабаби беморӣ набуда, эҳтимоли пайдоиши онро зиёд мекунад;

2) ба таври тасодуфӣ ба умеди натиҷаи хушбахтона амал кардан; бо тарс ва хавфи худ - танҳо ба худ такя кардан, барои ҳама гуна амалҳо, кирдорҳо танҳо масъулияти пурраро ба дӯш гирифтан;

3) дар амалияи суғурта - ҳодисаи эҳтимолӣ ё маҷмӯи ҳодисаҳое, ки ҳангоми рух додани он суғурта анҷом дода мешавад.

---

[32]Шумпетер Й. Теория экономического развития: (Исследование предпринимательской прибыли, капитала, кредита, процента и цикла конъюнктуры) / Пер. с нем. В.С. Автономова и др. Общ. ред. А.Г. Милейковского. - М.: Прогресс. 1982. - 455 с.

[33]Найт Ф. Риск, неопределенность и прибыль. - М.: Дело. 2003. - 360 с.

Ҳангоми таҳлили таърифҳои мафҳуми «хавф» мо ба вожаҳои бештар истифодашаванда, аз қабили «имконият» ва «хатар», «муайянӣ», ки хавфро ҳамроҳӣ мекунанд, вомехӯрем.

Ба андешаи Г.В. Чернова хавфро ҳамчун имконияти (хатари) эҳтимолии ҳодисаи номуайян (маҷмӯи ҳодисаҳо), ки метавонад зарари моддӣ расонда, боиси аз даст додани даромад гардад, тавсиф мекунад[34].

Тавсифи васеътари хавфро Васин С.И. ва Шутов В.С. додаанд[35]:

- эҳтимолияти ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ;

- нобоварӣ ба ноил шудан ба ҳадаф;

- имкони талафоти моддӣ, маънавӣ ва дигар талафоти марбут ба татбиқи тағир додани варианти интихобшуда дар шароити номуайян.

Т.А. Федорова хусусиятҳои хавфи субъекти хоҷагидориро, ки аз эҳтимоли тақсимоти натиҷаҳои амали иқтисодии субъект иборат аст, нишон медиҳад, ки чунинанд: номувофиқатии натиҷаҳои воқеӣ аз натиҷаҳои пешбинишуда; тақсимоти эҳтимолияти оқибатҳои номатлуб[36]. Албатта, ҳамеша имкони ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ гузаштани як қисми хавфмавҷуд аст, вале на пурра бартараф намудани он. Аз ин рӯ, ҳукми "касе ки хавф намекунад, ғолиб намешавад" комилан дуруст аст. Ба ибораи дигар, хавфи бошуурона ва назоратшаванда барои соҳибкоре, ки дар бораи хавф қарори дуруст қабул кардааст, ба фоидаи иқтисодӣ оварда мерасонад.

Мо метавонем бо итминон гӯем, ки номуайянӣ ва хавф дар соҳибкорӣ аҳамияти бузург доранд ва ихтилофи байни нақшаҳои пешбинишуда ва натиҷаи воқеӣ ҳамеша вуҷуд дорад. Номуайянӣ ва тағйирпазирии муҳити беруна (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва бисёр омилҳои дигар) заминаи объективӣ нисбат ба корхона буда, субъекти хоҷагидорро водор мекунад, ки ба он мутобиқ шавад.

[34]Чернова Г.В., Кудрявцев А.А. Управление рисками. - М.: Проспект. - 2008. - 317 с.
[35]Васин С.М., Шутов В.С. Управление рисками на предприятии. - М.: ЮНИТИ-ДАНА. - 2019. - 357 с.
[36]Основы страховой деятельности. Учебник / отв. ред. проф. Федорова Т.А. - М.: Издательство БЕК, 1999. - 776 с.

Олимон Г.Б. Клейнер, В.Л. Тамбовтсев, Р.М. Качалов мафҳуми «хавф»-ро асосан ҳамчун хатари талафот дар раванди татбиқи лоиҳа медонанд[37]. Нақши муҳимро хислат, майл, хусусиятҳои психологӣ ва сатҳи дониши соҳибкори мушаххас, ки ба ӯ имкон медиҳад, то ҳадди хавфи қобили худаш муқаррар кунад, нақши муҳим мебозад.

П.П. Маслова равиши субъективии хавфро пешниҳод намуда, онро ҳамчун тарзи амали шахс дар вазъияти номуайянӣ асоснок менамояд. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки воқеияти объективӣ қабул карда, аз қарорҳои хавфнок канорагирӣ накунанд, онро бори дигар бехатар нагузоранд, балки хавфҳои мувофиқ ва оқилонаро ба даст оранд, хавфи асоснок ва беасосро равшан фарқ карда тавонанд, санъати идоракунии хавфҳоро аз худ кунанд[38].

Хусусиятҳои психологии роҳбарон, дараҷаи азхудкунии равандҳои технологӣ дар ҳолатҳои хатарнок ба ҳолати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва психологии кормандони корхона бевосита таъсир мерасонанд. Дар ҳар вазъият, менеҷер бояд оқибатҳои эҳтимолии қарорҳоро ҳам мусбат ва ҳам манфӣ донад. Ҳангоми қабули қарори марбут ба хавф, бояд ҳудуди хавфи қобили қабул пешниҳод карда шавад. Дар сурати рух додани хатари ҷиддӣ, ҳалли он, ки хатари ҳадди ақалро ваъда медиҳад, афзалтар аст.

Бо вуҷуди ин, П.П.  Маслова қайд мекунад, ки амалияи идоракунӣ чунон гуногунҷанба аст, ки пешгӯӣ кардан ва пешниҳод намудани рӯйхати мукаммали ҳолатҳои марбут ба хавф ғайриимкон аст.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ се равиши методологии муайян кардани хавф мавҷуд аст: аз нуқтаи назари натиҷаҳои молиявӣ; аз нуқтаи назари эҳтимоли калавиш аз рафти ҷараёни пешбинишуда;  аз нуқтаи назари эҳтимоли пайдоиши ҳодисаҳои номатлуб (расми 1.1.2).

---

[37]Клейнер Г.Б., Тамбовцев В.Л., Качалов Р.М. Предприятие в нестабильной экономической среде: риски, стратегия, безопасность. - М.: Экономика. - 1998. - 288 с.
[38]Маслов П.П. Измерение потребительского спроса. - М.: Экономика. - 1971. - 159 с.




**Расми 1.1.2 - Вариантҳои имконпазири таърифи мафҳуми “хавф”**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Бояд қайд намуд, ки то ҳанӯз дар адабиёти иқтисодии хориҷӣ ва ватанӣ тафсири ба таври умум қабул ва ё эътирофшудаи мафҳуми «хавф» вуҷуд надорад, ки сабаби ин гуногунпаҳлӯӣ, мураккабӣ ва мухолифатнокии ин мафҳум ба шумор меравад. Равишҳои гуногунро оид ба таъриф и мафҳуми “хавф” омӯхта, мо онҳоро ба ду гурӯҳи муқобил ҷудо намудем: (ҷадвали 1.1.1).

**Ҷадвали 1.1.1. - Таърифҳои мафҳуми «хавф» вобата ба натиҷаҳои он[39]**

| Муаллифони тафсирҳо | Нуқтаҳои асосии тафсирҳо |
|---|---|
| Ҷ. Милл, Н.У. Сениор, Б.Л. Райзберг, П.Г. Грабовий, Л.А. Миэрин, В.В. Шахов ва ғайраҳо | Хавф - ин хатар, эҳтимоли рух додани ҳодисаҳои нохуш, ки натиҷаи онҳо зарари моддӣ ва дигар намудҳои талафот шуда метавонад. |
| А. Маршалл, Ф. Найт, А. Пигу, Ҷ.М. Кейнс, П. Самуэлсон, Т. Бачкаи, А.П. Алгин, И.П. Морган, Р.М. Качалов, Б.С. Марашд, А.П. Градов ва ғайраҳо | Хавф - ин эҳтимоли ба вуқӯъ пайвастани ҳодисаи муайяне аст, ки ба гирифтани зарар ва ё фоида оварда мерасонад |

[39]Содиков Р.Х. Вопросы совершенствования управления хозяйственными рисками на предприятиях хлопкоочистительной промышленности Республики Таджикистан. Диссертация на соискание уч. степ. к.э.н. - Душанбе. - 2012. - 169 с.

Ба андешаи мо, муайян намудани хавф ҳамчун эҳтимоли гирифтани танҳо зарар дуруст набуда, мазмуни иқтисодии мафҳуми гуногунпаҳлуву мураккаби хавфро пурра ифода карда наметавонад, зеро гирифтани натиҷаи мусбат (фоида) низ ба хавф вобаста аст.

Таърифҳои гуногуни мафҳуми хавфро аз нигоҳи муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ омӯхта, муҳимтарини онҳоро ҳамчун хулосаи мазмуну мундариҷаи хавф дар шакли ҷадвал тасвир мекунем (ҷадвали 1.1.2).

**Ҷадвали 1.1.2. - Вариантҳои таърифи мафҳуми «хавф»**

| Муаллифон | Таърифи хавф ва мазмуни он |
|---|---|
| С.Б. Богоявленский | "... хавф номуайянии талафот" ва дар шакли васеътар, "хавф эҳтимолияти фарорасии ғайричашмдошти оқибатҳои манфӣ аст"[40]. |
| Г.В. Чернова | “..хавф ҳамчун имконияти (хатари) эҳтимолии ҳодисаи номуайян (маҷмӯи ҳодисаҳо), ки метавонад зарари моддӣ расонда, боиси аз даст додани даромад гардад”[41]. |
| С.И. Васин, В.С. Шутов | “... хавф - ин имкони дуршавӣ аз ҳадафи пешбинишуда, эҳтимолияти ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ”[42]. |
| Т.А. Федорова | “... хавф ин номувофиқатии натиҷаҳои воқеӣ аз натиҷаҳои пешбинишуда; тақсимоти эҳтимолияти оқибатҳои номатлуб”[43]. |
| И.А. Бланк | «... хавф - хатари имконпазири аз даст додани захираҳо ё аз даст додани даромад дар муқоиса бо ҳаҷми даромади ба нақша гирифташуда ё алтернативӣ мебошад»[44]. |
| К.В. Балдин | «... хавф чизест, ки натиҷаи номуайянӣ аст ва метавонад боиси талафот ё имкониятҳои иловагӣ барои корхона гардад»[45]. |
| С.И. Ожегов | «…эҳтимоли хатар, нокомӣ; ба умеди анҷоми хушбахтона амал кардан»[46]. |
| Р.К. Раҷабов | «..хавф - ин эҳтимоли пайдо шудани зарар ва ё нагирифтани даромадҳо дар муқоиса бо варианти пешгӯишаванда мебошад»[47]. |
| Ғ.Д. Ашуров | «…хавф - вазифаи асосӣ ва бунёдии суғурта буда, манфиатҳои эҳтимолияти ҳодисаҳои суғуртавиро байни |

[40] Богоявленский С.Б. Управление риском в социально-экономических системах. - СПб.: Изд-во СПБГУЭФ. - 2010. - 147 с. - С. 23.
[41] Чернова Г.В., Кудрявцев А.А. Управление рисками. - М.: Проспект. - 2008. - 317 с.-С. 28-32.
[42] Васин С.М., Шутов В.С. Управление рисками на предприятии. - М.: ЮНИТИ. - 2019. - 357 с. - С. 42
[43] Основы страховой деятельности. Учебник / отв. ред. Федорова Т.А. - М.: Издательство БЕК, 1999. - 776 с.
[44] Бланк И.А. Управление торговым предприятием / И.А. Бланк. - М.: Ассоциация авторов и издателей. ТАНДЕМ. Издательство ЭКМОС. - 2014. - 416 с.
[45] Балдин К.В. Управление рисками: учебное пособие для студентов вузов, обучающихся по специальностям экономики и управления / К.В. Балдин, С.Н. Воробьев. - М.: ЮНИТИ-ДАНА. - 2017. - 511 с.
[46] Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка : 100000 слов, терминов и выражений: [новое издание] / С.И. Ожегов; под общ. ред. Л. И. Скворцова. - 28-е изд., перераб. - М.: Мир и образование. - 2015. - 1375 с.
[47] Раджабов Р.К. Финансовый менеджмент. - Душанбе: ТТУ. - 1998. - 87 с

| | |
|---|---|
| | суғурташаванда ва суғуртакунанда ба танзим медарорад ва азнавтақсимкунии арзиши пулиро миёни иштирокдорони муносибатҳои суғуртавӣ таъмин менамояд»[48]. |
| А.Б. Мирсаидов, Ш.М. Саидмуродов | “..хавф, дар навбати худ, аз хусусияти қароре вобаста мебошад, ки аз ҷониби субъект дар вазъияти номуайянии натиҷаи ниҳоӣ қабул шуда, дар заминаи он эҳтимолияти ба даст овардани ҳар яке аз арзишҳои имконпазирро арзёбӣ кардан (яъне тақсимоти эҳтимолиятҳоро сохтан) мумкин аст”[49]. |
| Р.Ҳ. Содиқов | «..хавфҳои хоҷагидорӣ хавфҳое мебошанд, ки аз ҳама гуна фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити номуайянӣ бармеоянд ва эҳтимоли зарар ва ё фоидаро ба вуҷуд меоранд»[50]. |
| Ш.М. Саидмуродов | «... хавфу хатар - ин имконияти потенсиалии ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои ногаҳонӣ бо натиҷаҳои манфӣ ё мусбӣ барои амволи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ буда, донистани хусусият ва оқибатҳои он ҳатмӣ мебошад»[51]. |
| Г.Х. Зувайдуллоева | « Хавфу хатар ин омили доимӣ, ба таври даврӣ ва стохастикӣ таъсиркунандаи муҳити беруна ва ё дохилии корхонаи саноатӣ мебошад, ки ба пастравии арзиши онҳо равона гардидааст »[52] |
| Муаллиф | «... *хавф - ин ҳолати номуайянӣ, номувофиқатии натиҷаи воқеӣ аз нақшаи пешбинишуда, эҳтимоли гирифтани ё зарар ё фоида мебошад*»[53]. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Дар асоси омӯзиши равишҳои гуногун оид ба моҳияти хавф, мо мафҳуми “хавф”-ро чунин таъриф медиҳем: *хавф - ин ҳолати номуайянӣ, номувофиқатии натиҷаи воқеӣ аз нақшаи пешбинишуда, эҳтимоли гирифтани ё зарар ё фоида мебошад.*

Таҳқиқи хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ имкон дод хавфҳои корхонаҳои мазкурро тасниф намоем (ҷадвали 1.1.3).

[48] Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия. Дисс. барои дарёфти дараҷаи док. Илми иқт. Аз рӯи ихтисоси 08.00.05. иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ – соҳаи хизматрасонӣ. – Душанбе. - 2020. - С. 38.

[49] Мирсаидов А.Б., Саидмуродов Ш.М. Риск и страхование в системе аграрных экономических отношений (теоретический аспект) // Журнал «Кишоварз» (Земледелец) Таджикский аграрный университет имени Шириншох Шотемур, 2014. №3 (63). - С. 40- 42.

[50] Содиков Р.Х. Вопросы совершенствования управления хозяйственными рисками на предприятиях хлопкоочистительной промышленности Республики Таджикистан. Автореферат диссертации на соискание уч. степ. к.э.н. – Душанбе, - 2012. - С. 9.

[51] Саидмуродов Ш.М. Такмили методҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ. - Душанбе. - 2018. - 189 с.

[52] Зувайдуллоева Г.Х. Такмили механизми идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе. - 2021. - 57 с.

[53] Муаллифи диссертатсия.

**Ҷадвали 1.1.3. - Таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ**

| Меъёрҳои тасниф | Намуди хавфҳо | Тавсифи хавфҳо |
|---|---|---|
| Соҳаи пайдоиш | Сиёсӣ | Бо номуътадилии сиёсӣ ва ворид кардани тағйирот ба қонунгузории амалкунандаи мамлакат вобаста мебошад. |
| | Экологӣ | Бо ҳолатҳои садамавӣ ва ифлосшавии муҳити зист вобаста аст. |
| | Истеҳсолӣ | Бо ҳолатҳои зерин вобаста аст:танаффусӣ маҷбурӣ дар истеҳсолот; талафоти воситаҳои асосӣ; аз кор баромадани фондҳои асосӣ. |
| | Тиҷоратӣ | Бо тағйирёбии шароити фаъолияти тиҷоратӣ ва қисмҳои бозор вобаста мебошад. |
| | Нақлиётӣ (логистикӣ) | Бо ҳолати беталаф нигоҳ доштани бор ҳангоми боркашонӣ, риояи муҳлати таҳвили бор алоқаманд мебошад. |
| | Молиявӣ | Бо эҳтимоли аз даст додани захираҳои молиявӣ вобаста аст. |
| Табиати пайдоиш | Объективӣ | Хавфҳое, ки новобаста аз фаъолияти корхона ё таъсири одамон бавуҷуд меоянд. |
| | Субъективӣ | Хавфҳое, ки дар натиҷаи таъсири одамон пайдо мешаванд. |
| Муҳити пайдоиш | Берунӣ | Тағйирёбии сиёсати иқтисодӣ, офатҳои табиӣ, хавфи асъорӣ. |
| | Дохилӣ | Хавфҳое, ки бевосита бо фаъолияти корхона вобаста мебошанд: истеҳсолӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, техникӣ ва ғайра. |
| Сатҳи қобили қабул будани хавф | Имконпазир, қобили қабул | Хавфе, ки зарари молиявии дар натиҷаи рух додани он бавуҷудомада аз ҳаҷми фоидаи интизории корхона камтар аст. |
| | Бисёр мушкил, хатарнок | Хавфе, ки зарари молиявии дар натиҷаи рух додани он бавуҷудомада аз ҳаҷми фоидаи интизории корхона бештартар мебошад. |
| | Ҳалокатовар | Хавфе, ки зарари молиявии он ба ҳаҷми сармояи умумии корхона баробар ё аз он зиёдтар буда, эҳтимоли муфлисшавии корхона мавҷуд аст |
| Имконпазирии суғуртакунӣ | Суғурташаванда | Хавфҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ қабул карда мешаванд. |
| | Суғуртанашаванда | Хавфҳое, эҳтимолияти бавуҷуд омаданашон, хело зиёд буда, аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ қабул карда намешаванд. |
| Оқибати фарорасии хавф | Холис ё соф | Хавфҳое, ки натиҷаашон сифр ё манфӣ мебошанд (офатҳои табиӣ, хавфҳои экологӣ, истеҳсолӣ, сиёсӣ, нақлиётӣ, ва ғайра). |
| | Спекулятивӣ (ҳаннотӣ) | Хавфҳое, ки натиҷаашон ё манфӣ (зарар) ва ё мусбат (фоида) мебошанд (хавфҳои таваррумӣ, қарзӣ, фоизӣ, биржавӣ, муфлисшавӣ ва ғайра). |

**Сарчашма**: **таҳияи муаллиф.**

Таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ имкон медиҳад:

- мусоидат намудан дар раванди хавфҳо ва тартиб додани номгӯи онҳо, ки ба фаъолияти корхона хос аст;

- фароҳам овардани имконият барои интихоби мувофиқ ва ташкили самараноки системаи идоракунии хавфҳо.

Саноати бофандагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои қадима ва калонтарини саноати сабук буда, аз навъҳои гуногуни нахи растанӣ, пашми ҳайвонот ва нахи химиявӣ (сунъӣ ва синтетикӣ) матои бофта, трикотажӣ ва маснуоти дигар тайёр мекунад ва инчунин фарогири бахшҳои тайёркунандаи ашёи хоми бофандагӣ, матоъҳои пахтагин, катонӣ, пашмин, абрешимин, канабию ҷутӣ, тӯрӣ, бофандагию чарчинворӣ, трикотажӣ мебошад.

Ашёву маҳсулоти саноати бофандагиро барои дӯхтани либосу пойафзол, инчунин дар дигар соҳаҳои саноат (масалан, саноати мебел, мошинсозӣ) истифода мебаранд.

Вобаста ба он, ки соҳаи саноати бофандагӣ сохтори васеъ ва амалиёти зиёди истеҳсолиро фарогир аст, эҳтимолияти пайдоиши хавфҳо зиёд мебошад. Бинобар ин, ба андешаи мо, *хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ - ин эҳтимоли дар шароити номуайянӣ ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои ногаҳонӣ дар ҳамаи самтҳои фаъолият буда, тамоил нисбат ба нақшаи пешбинишуда мебошад, ки натиҷааш ё мусбат ё манфӣ мешавад.*

Бояд қайд намуд, ки хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро вобаста аз муҳити пайдошавиашон ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунанд: дохилӣ ва берунӣ.

Хавфҳои дохилиро, дар навбати худ, метавон ба хавфҳои объективӣ ва субъективӣ тақсим кард.

Хавфҳои дохилии субъективӣ хавфҳои қабули қарорҳои идоракуниро дар ҳама марҳилаҳои банақшагирӣ ва татбиқи стратегия (аз ҷумла, хатарҳои ҳадафҳои нодуруст интихобшуда, фосила дар

банақшагирии стратегӣ, тактикӣ ва амалиётӣ, вайрон кардани иерархияи тобеияти ҳадафҳо ва нақша) дар бар мегиранд.




**Расми 1.1.3. - Таснифи хавфҳои корхонаи саноатӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Ба андешаи мо, хавфҳои дохилӣ сазовори таваҷҷуҳи бештар мебошанд, ки сохтори хеле гуногун доранд ва метавонанд ба як қатор гурӯҳҳои васеъ тақсим карда шаванд, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

- хавфи истеҳсолӣ бо истеҳсоли маҳсулот (мол, хизматрасонӣ), ба иҷрои ҳама гуна намуди фаъолияти истеҳсолӣ алоқаманд аст.

Сабабҳои муҳимтарини ба вуҷуд омадани хавфи истеҳсолӣ: кам шудани ҳаҷми пешбинишудаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, афзоиши хароҷоти моддӣ ва дигар хароҷотҳо, талафот аз сифати пасти маҳсулот, паст шудани нархҳое, ки дар он фурӯши маҳсулот пешбинӣ шуда аст, зиёд шудани фонди музди кор, зиёд шудани пардохтҳои андоз, интизоми

пасти махсулотсупорӣ, қатъ гардидани сузишворӣ ва қувваи электрики-физикӣ ва кухна шудани таҷхизот ва ғайра мебошад.

Ҳамин тавр, аз сабаби он, ки мафҳуми «хавф» бисёрҷанба буда, омилҳои гуногунро дар бар мегирад, на танҳо хусусияти як намуди фаъолият, балки хусусиятҳои мушаххаси номуайянии дар он амалишавандаро тавсиф намудан хеле душвор аст. Ҳамчунин, сабабҳои хавфи мушаххас аз намуди фаъолияти корхона вобаста аст.

Рушди босуръати фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба он оварда мерасонад, ки заминаҳо ва омилҳои пайдоиши хавфҳо доимо зиёд шуда, дар натиҷа ҳаҷми оқибатҳои манфии онҳо бештар мегардад. Барои идоракунии оқилона ва самараноки хавфҳо муайян намудани асосҳои методии баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ зарур аст.

## 1.2. Асосҳои методии баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ масъалаи баҳодиҳӣ ва таҳияи системаи самараноки идоракунии хавфҳо ҳамчун ҷузъи муҳими назария ва амалияи идоракунӣ аҳаммияти мустақили назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Аксарияти қарорҳои идоракунӣ дар шароити хавф қабул мешаванд, ки ин ба як қатор омилҳо - набудани иттилооти мукаммал, мавҷудияти тамоюлҳои ба ҳам мухолиф, унсурҳои тасодуф ва ғайраҳо вобаста аст. Дар ин асос, усулҳои баҳодиҳии хавфҳоро дар корхонаҳои саноати бофандагӣ одатан ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд: сифатӣ ва миқдорӣ. Баҳодиҳии сифатӣ усули оддӣ буда, вазифаи асосии он муайян кардани омилҳо, сабабҳо ва намудҳои хавфҳои имконпазир мебошад. Натиҷаҳои баҳодиҳии сифатии хавфҳо иттилооти ибтидоӣ барои гузаронидани баҳодиҳии миқдории хавфҳо ба шумор меравад.

Ба усулҳои баҳодиҳии сифатии хавфҳо инҳо дохил мешаванд:

экспертӣ (аз ҷумла, усули Делфи); таҳлили фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона; индекси Алтман; қиёсӣ; SWOT-таҳлил.

Усули баҳодиҳии экспертии хавфҳо дар асоси ташкили гурӯҳи экспертҳо, ки мутахассисони варзидаи соҳаи тадқиқшаванда мебошанд, гузаронида мешавад. Яке аз намудҳои усули баҳодиҳии экспертии хавфҳо усули Делфи ба шумор меравад (ин усул солҳои 1950-1960 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) таҳия шудааст ва номи ҳайвони баҳрии паёмовар Делфинро гирифтааст), ки мақсад аз истифодаи он гирифтани баҳои ҷамъбастии экспертҳо ба шумор меравад. Хусусияти хоси усули Делфи он аст, ки экспертҳо фикру андешаҳои худро ба таври фардӣ баён мекунанд.

Усули Делфиро дар тамоми марҳилаҳои ҷараёни идоракунии хавфҳо, ки мувофиқсозии фикру андешаҳои экспертҳо зарур аст, истифода мебаранд.

Як қатор усулҳои муайян намудани дурустии баҳои экспертҳо мавҷуд буда, дар ҳолати ба ҳам мувофиқ омадани фикру андешаҳои онҳо дурустии баҳои додашуда кафолат дода мешавад. Бо ин мақсад бештар зариби мувофиқакунонии нуқтаи назарҳо (конкордатсия) истифода мешавад, ки онро аз рӯи формулаи зерин муайян менамоянд:

$$\mathbf{W=\delta^2в/\delta^2max,} \qquad \mathbf{(1.2.1)}$$

дар ин ҷо: $\delta^2$в - дисперсияи воқеии баҳои ҷамъбастӣ дар асоси маълумоти экспертҳо;

$\delta^2$max - дисперсияи баҳои ҷамъбастӣ дар ҳолате, ки агар баҳои додаи экспертҳо пурра мувофиқат намояд.

Бузургии зариби мувофиқакунонии нуқтаи назарҳо дар масофаи зерин ифода меёбад:

$$\mathbf{0<W<1,} \qquad \mathbf{(1.2.2)}$$

Ҳангоми W=0, чунин шуморида мешавад, ки мувофиқати баҳои экспертҳо мавҷуд набуда, байни баҳои додаи экспертҳои гуногун алоқа вуҷуд надорад. Агар W=1 бошад, он гоҳ маълум мешавад, ки

мувофиқати пурраи баҳои додаи экспертҳо мушоҳида мешавад.

Барои қабули қарор оиди истифодаи баҳои додаи экспертҳо зарур аст, ки зариби мувофиқакунонии нуқтаи назарҳо аз 50% зиёд бошад.

*Индекси Алтман.* Яке аз усулҳои баҳодиҳии хавфи муфлисшавии корхона индекси Алтман (Z-ҳисоби Алтман) ба шумор меравад. Эдвард Алтман олими амрикоист, ки яке аз аввалинхо шуда баҳодиҳии ҳолати молиявии корхонаро на бо ёрии коэффитсиентҳо, балки бо истифода аз модели интегралӣ пешниход кардааст. Модели интегралӣ - маҷмӯи коэффитсиентҳо бо арзишҳои миқдорӣ, ки тавассути онҳо нишондиҳандаи интегралиро ҳисоб карда шуда, имкон медиҳад ҳолати молиявии корхона баҳогузорӣ карда шавад[54].

Индекси Алтман имкон медиҳад субъектҳои хоҷагидориро ба муфлисшавандагони имконпазир ва муфлиснашавандагон ҷудо намоем. Бояд қайд намуд, ки дар намуди умумӣ индекси қобилияти пардохтпазирӣ (индекси Z-ҳисоби Алтман) бо чунин формула ифода карда мешавад:

$$Z=3,3K1+K2+0,6K3+1,4K4+1,2K5, \qquad (1.2.3)$$

дар ин ҷо, зарибҳои алоҳида аз рӯи формулаҳои зерин муайян карда мешавад:

К1=фоида аз фурӯш/балaнси ҷамъбастӣ.

К2=даромад аз фурӯш/балaнси ҷамъбастӣ.

К3=сармояи худӣ/сармояи қарзӣ.

К4/фоидаи тақсимнашуда/балaнси ҷамъбастӣ

К5=воситаҳои гардони худӣ/ балaнси ҷамъбастӣ

Ҳолати бухронии индекси Алтман ба 2,675 баробар буда, он бо ҳолати ҳисобии индекси қобилияти қарзпардозии корхонаи мушаххас муқоиса карда мешавад. Дар асоси чунин муқоисакунӣ имконияти муфлисшавии баъзе корхонаҳо дарояндаи наздик (2-3 соли оянда) ($Z<2,675$) ва инчунин устувории молиявии баъзе корхонаҳои дигар ($Z>2,675$) муайян карда мешавад.

[54]Фомченкова С.В. Модель Альтмана как способ оценки платежеспособности предприятия / С.В. Фомченкова // Вестник науки и образования. - 2020. - №4(6). - С. 134-137.

*SWOT-таҳлил.* SWOT - калимаи мураккуби мухтасаршуда аз калимаҳои англисии Strength - қувва, Weakness - сустӣ, Opportunity - имконият, Threat - хатар таҳия шудааст. Мақсади SWOT-таҳлил барои муайян кардани тарафҳои пурқувват ва заифи корхона, инчунин имкониятҳо ва хатари муҳити беруна истифода бурда мешавад. Бо ин усул таҳлили ҳолати дохилӣ ва идоракунии корхона гузаронида шуда, инчунин муҳити берунии корхона баҳогузорӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, намунаи SWOT-таҳлил дар ҷадвали 1.2.1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.2.1. - Тарафҳои пурқувват ва заифи SWOT-таҳлил**

| **Тарафҳои пурқувват (Strength)** | **Тарафҳои суст (Weakness)** |
|---|---|
| Мавҷудияти иқтидорҳои истеҳсолӣ | Номуайянии сарчашмаҳои маблағгузорӣ |
| Таҷрибаи кормандон | Пурра ноомӯхта будани бозор ва рақибон |
| Доштани малакаи кор бо технологияҳои муосир | Тадқиқи нокифояи хавфҳо |
| Мавҷудияти маълумот дар бораи рақибон | Камтаҷрибагии кормандон |
| Истифодаи техника ва технологияи муосир | Хурдашавии воситаҳои асосӣ |
| **Имкониятҳо (Opportunity)** | **Хатарҳо (Threat)** |
| Баромадан ба бозорҳои дигар | Пайдо шудани рақиби пурқувват |
| Ҷалби дигар шарикон | Тағйирёбии шартҳои ба ҷумҳурӣ ворид кардани молҳои саноатӣ |
| Ҷалби захираҳои қарзии арзон | Буҳрони иқтисодӣ |
| Ба кор қабул намудани мутахассисони ботаҷриба | Кам шудани талабот ба молҳо (корҳо ва хизматрасониҳои) корхона |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

*Усулҳои миқдории баҳодиҳии хавфҳо.* Вабаста ба ин усулҳо хавфҳо миқдоран баҳогузорӣ ва муқоиса карда мешаванд, ки маъмултарин усулҳои баҳодиҳии миқдории хавфҳо инҳоанд: *оморӣ; таҳлилӣ; таҳлили хароҷот ва фоида; арзёбии устувории молиявӣ ва пардохтпазирӣ; таҳлили оқибатҳои ҷамъшавии хавф; усули омехта.*

Моҳияти усулҳои омории баҳодиҳии хавфҳо дар муайян намудани эҳтимоли ба вуҷуд омадани зарар дар асоси маълумоти омории давраҳои гузашта ва муқаррар кардани минтақаи хавф, зариби хавф ва ғайра

ифода меёбад. Тавассути усулҳои оморӣ маълумот дар бораи зарар ва фоида дар корхонаи мазкур ва ё корхонаи ба он монанд дар давраи гузашта омӯхта шуда, бузургӣ ва зуддии боздеҳи иқтисодии гирифташуда муайян карда шуда, варианти эҳтимолнокиаш зиёд барои оянда таҳия карда мешавад. Воситаҳои асосии баҳодиҳӣ ва ё ҳисоби омории хавфҳо инҳо мебошанд:

1. *Натиҷаи миёнаи ҳаҷми тасодуфӣ (фоида ва даромад).* Ҳаҷми миёна натиҷаи миқдории ҷамъбастии интизорӣ буда, имкон намедиҳад ба кадоме аз вариантҳои маблағгузорӣ бартарӣ дода шавад:

$$\bar{x} = \sum_{i=1}^{n} p_i x_i \,, \qquad \textbf{(1.2.4)}$$

дар ин ҷо: $\bar{x}$ - натиҷаи миёнаи интизорӣ;

$x_i$ - натиҷаи нишонаи тағйирёбӣ;

$p_i$ - эҳтимоли пайдо шудани ҳаҷми тасодуфӣ;

$n$ - шумораи натиҷаҳои имконпазири ҳаҷми тасодуфӣ.

2. *Дисперсия (D)* - ченаки тағйирёбии натиҷаи имконпазирро муайян менамояд:

$$D = \sum_{i=1}^{n} (X_i - \bar{X})^2 P_i \,. \qquad \textbf{(1.2.5)}$$

3. *Дуршавии (калавиши) миёнаквадратӣ:*

$$\sigma = \sqrt{D} \,. \qquad \textbf{(1.2.6)}$$

Дисперсия ва дуршавии (калавиши) миёнаквадратӣ калавиши ё дуршавии мутлақи натиҷаҳои молиявии имконпазирро тавсиф менамоянд. Чӣ қадаре калавиши ё дуршавии стандартӣ баланд бошад, сатҳи хавфи лоиҳа ҳамон қадар баланд аст. Агар вариантҳои таҳлилшаванда калавиши ё дуршавии стандартии якхела дошта бошанд, он гоҳ барои баҳодиҳии хавф зариби вариатсия (тағйирёбӣ) истифода мешавад.

1. *Зариби вариантӣ (V)* (тағйирёбӣ) бузургии нисбӣ буда, бо ёрии он нишонаҳои калавиш ё дуршавиро, ки дар воҳидҳои гуногуни ченкунӣ

ифода ёфтааст, баробар намудан мумкин аст. Чӣ қадаре зариби вариантӣ баланд бошад, калавиши ё дуршавии стандартӣ ҳамон қадар пурзур мебошад. Ин зариб бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$V = \sigma / \bar{x} \quad (1.2.7)$$

Баҳодиҳии зерини зариби вариантӣ муқаррар карда шудааст:

а) - то 10% калавиши ё дуршавии суст;

б) - 11 - 25% калавиши ё дуршавии миёна;

в) - зиёда аз 26% калавиши ё дуршавии баланд.

*Усули таҳлили мақсаднокии хароҷот* барои ошкор намудани минтақаи хавфҳои имконпазир, таҳияи кайҳатаи хавф ва таҳлили ҳолати молиявии корхона вобаста аз зарари имконпазир ва сатҳи устувории молиявии корхона равона шудааст.

*Мисол*, фарз кардем, ки соҳибкор ба арзиши 1000 000 воҳиди пулӣ саҳмия дорад. Соҳибкор бояд барои гирифтани фоидаи ниҳоӣ яке аз се варианти зеринро қаубл намояд:

- саҳмияҳояшро пурра нигоҳ дорад;

- ҳамаи саҳмияҳояшро фурушад;

- боз бо арзиши 500 000 воҳиди пулӣ саҳмия харидорӣ намояд.

Эҳтимоли 20% афзоишёбии қурби арзиши саҳмияҳо ба 0,6 ва эҳтимоли 20% пастшавии қурби арзиши саҳмияҳо ба 0,4 баробар мебошад. Соҳибкор бояд кадом вариантро қабул намояд?

*Ҳал.* Натиҷаи интизории математикиро дар сурати қабул кардани қарор дар бораи харидорӣ намудани саҳмияҳо муайян мекунем:

*M=0,6*1500*1,2+0,4*1500*0,8=1560 ҳазор воҳиди пулӣ.*

Бо чунин тарз натиҷаи интизории варианти «нигоҳ доштани» саҳмияҳоро муайян менамоем:

*M=0,6*1000*1,2+ 0,4*1000*0,8=1040 ҳазор воҳиди пулӣ.*

Ниҳоят, дар асоси хулосаи натиҷаҳои интизорӣ, ки чунин аст, қарор қабул кардан мумкин мебошад:

Варианти 1: 1560-500=1060 ҳазор воҳиди пулӣ.

Вариант 2: 0+1000=1000 ҳазор воҳиди пулӣ.

Вариант 3: 1040+0=1040 ҳазор воҳиди пулӣ.

Хулоса, дар асоси натиҷаҳои мазкур, бо мақсади ба ҳадди ниҳоӣ расонидани арзиши саҳмияҳо мо варианти якумро интихоб менамоем.

Хавф ҳодисаи доимӣ набуда, дар зери таъсири омилҳои гуногун тағйир меёбад. Ташкилоти суғуртавӣ бояд оиди ҳаракати хавфҳо назорати доимӣ бурда, ҳисоби оморӣ ташкил намуда, иттилооти ҷамъовардаааашро таҳлил ва хулосабарорӣ намояд. Суғуртакунанда дар асоси иттилооти гирифтааш оид ба ҳаракат ва рушди хавф онро баҳогузорӣ карда, қарор қабул менамояд: ин ё он объекти суғуртаро ба кадом гурӯҳи хавфҳо бояд мансуб донист; ба хавфи мазкур кадом тарифи суғуртавӣ дурусттар мувофиқат менамояд.

Гурӯҳи миёнаи хавфҳоро ҳаҷми миёнаи уҳдадориҳои хавфӣ муайян менамояд, ки он ба сифати чораҳои муқоисавӣ истифода мешавад. Ва дар ин ҳолат баҳодиҳии объекти суғурта барои ҳалли масъалаҳои зерин зарур аст:

- муқаррар намудани маблағи суғуртавӣ, ки ҳаҷми уҳдадории суғуртакунандаро дар назди суғурташаванда муайян мекунад;

- муайян намудани ҳаҷми пардохти суғуртавӣ, ки дар асоси сатҳи зарари имконпазир муқаррар карда мешавад;

- баҳодиҳии имконпазирӣ ва ё имконнопазирии суғуртакунии объекти мазкур.

Барои баҳодиҳии хавфҳо дар кори амалии ташкилоти суғуртавӣ аз усулҳои гуногун истифода мебаранд: баҳодиҳии фардӣ; ҳаҷми миёна; фоизҳо.

*Усули баҳодиҳии фардӣ* танҳо нисбати ҳамон хавфҳое истифода мешавад, ки онҳоро бо дигар хавфҳо муқоиса намудан имконнопазир аст. Дар чунин ҳолат суғуртакунанда дар асоси таҷрибаи касбӣ ва нигоҳи субъективӣ баҳодиҳии озодонаро (ихтиёриро) ба роҳ мемонад.

*Усули баҳодиҳии ҳаҷми миёна* усуле мебошад, ки тавассути он гурӯҳҳои алоҳидаи хавфҳо ба зергуруҳҳо тақсим карда мешаванд. Дар

баробари ин, манбаи таҳлил барои муайян намудани ҳаҷми хавфҳо аз рӯи нишонаҳо (мисол, арзиши тавозунии объекти суғурта, иқтидори умумии истеҳсолӣ, намудҳои давраи истеҳсолӣ) ташкил карда мешавад.

*Усули фоизҳо* - маҷмӯи тахфифҳо (кам кардани нарх) ва илова (зиёд) намудани нархҳо ба манбаи таҳлилии мавҷуда, ки аз имконияти калавиши мусбӣ ва манфӣ аз намуди миёнаи хавф вобаста аст. Тахфифҳо ва зиёд намудани нархҳо бо фоиз аз намуди миёнаи хавф ифода карда мешавад. Барои баҳодиҳии хавф мавҷудияти иттилооти дуруст ва пурра аҳамияти муҳим дорад.

Ташкили нодурусти омори (ҳисобкунии) хавфҳо боиси номуайянӣ ва хатогиҳо дар баҳодиҳии хавфҳо мегардад.

Дар адабиёти иқтисодӣ якчанд самти таҳлили хавфҳо истифода мешаванд, ки бо хусусиятҳои гуногуни худ фарқ мекунанд.

*Консепсияи иқтисодие, ки дар он таҳлили хавф ҳамчун қисми омӯзиши умумии иқтисодии хароҷот ва фоида ба назар гирифта мешавад.* Хавфҳо талафоти пешбинишудаи фоидаест, ки аз ягон ҳодиса ё амал бармеоянд. Мақсади ниҳоӣ аз он иборат аст, ки захираҳо тавре тақсим карда шаванд, ки фоидаи онҳо ба ҷомеа то ба ҳадди аксар расонида шавад. Хавфро метавон ҳамчун хатари талафоти эҳтимолии захираҳо ё норасогии даромад нисбат ба варианти истифодаи оқилонаи захираҳо дар ин намуди фаъолият тавсиф кард.

Бояд қайд намуд, ки дараҷаи хавф эҳтимолияти рух додани талафот, инчунин ҳаҷми зарари имконпазир аз он мебошад. Ҳама минтақаҳои имконпазири қарорҳо аз рӯи дараҷаи зарар ба 4 минтақа тақсим карда мешаванд[55].

*Минтақаи тасмимгирие*, ки дар он талафот дар назар нест, минтақаи бидуни хавф номида мешавад. Он ба натиҷаи сифр, зарар, яъне манфӣ мувофиқат мекунад (фоида аз нақшаи пешбинишуда зиёдтар аст).

[55]Буянов В.П. Анализ рисков в деятельности предприятия // Вопросы экономики. - 2017. №8. - С 128-134.

*Минтақаи хавфи қобили қабул* - дар он фаъолияти соҳибкорӣ имконнопазирии иқтисодии худро нигоҳ медорад, яъне талафот мавҷуд аст, вале аз фоидаи пешбинишуда камтар мебошанд. Сарҳади минтақаи хавфи қобили қабул ба сатҳи зарари баробар ба фоидаи тахминӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқат мекунад.

*Минтақаи хатарноктар*, минтақаи хатари хело мушкил мебошад. Ин минтақаест, ки бо эҳтимолияти зиёд шудани зиён аз фоидаи пешбинишуда ва расидан ба арзиши ҳаҷми пулии амалиёт, ки ҳамчун даромади пурраи ҳисобшуда аз муомилоти соҳибкорӣ ҳисоб карда мешавад, хос аст, яъне маблағи хароҷот ва фоида. Ба иборааи дигар, минтақаи хавфи интиқодӣ бо хавфи талафоте тавсиф мешавад, ки бешубҳа аз фоидаи пешбинишуда зиёдтар аст ва дар ҳадди аксар метавонад ба талафоти ҷуброннашавандаи тамоми маблағҳои аз ҷониби соҳибкор дар лоиҳа гузошташуда оварда расонад. Дар холати охир соҳибкор на танхо аз муомилот даромад намегирад, балки ба андозаи тамоми хароҷоти бесамараш зарар мерасонад.

*Минтақаи хавфи фалокатовар* майдони талафотеро ифода мекунад, ки аз рӯи андозаи онҳо аз сатҳи хавфнокӣ, даромади пешбинишуда зиёдтар аст ва дар ҳадди аксар метавонад ба арзиши баробар ба тамоми сармояи саҳомӣ, вазъи молу мулкии корхонаи саноати бофандагӣ расад ё аз он зиёдтар бошад.

*Таҳлили миқдории хавфҳо* - муайян кардани маблағи мушаххаси зарари моддӣ ва молиявӣ ба зергурӯҳҳои инфиродии хавф ва тамоми хавфҳо дар маҷмӯъ, ки дар фаъолияти корхонаи саноати бофандагӣ талафот ба се гуруҳи асосӣ ҷудо мешавад: камшавии ғайричашмдошти маржаи фоида; ҷустуҷӯи маблағҳо барои кам кардани талафоти имконпазир; хароҷоти иловагӣ барои ҷуброни талафот ва оқибатҳои зарари бавуҷудомада.

Вобаста ба ин, шакли зарари корхонаи саноати бофандагӣ дар се вариант ифода меёбад: мутлақ, нисбӣ ва миёна. Методологияи

баҳодиҳии талафот вобаста ба захираҳои баррасишаванда намудҳои зерини онҳоро муайян мекунад: моддӣ; меҳнатӣ; арзишӣ, вақт; махсусият; зеҳнӣ; иттилоотӣ.

Ҳамаи намудҳои талафоти болозикр ба корхонаи саноати бофандагӣ дар шакли коҳиши даромад, пардохтҳои ғайринақшавӣ (андозҳо, ҷаримаҳо), зарари мустақими пулӣ, талафоти коғазҳои қиматнок ва ғайра хавфи мустақими молиявӣ доранд.

Бояд қайд намуд, ки дар корхонаи саноати бофандагӣ талафоти махсус низ рух дода метавонад, аз ҷумла зарар ба муҳити зист, паст шудани обруву эътибори корхона ва роҳбарияти он, осеб дидани саломатии кормандон ва ғайра. Зарар аз хавфҳои соҳибкорӣ дар корхона метавонад мустақим ва ғайримустақим бошад[56].

*Зарари мустақим* - аз даст додани сармояи асосӣ ва воситаҳои пулӣ, зарари ҷисмонӣ ба кормандон, ба шахсони сеюм. Зарари бавосита аз даст додани даромад дар натиҷаи танаффуси фаъолияти иқтисодӣ бо сабабҳои гуногун ба амал меояд.

Дар шароити пайдоиши зарари мутлақ, хавфро метавон аз рӯи маблағи талафоти эҳтимолии моддӣ (ҷисмонӣ) ё арзишӣ (пулӣ) муайян кард. Агар бо ин ё он тарз пешгӯӣ кардан, баҳодиҳии талафоти эҳтимолӣ аз ин амалиёт имконпазир бошад, пас арзёбии миқдории хавфи соҳибкор гирифта шудааст.

Нишондиҳандаи маъмултарини хавф арзиши миёнаи зарар аз ҳодисаи хатарнок дар тӯли як сол ё фосилаи дигар мебошад. Агар дар давоми сол зиёда аз як ҳодисаи (ҳодисаҳои) хавфнок рух диҳад, он гоҳ нишондиҳандаи хавф маблағи хисорот барои ҳамаи ҳодисаҳои ба амаломада мебошад.

Аммо таърифи сатҳи хавф ҳамчун категорияи эҳтимолӣ ҳангоми ҳалли доираи васеи масъалаҳои илмию амалӣ, махсусан масъалаҳои

[56]Догиль Л.Ф. Управление хозяйственным риском. - М.: Книжный дом Мисанта. - 2015. - 224 с.

вобаста ба баҳодиҳии умумии сатҳи бехатарӣ мувофиқтар ва қобили қабул аст.

Дар истилоҳи нисбӣ, хавф ҳамчун ҳаҷми талафоти эҳтимолии вобаста ба заминаи муайян муайян карда мешавад, ки дар шакли онҳо ё ҳолати амволии корхона ё арзиши умумии захираҳо барои ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ гирифтан қулайтар аст. Он гох мо талафотро ҳамчун инкишофи тасодуфии фоида, даромад, даромад нисбат ба арзишхои пешбинишуда ба суи поён ба ҳисоб мегирем. Арзиши мутлақи талафоти имконпазирро ба арзиши тахминӣ ё нишондиҳандаҳои фоида тақсим карда, баҳои миқдори хавфро бо ифодаи нисбии фоиз ба даст меорем[57].

Баъзан таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ дар асоси баҳодиҳии таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна гузаронида мешавад: баҳодиҳии унсур ба унсури ҳиссаи таъсири онҳо ба фаъолияти корхона ва арзиши пулии он гузаронида мешавад. Ин усули таҳлил аз нуқтаи назари таҳлили миқдорӣ хеле заҳматталаб аст, вале дар таҳлили сифатӣ натиҷаҳои бешубҳаи худро меорад.

Назарияи технократӣ (техникӣ), ки ба таҳлили басомадҳои нисбии рух додани ҳодисаҳои хатарнок (оғози ҳолатҳои фавқулодда) ҳамчун роҳи муқаррар кардани эҳтимолияти онҳо асос ёфтааст. Ҳангоми истифодаи он, омори дастрас аз рӯи миқёс, аҳолӣ ва вақт ба ҳисоби миёна гирифта мешавад. Ҳангоми баҳодиҳии хатари садама дар объекти техносфера, басомади рух додани ҳодисаҳои аввалия (ҳолатҳои фавқулодда), сенарияҳои инкишофи онҳо ба садама бо эҳтимолияти мувофиқи татбиқ, инчунин оқибатҳои ин садама ба назар гирифта мешаванд.

Дар доираи назарияи технократӣ барои муайян кардани ҷузъҳои асосии хавф тақсимоти ҳодисаҳои хатарнокро сари вақт ва аз ҷиҳати зарар ба назар гирифтан лозим аст. Унсурҳои асосии ба системаи

[57]Абчук В.А. Риски в бизнесе, менеджменте и маркетинге. - М.: Инфра-М. - 2016. - 289 с.

арзёбии хатарҳо дохилшуда манбаи хатар, ҳодисаи хатарнок, омилҳои зараровар, объекти таъсир ва зарар мебошанд. Ҳодисаи хавфнок чунин ҳодисае (фалокат, ҳодисаи шадиди иҷтимоӣ ё табиӣ), ки боиси ба вуҷуд омадани омилҳои зарарнок ва зараровар барои аҳолӣ, объектҳои техносфера ва муҳити зист мегардад, фаҳмида мешавад. Оқибатҳои ин омилҳо аз рӯи андозаи зарар муайян карда мешаванд. Ҳамзамон, пас аз муайян кардани хатарҳо (муайян кардани хатарҳои эҳтимолии эҳтимолӣ) зарур аст, ки сатҳ ва оқибатҳои онҳо, ки метавонанд ба он оварда расонанд, баҳо дода шавад, яъне. эҳтимолияти рӯйдодҳои дахлдор ва зарари эҳтимолии бо онҳо алоқаманд.

*Назарияи равоншиносӣ* дар атрофи омӯзиши афзалиятҳои байнифардӣ нисбат ба эҳтимолиятҳо нигаронида шудааст, то фаҳмонад, ки чаро одамон андешаи худро дар бораи хавф дар асоси ҳисоби миёна ташаккул намедиҳанд. Чаро одамон аз рӯи дарки худ дар бораи хатар вокуниш нишон медиҳанд, на сатҳи объективии хатар ё арзёбии илмии хатарро.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти психология майл ба хавф ҳамчун моликияти шахсии шахс муайян карда мешавад. Ин хислати шахсият бо чунин хислатҳои характерӣ, аз қабили истиқлолият, майли ҳукмронӣ, беҷуръатӣ, хоҳиши қабули қарорҳои хатарнок ва натарсидани аз даст додани сарвати моддии мавҷуда ба хотири чизи бештар алоқаманд аст. Ин хислати шахсӣ дар шароити гуногун бо тарзҳои тамоман дигар зохир мегардад.

Хавф ҳамчун як хислати равонии шахсият ё зарурати озмоиш бо эҳсосоти ғайриоддӣ ва душвор дар сатҳи ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ, эҳсоси завқи озмоиш муайян карда мешавад. Мафҳуми хавф дар психология бо амалҳои шахс ё бо фикру хоҳишҳои ӯ алоқаманд буда, хусусияти арзёбии ҳам амали аллакай содиршуда ва ҳам қобилияти иҷрои амалҳо мебошад.

Натиҷаҳои тадқиқоти равоншиносӣ нишон медиҳанд, ки тасмимгирандагон дар соҳаҳои гуногун ба қобилияти худ дар арзёбии

вазъият аз ҳад зиёд боварӣ доранд ва номуайянии воқеан вуҷуддоштаро эътироф намекунанд.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки "таърихи эътимоди аз ҳад зиёд" ба фосилаҳои хеле маҳдуди эътимод барои ҳисобҳо ё сатҳи эҳтимолияти хавф оварда мерасонад. Ин тамоюли «боварии зиёдати»-и менеҷеронро дар арзёбии номуайянӣ тавассути истифодаи самараноки маълумоти таҷрибавӣ, ки аз манбаъҳои берунӣ ва дохилӣ гирифта шудаанд, кам кардан мумкин аст.

Илова бар ин, хусусиятҳои равонӣ дар муносибатҳои гуногуни кормандон ба қабули қарорҳо дар ҳолатҳои гирифтани фоида ва канорагирӣ аз талафот зоҳир мешаванд. Бо дарки ин хусусиятҳо менеҷерҳо метавонанд маълумотро тавре пешниҳод кунанд, ки воқеан ба рафтори хатарнок оварда мерасонанд. Тарзи пешниҳод ё пешниҳоди иттилоот метавонад ба тафсири он ва баррасии хатарҳо ё имкониятҳои алоқаманд ба таври назаррас таъсир расонад[58].

Илова ба хусусиятҳои болозикр қабули қарор дар вазифаҳои дорои хатар, хусусиятҳои маърифатии арзёбии хатари инсон вуҷуд доранд. Масалан, аз ҳад зиёд баҳо додан ба хатарҳои хурд ва кам арзёбӣ кардани хатарҳои калон. Эҳтимолияти рух додани ҳодисаи мушаххас дар асоси осонии ба ёд овардани мисолҳои ҳолатҳо ё ҳодисаҳо (ба истилоҳ эвристикаи дастрас) ҳисоб карда мешавад. Ҳамин тариқ, эҳтимолиятҳо ва дар натиҷа, хатарҳое, ки ба рӯйдодҳои бештар зикршуда алоқаманданд, баландтар ҳисоб карда мешаванд. Аз тарафи дигар, баҳо надодани хатарҳои марбут ба рӯйдодҳое вуҷуд дорад, ки мисолҳои камтар доранд.

Сатҳи хавфро баҳогузорӣ намуда, одамон майли зиёди некхоҳона оид ба эҳтимолияти фаровасии ҳодисаҳо ва бартараф кардани мушкилотро доранд. Бинобар ин, суғурта барои онҳо манфиати муҳим эътироф намешавад ва бештари суғурташавандагон аз харидории

[58]Кузнецов Н.В. Управление рисками. Издательство Дальневосточный университет. - 2019. - 168 с.

маҳсулоти суғурта таассуроти дилписанд намегиранд, зеро барои онҳо андеша дар бораи имконпазирии хавф нофорам аст[59].

*Назарияи сотсиологӣ* ба шарҳи иҷтимоии оқибатҳои номатлуб бо назардошти арзишҳо ва манфиатҳои гурӯҳӣ асос ёфтааст. Таҳлили сотсиологии хавф қарорҳои ҷомеаро дар бораи хатар ба манфиатҳо ва арзишҳои шахсӣ ё ҷамъиятӣ алоқаманд мекунад.

Ҳангоми баҳодиҳии хавфҳои тиҷоратӣ бояд усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ, аз ҷумла таҳаввулоти хориҷӣ дар соҳаи идоракунии хавфҳо истифода шаванд. Мо метавонем тавсияҳои таҳлилгари маъруфи иқтисодчии амрикоӣ Б. Берлимерро истифода барем:

- талафот аз хавфе, ки бо ҳамдигар вобастагӣ надоранд;

- талафот дар як соҳаи тиҷорат эҳтимолан эҳтимолияти талафот дар соҳаи дигарро зиёд намекунад, ба истисноии форс-мажор;

- зарари ҳадди аксар имконпазир набояд аз имкониятҳои молиявии иштирокчиён зиёд бошад.

Бояд қайд намуд, ки раванди таҳлили хавфҳо якчанд марҳиларо дар бар мегирад:

- таҳлили сифатии омилҳои имконпазири хавфи тиҷоратӣ;

- гурӯҳбандии хавфҳои тиҷоратӣ аз рӯи аҳамият ва имкониятҳои пешгӯии онҳо;

- баҳодиҳии миқдории хавфҳои соҳибкорӣ;

- муайян кардани сатҳи қобили қабул ва ҳудуди хавф.

Хавфҳои тиҷоратӣ аз таъсири омилҳои мухталиф, ки ҳам ба равандҳои дохилии ширкат ва ҳам аз ҷиҳатҳои берунии макроиқтисодӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ алоқаманданд, ба амал меоянд.

Ба омилҳои муҳими берунии пайдоиши хавфҳо инҳо дохил мешаванд:

---

[59]Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе. - 2020 . - 318 с.

- таваррум (болоравии назаррас ва нобаробарии нархи ашёи хом, мавод, сӯзишворӣ, энергия, ҷузъҳо, нақлиёт, маҳсулот ва дигар хидматҳои корхона);

- тағйирот дар фоизҳои бонкӣ ва шароити қарздиҳӣ, меъёрҳои андоз ва боҷи гумрукӣ;

- тағйирот дар муносибатҳои моликият ва иҷора, қонунгузории меҳнат ва ғайра.

Таъсири омилҳои дохилӣ, ки бо хатогиҳо ва беамалии роҳбарият ва кормандон алоқамананд, бояд кам ба назар гирифта нашаванд. Ба гуфтаи коршиносони хориҷӣ, 90% шикастҳои гуногуни ширкатҳои хурд бо бетаҷрибагии менеҷмент, мутобиқ нашудани он ба шароити тағирёбанда, консерватизми тафаккур, ки боиси идоракунии бесамари корхонаҳо, қабули қарорҳои хато ва аз даст додани мавқеъҳои бозорӣ мебошанд, алоқаманд аст.

Таҳлили босифати хавф имкон медиҳад, ки омилҳо ва соҳаҳои эҳтимолии хавф муқаррар карда шуда, намудҳои имконпазири он муайян карда шаванд. Барои ин таҳлили SWOT гузаронида мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани маълумоти кофӣ, истифодаи усулҳои сенариявӣ тавсия дода мешавад, ки ин имкон доранд маҷмӯи ҳолатҳои хавфро муайян кунанд, инчунин пайдоиши онҳо метавонад ба дурравӣ аз ҳадафҳои пешбинишуда, тағирёбии нишондиҳандаҳои мақсадноки муқарраршуда (масалан, фоида, гардиши пули накд ва ғайра) ё ҳатто муфлисшавии ширкат оварда расонад.

Дар асоси омӯзиш муайян карда шуд, ки раванди таҳлили сифатӣ бо гузоштани хавфҳо ба категорияҳои зерин хотима меёбад:

1. Хавфҳои маълум: хусусияти омилҳо маълум аст, оқибатҳоро бо дақиқии баланд (эътимоднокӣ) ҳисоб кардан мумкин аст. Намунаҳои маъмулии хавфҳои маълум ин иҷро накардани кор то санаи таъиншуда, гирифтани ҷаримаҳо, талафи як қисми захираҳои моддӣ дар натиҷаи дуздӣ ва ғайра мебошанд. Ин хавфҳоро ҳангоми таҳлили ҳисоботи оморӣ

ва баҳисобгирӣ муайян кардан мумкин аст. Амалҳои идоракунии ин хавфҳо метавонанд ба қарорҳое, ки дар шароити номуайянӣ қабул шудаанд, мансуб дониста шаванд.

2. Хавфҳои пешбинишаванда: омилҳои хавф бо қонунҳои тақсимот ва параметрҳои онҳо муқаррар карда мешаванд, имконияти зуҳури онҳо бо таҷриба исбот карда мешавад. Намунаҳои чунин хавфҳо хавфҳои шартномаҳои таҳвили мавод, компонентҳо, ашёи хом қабл аз анҷоми гуфтушунидҳо, хавфҳои бастани шартномаҳо бо истеъмолкунандагон, хавфи паст шудани ҳосилнокии меҳнат дар натиҷаи аз кор озод кардани кормандон ва ғайра мебошанд. Қарорҳо дар бораи чунин амалиётҳо дар шароити номуайянии қисман қабул карда мешаванд.

3. Хавфҳои ғайричашмдошт: дар бораи омилҳои хавф маълумот кам ё тамоман нест. Инҳо чунин таҳдидҳои зарар ба фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд, ки онҳоро пешгӯӣ кардан мумкин нест, масалан, тағирот дар вазъи сиёсӣ, тағйири муассисон, тағирот дар сиёсати бонкӣ. Қарорҳо дар бораи ин хавфҳо дар шароити номуайянии комил ё бо истифода аз усулҳои эвристикӣ қабул карда мешаванд.

Барои истифодаи минбаъдаи усулҳои гуногуни мувофиқтарини таҳлили хавфҳо, хавфҳо аз рӯи аҳамият ва пешгӯии онҳо интихоб карда мешаванд. Ғайр аз он, миқёси зарарҳоро пешгӯӣ кардан лозим аст (кам шудани фоида, хароҷоти иловагӣ, хароҷоти барқарор кардани зарар) ва онҳоро бо имкониятҳои тиҷорати худ алоқаманд кардан даркор аст.

Ҳангоми ташкили низоми нишондиҳандаҳои хавф бояд чунин унсурҳо ба инобат гирифта шаванд:

- ҳолатҳое, ки бо гирифтани маълумоти зарурӣ барои қабули қарорҳои дахлдор алоқамандананд;
- пурмазмун будани нишондиҳандаҳо барои иҷрои кор;
- муқоисаи нишондиҳандаҳои хавф барои ҳолатҳои гуногун;
- андозагирии нишондиҳандаҳои хавф ва ғайра;

- хулосаи мутахассисон ва коршиносон оид ба бартараф кардани қисмати номуайянӣ.

Маълумоти маҳдуди ибтидоӣ дар бораи муҳити тиҷорат раванди баҳодиҳии хавфро тавассути кам кардани миқдор ва имкониятҳои нишондиҳандаҳои истифодашаванда мушкил мекунад.

Ҳадафи таҳлили миқдорӣ шумораи хавфҳо, таҳлил ва муқоисаи онҳо мебошад. Дар таҳлили миқдории хавфҳо чунин усулҳои мухталиф истифода мешаванд: арзёбиҳои оморӣ, таҳлилӣ, ташхисӣ, ташбеҳ, баҳодиҳии пардохтпазирӣ ва устувории молиявӣ, мақсаднокии хароҷот, нишондиҳандаҳои ҷудонашавандаи хавф.

Ба шакли маъмул расонидани нишондиҳандаҳои гуногуни зарарро метавон тавассути истифодаи нишондиҳандаҳои молиявӣ амалӣ кард, гарчанде ки баъзан ин кор хеле душвор аст (масалан, баҳодиҳии иттилоотӣ ё талафоти зеҳнӣ душвор аст). Маблағи зарари умумиро одатан бо сармоя муқоиса мекунанд ва аз ин рӯ, онҳоро ба минтақаҳо ва сатҳи оқибатҳои ҳодисаҳои хавф тақсим кардан мумкин аст:

- бидуни хавф - минтақаи фаъолияти бидуни хатар, ки дар он зиёнҳо интизор намешаванд ё манфӣ мебошанд (фоида аз зиён зиёдтар аст);

- хавфи қобили қабул - соҳае, ки дар доираи он бизнес қобилияти иқтисодии худро нигоҳ медорад (зарар аз фоидаи пешбинишуда камтар аст). Аз рӯи миқдор, сарҳади ин минтақа ба арзиши тахминии фоидаи пешбинишуда баробар аст;

- хавфи муҳим - минтақае, ки берун аз он зиён аз фоидаи пешбинишуда зиёдтар аст, то талафи пурраи ҳамаи маблағҳои гузошташуда;

- хавфи фалокатовар - минтақаи талафот ба дороиҳо, ки боиси муфлисшавӣ ва баста шудани корхонаҳо мегардад.

Ҳамин тариқ, пеш аз қабули қарор дар бораи сармоягузории хатарноки сармоя, бояд ҳадди аксар зарари эҳтимолиро аз татбиқи амалиёти хатарнок муайян карда, онро бо сармояи умумӣ, аз ҷумла

сармояи худ муқоиса намуда, хулоса барорем, ки оё талафи сармоя ба муфлисӣ оварда мерасонад ё не.

Истифодаи усулҳои гуногуни таҳлили миқдории хавфҳо имкон медиҳад, ки қарорҳои хатарнок ва зарари молиявӣ то ҳадди имкон пешгирӣ карда шаванд.

Ҳангоми мубориза бо хавфҳо, ба масъалаи баҳодиҳии онҳо таваҷҷӯҳи хоса додан лозим аст. Вазифаи асосӣ дар арзёбии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ аз он иборат аст, ки ба низом даровардани онҳо ва таҳияи усули ҳамгироӣ барои муайянсозӣ дараҷаи хавф бояд донист, ки ба фаъолияти корхона таъсир мерасонад. Усулҳои баҳодиҳии сифатӣ имкон медиҳанд, ки хавфҳои хоси татбиқ муайян карда шаванд, аз он ҷумла қарори идоракунӣ; муайян кардани сохтори миқдории хавфҳо; муайян кардани самтҳои хатарноктарини алгоритм ва қарорҳои идоракунӣ.

Ҳадафи асосии марҳилаи арзёбии сифатии хавфҳо муайян кардани зарари эҳтимолӣ мебошад. Намудҳои асосии хавфҳое, ки ба фаъолияти корхонаҳои  саноати бофандагӣ таъсир мерасонанд бештар ба усули миқдорӣ асос меёбанд. Бояд қайд намуд, ки бартарии ин равиш дар он аст, ки аллакай дар марҳилаи аввали таҳлил роҳбарияти корхона қодир аст, ки сатҳи хавф ва эҳтимоли ба вуҷуд омадани хавфро ба таври визуалӣ арзёбӣ кунад.

Воситаҳо барои муайян кардани хавфҳои эҳтимолӣ дар ташкилот ва ҳамроҳикунандаи фаъолияти он инҳоянд: саволномаҳо, тартиб додани диаграммаҳои сохторӣ, таҳлили ҳисоботи молиявӣ.

Тартиби ин усул ба он асос ёфтааст, ки ба мутахассисон рӯйхати муайян пешниҳод карда мешавад омилҳое, ки ба самаранокии лоиҳа таъсир мерасонанд, омилҳо таъин шудаанд вазни мувофиқ фаҳмида мешавад. Коршиносон бо истифода аз миқёс нуқтаеро таъин мекунанд, ки ҳар як омил вазни муайян дорад. Минбаъд арзиши ҳар як омил аз нигоҳи коршиносон чунин муайян карда мешавад.

**Арзиш-вазн*хол (1.2.8)**

Бояд қайд, намуд, ки имкониятҳои иловагӣ имконпазиранд, ки чунин тавсиф гарданд:

- арзишҳои бадастомада илова карда мешаванд ва мукофоти хавф мебошанд;

- арзишҳои бадастовардашуда ба ҳисоби миёна аз ҳама ҳисоб карда, омилҳо арзиши ниҳоӣ бо пойгоҳи муқоисавӣ муқоиса мешавад.

Инчунин усули баҳодиҳии навъи зерини хавфҳо мавҷуд мебошад (ҷадвали 1.2.2).

**Ҷадвали 1.2.2. - Усули методикӣ-баҳодиҳии хавфҳо**

| Нишондиҳандаҳо тавсифкунанда таъсир мушаххас омили хавф | Дараҷаи хавф | Дараҷаи хавф | Дараҷаи хавф | Вазн | Арзиш |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| 1 | | | 1 | A | A*1 |
| 2 | | 1 | | B | B*1 |
| 3 | 1 | | | C | C*1 |
| Ҳамагӣ | X | Y | Z | 1.00 | 1.00 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Натиҷа = (1*(маблағи хавф 1*вазн) + 2*(маблағи хавф 2*вазн)+3* (маблағи хавф 3*вазн) / (маблағи 1+маблағи 2+ маблағи 3). Арзиши натиҷа бори дигар бо стандарт муқоиса карда мешавад. Инчунин як воситаи арзёбии сифатан хеле маъмул усули қиёсҳо мебошад.

Воситаи муҳимтарини арзёбии миқдории хавф таҳлили нишондиҳандаҳои нисбӣ (зарибҳо) баррасӣ карда мешавад - ҳисобкунии ҳисоботҳо, муайян кардани робитаи байни нишондиҳандаҳо воситаи муҳимтарини арзёбии миқдории хавф фаҳмида мешавад. Баъд аз ин барои муқоисаи арзишҳои мутлақ, нисбӣ ва миёна истифодаи таҳлили уфуқӣ (вақтӣ) - муқоисаи ҳар як мавқеъ бо давраи қаблӣ гузаронида мешавад.

Марҳилаи навбатии таҳлили уфуқии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ таҳлили равандҳо - муқоисаи банди ҳисоботӣ бо силсилаи қаблӣ давраҳо ва муайян кардани тамоюли асосии динамикаи

нишондиҳандаҳо, барои тарҳ кардани таъсири тасодуфӣ ва хусусиятҳои давраҳои гузашта ба шумор меравад.

Усули муқоисавӣ муқоисаи нишондиҳандаҳои омӯхташударо дар бар гирифта, ин усул бо нишондиҳандаҳои дигар корхонаҳои саноатӣ шабеҳ ва дар маҷмӯъ ҳамрадиф мебошад. Таҳлили амудӣ сохтори молиявиро муқаррар мекунад ва нишондиҳандаҳое, ки таъсири ҳар як гузориши ҳисоботиро дар бар мегиранд, натиҷаи умумии ин таҳлил фаҳмида мешавад. Усули гурӯҳбандӣ барои ин мақсад хеле хуб аст ва имкон медиҳад, ки падидаву раванди омилҳо дар асоси он тасниф карда шаванд. Усулҳои дигар низ ҳастанд, ба монанди усули шохис, усули ивазкунии занҷир ва ғайраҳо, ки барои таҳлили нишондиҳандаҳои омӯхташавандаи хавф истифода мешаванд.

Арзёбии миқдории хавфро бо истифода аз консепсия ба даст овардан мумкин аст (арзиши пешбинишудаи хароҷот). Ин арзиш ба тариқи зайл ҳисоб карда мешавад:

**Арзиши пешбинишавандаи интизории хавф =**

**= Эҳтимолияти хавф *х* баҳодиҳии арзиши таъсири хавф.**

Масалан, ба вуҷудоии таркиби эҳтимолии хавф 40%, агар хароҷоти иловагӣ дар ҳолати хавфи мазкур 77 000 сомонӣ бошанд, арзиши пешбинишудаи хароҷот инҳо хоҳад буд: 0,3*66,000 =30,800 сомонӣ.

Дар натиҷаи таҳқиқи асосҳои методӣ муайян карда шудааст, ки усулҳои баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ду намуд мешаванд:

- баҳодиҳии сифатӣ усули оддӣ буда, вазифаи асосии он муайян намудани омилҳо, сабабҳо ва намудҳои хавфҳои имконпазир ба шумор меравд;

- баҳодиҳии миқдории хавфҳо чун усули мураккаб арзёбии ададии эҳтимолият ва оқибати хавфҳоро фарогир буда, имкон медиҳад ҳаҷми зарари имконпазир ба бо ифодаи ададӣ пешгуӣ карда шавад.

## 1.3. Таҷрибаи байналхалқии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ

Инкишофи назарияи идоракунии хавфҳо ҳамчун як қисми системаи идоракунӣ дар миёнаҳои асри XX дар бонкҳои сармоягузории байналхалқӣ оғоз гардидааст. Идоракунии хавфҳо ҳамчун ҷараён танҳо дар охир XX ва ибтидои асри XXI ба як қисми ҷудонашавандаи идоракунии стратегӣ ва амалиётӣ дар як қатор корпоратсияҳои байналхалқӣ табдил ёфтааст.

Дар айни замон дар миқёси байналхалқӣ идоракунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои зерини меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим карда мешавад:

- стандартҳои ISO 31000:2018 (ISO -Ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартизатсия);

- моделҳои Комитети ташкилотҳои спонсории комиссияи Тредвея (COSO) "Назорати дохилӣ: равиши ҳамгирошуда", Идоракунии хавфҳои ташкилот. Ҳамгироӣ бо стратегия ва самаранокии фаъолият»;

- стандарти идоракунии хавфҳо (A Risk Management Standard), ки аз ҷониби "Федератсияи Ассотсиатсияҳои Аврупоии риск-менеҷерон" (FERMA) таҳия шудааст;

- стандартҳо (COBIT), ки аз ҷониби Ассотсиатсияи аудит ва назорат Системаҳои иттилоотии ISACA таҳия шудааст (Information Systems Audit and Control Foundations Control. Objectives for Information and related Technology - Бунёдҳои аудит ва назорати системаҳои иттилоотӣ. Ҳадафҳои назорат барои иттилоот ва технологияҳои алоқаманд).

Бояд қайд намуд, ки ҳадафи стандарти ISO 31000:2018 асосан таъмин намудани методология барои ҳамгироии бомуваффақияти идоракунии хавфҳо дар системаи идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Ин ҳуҷҷат аз принсипҳо, сохтор ва ҷараён иборат мебошад (расми 1.3.1).




**Расми 3.1.1. Сохтори ISO 31000:2018**

**Сарчашма: муаллиф дар асоси ISO 31000:2018 таҳия кардааст.**

.

Дар стандарти ISO 31000:2018 нақши лидерии роҳбарияти олии ташкилот қайд карда шуда, ба характери такроршавандагӣ доштани чараёни идоракунии хавфҳо диққати бештар дода шудааст.

Мувофиқи ISO 31000:2018, хавф - ин таъсири номуайянӣ ба ҳадафҳо мебошад.

Таъсир - ин дуршавӣ аз он чизест, ки интизор меравад, яъне дур шудан аз натиҷаи ё нақшаи интизорӣ мебошад. Чунин дуршавӣ метавонад мусбат ва/ё манфӣ буда, барои татбиқ ё истифодаи имкониятҳои мавҷуда, бартараф кардани хавфҳо мусоидат намояд.

Ҳадафҳо аз рӯи миқёс гуногун буда, метавонанд дар сатҳҳои гуногуни сохтори ташкилии корхона ташаккул ёбанд.

Идоракунии хавф - амалҳои ҳамоҳангшуда оид ба идоракунии корхона бо назардошти хавф мебошад. Мувофиқи стандарти ISO 31000:2018, идоракунии хавфҳо дар корхона дар асоси принсипҳо, сохтор ва чараён ташкил карда мешавад[60]. Мақсади идоракунии хавфҳо ташаккул ва ҳифзи арзишҳои корхона ба шумор меравад.

Системаи идоракунии хавфҳо сифати ҳосилнокии меҳнатро беҳтар карда, рушди инноватсияҳоро дар корхона ҳавасманд намуда, барои расидан ба ҳадафҳо мусоидат мекунад. Ин принсипҳо бояд ба корхона имкон диҳанд, ки таъсири номуайяниро ба ҳадафҳои худ идора кунад.

Асосҳои консептуалии идоракунии хавфҳо мувофиқи «Модели ҳамгироӣ»-и COSO панҷ ҷузъи ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад (расми 1.3.2).




**Расми 1.3.2. Модели идоракунии хавфҳо**

**Сарчашма: муаллиф дар асоси**

**«Модели ҳамгироӣ»-и COSO таҳия кардааст.**

Мувофиқи стандарти идоракунии хавфҳо FERMA, хавф - ин эҳтимоли рух додани ҳодисаҳо ва оқибатҳои онҳо мебошад[61]. Идоракунии хавфҳо дар идоракунии стратегии корхона мақоми марказиро ишғол мекунад. Ҷараёни идоракунии хавфҳо дар асоси

[60] ISO 31000:2018- www.ansi.or

[61] COSO ERM Framework - www.coso.org

ҳадафҳои стратегии корхона ба роҳ монда шуда, аз ҷузъҳои асосии зерин иборат мебошад (расми 1.3.3)




**Расми 1.3.3. Ҷараёни идоракунии хавфҳо**

**Сарчашма: муаллиф таҳия кардааст**

Баҳодиҳӣ ва таҳлили хавфҳо иҷрои вазифаҳои зеринро дар бар мегирад: муайян кардани хавфҳои имконпазир; муайян намудани омилҳои пайдоиши хавфҳо; баҳодиҳии миқдорӣ ва сифатии хавфҳои

муайяншуда. Ҳангоми баҳодиҳии хавфҳо эҳтимоли рух додани ҳодисаи хавфнок ва ҳаҷми зарари имконпазир муайян карда мешавад.

Муайянкунӣ (идентификатсияи) хавфҳо ва баҳодиҳии хавфҳо бо ҳам сахт вобаста буда, онҳоро ба ду қисми алоҳида ҷудо кардан на ҳамеша имконпазир аст. Мақсади чорабиниҳо оид ба идоракунии хавфҳо паст намудани сатҳи хавфҳо ва кам кардани ҳаҷми зарари имконпазир ба шумор меравад. Сарфи назар аз хеле баланд шудани қобилияти истеҳсолии техника ва техологияи муосир ва бехатарии меҳнат, захмӣ шудани кормандон дар ҷараёни истеҳсолот ва ба касалиҳои касбӣ гирифтор шудани онҳо ҳанӯз ҳам зиёд ба назар мерасад. Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии меҳнат (СУМ), ҳамасола дар ҷаҳон бештар аз 2,3 миллион нафар одамон аз садамаҳо мефавтанд, садҳо миллион одамон аз касалиҳои касбӣ азоб мекашанд[62].

**Моделҳои суғуртаи хавфҳои касбӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ**

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир дар самти суғуртаи кормандон аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот бештар механизмҳои пешгирикунӣ ва барқарорсозӣ истифода мешавад. Бо кӯшиш ва хароҷоти корфармоён, бо мақсади пешгирии ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва дар ин замина паст кардани сатҳи хавфҳои касбӣ, ба тарифҳои суғуртавӣ коэффитсиентҳои паст ҳамроҳ карда мешаванд. Дар чунин вазъият суғуртаи иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуши истеҳсолӣ дар доираи сиёсати иҷтимоии давлат яке аз самтҳои муҳим ва зарурӣ дар таъмини шароити бехатарии меҳнат ба шумор меравад.

Суғуртаи иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуши истеҳсолӣ дар се самт амалӣ мегардад. Якум, ҳавасмандкунии корфармоён барои ташкили корҳои пешгирӣ, профилактикӣ, беҳтар кардани шароити меҳнат ва гигиена бо мақсади кам кардани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ ва бемориҳои касбӣ. Дуюм, ин система барои барқарорсозии саломатии кормандон, бо мақсади ҳарҷӣ

[62]Смертность по причинам, связанным с работой. Международная организация труда. [Электронный ресурс]. URL: https://www.ilo.org

зудтар ба кор баргаштани онҳо, истифодаи имкониятҳои мустақилона кор кардан ва иҷтимоишавии кормандон, нигаронида шудааст. Сеюм, ин система дар ҳолатҳои зерин ҷуброни зарарро ба кормандон таъмин менамояд, агар онҳо:

- қобилияти меҳнатии худро муваққатан гум карда бошанд;
- маъюб шуда бошад;
- гирифтори касалиҳои вазнини касбӣ шуда бошанд.

Таҳлили ҷиҳатҳои институтсионалии фаъолияти системаи суғуртаи хавфҳои касбӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон ба мо имкон медиҳад, ки се модели системаи суғуртаи мазкурро ҷудо кунем:

- модели давлатӣ.
- модели хусусӣ-давлатӣ.
- модели суғуртакунӣ дар асоси масъулияти корфармо.

Ҳар як модели модели мазур чузъҳои зеринро муайян мекунад:

1. Хавфҳои фарогирии суғурта: тартиби таснифи ҳодисаи нохуш ё бемории корманд ба ҳолати суғуртавӣ; таснифи хавфҳои касбӣ.

2. Шумораи шахсони суғурташуда: танҳо кормандони кироя, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд (ба истилоҳ равиши анъанавӣ барои муайян кардани мақоми шахсони суғурташуда) ё ҳамаи категорияҳои кормандон, аз ҷумла шахсони худ ба коре машғулбуда, донишҷӯён, соҳибкорони инфиродӣ (ба истилоҳ равиши васеъ).

3. Тартиби пардохти ҳаққи суғуртавӣ: субъекте, ки уҳдадории пардохти ҳаққи суғуртавӣ ба зиммаи ӯ гузошта шудааст (танҳо корфармо; ҳамзамон корфармо ва корманд); тартиби муайянкунии тарифи сугуртавӣ ва ҳаҷми он.

4. Таркиб, шакл ва миқдори ҷубронпулӣ  барои зарардидагон ва аъзои оилаи онҳо.

5. Тартиби пардохти ҷубронпулӣ: давра ба давра, якваќта ва ё ҳарду.

Моделҳои мавҷудаи маблағгузории хавфҳои касбӣ дар корхонаҳои саноатии мамлакатхои хориҷӣ дар ҷадвали 1.3.1 инъикос шудаанд.

**Ҷадвали 3.3.1. - Ҷиҳатҳои калидии моделҳои суғуртаи хавфҳои касбӣ дар корхонаҳои саноатӣ**

| Мамла-катҳо | Намуди модел | Сарчашмаҳои ташкили фондҳои пулӣ | | | | Расман ба суғурта фаро гирифта шудани кормандон аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот (бо %) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Корманд | Корфармо | Худ ба коре машғулбудагон | Маблағ-гузории буҷетӣ | Суғуртаи ҳатмӣ | Суғуртаи ихтиёрӣ |
| Дания | 1. Суғуртаи ихтиёрӣ аз ҳодисаҳои нохуш 2. Суғуртаи давлатӣ аз касалиҳои касбӣ | - | Меъёри ҳаққи суғуртавӣ аз хавфи суғуртавии инфиродӣ вобаста аст | Ихтиёрӣ. Меъёри ҳаққи суғуртавӣ аз хавфи суғуртавииинфиродӣ вобаста аст | Маблағгузории хароҷоти тиббӣ, харидории воситаҳои протезӣ-ортопедӣ | 78,5 | 8,1 |
| Финляндия | Суғуртаи ихтиёрӣ аз ҳодисаҳои нохуш | - | 0,1-7% вобаста аз дараҷаи хавфи кормармо | Меъёри ҳаққи суғуртавӣ аз дараҷаи хавфи касбӣ ва суғуртакунанда вобаста аст | | 77,7 | 12,9 |
| Германия | Суғуртаи иҷтимоӣ | - | Меёри миёна 1,8% аз музди меҳнат аз сатҳи хавф вобаста аст | - | Сусидия барои кормандони соҳаи кишоварзӣ | 89,2 | 0,0 |
| Исландия | Суғуртаи иҷтимоӣ | - | 7,35% аз музди меҳнати корманд | - | - | 96,3 | 0,0 |
| Ирландия | Суғуртаи иҷтимоӣ | 0,4% вобаста аз даромад | 8,5-10,75% аз музди меҳнати корманд вобста аз даромади он | - | Маблағгузории касри фонди суғурта | 75,0 | 0,0 |
| Шветсия | Суғуртаи иҷтимоӣ | - | 0,3% музди меҳнати корманд | 0,3% аз даромади дар эъломия сабтшуда | - | 92,6 | 0,0 |

**Сарчашма: муаллиф дар асоси Глобальное программное страхование. Международная организация труда. [Электронный ресурс]. URL: https://www.ilo.org/ таҳия кардааст.**

Дар ҳолате, ки дар мамлакат модели давлатии суғуртаи хавфҳои касбӣ қабул шудааст ва амал мекунад, он гоҳ мақомоти ваколатдори давлатӣ барои танзими ҳамаи масъалаҳои суғуртаи хавфҳои касбӣ масъул мебошанд. Агар дар мамлакат модели омехтаи (хусусӣ-давлатии) суғуртаи хавфҳои касбӣ амал кунад, пас муайян кардан ва танзим намудани ин ё он унсури модел байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои суғуртаи хусусӣ тақсим карда мешавад. Аммо дар ин ҳолат ҳам давлат назорати фаъолияти ширкатҳои суғуртавии хусусиро таъмин менамояд.

**Суғуртаи хавфҳои саноатӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ**

Дар таҷрибаи байналхалқии суғуртакунӣ ба мафҳуми паҳншудаи «хавфҳои саноатӣ» ҳодисаҳои ногаҳонӣ ва ногуворе дахл доранд, ки корхонаи саноатӣ (воситаҳои асосӣ ва гардони он) ба онҳо дучор шуда, дар натиҷа ба корхона зарари мустақим ва ғайримустақим расонда мешавад. Мушкилии гурӯҳбандии хавфҳои саноатӣ аз гуногунии соҳаҳо ва дар дохили онҳо - объектҳои суғурта вобаста аст, ки муносибати ягонаро ба гурӯҳи муайяни хавфҳо қариб ғайриимкон месозад[63]. Ҳамин тавр, мафҳуми «хавфҳои саноатӣ» асос барои муайян кардани намудҳои гуногуни суғурта мебошад, масалан: суғурта аз талафи фоида дар натиҷаи танаффус дар истеҳсолот; суғуртаи молу мулк аз сухтор ва дигар офатҳои табиӣ; ҳодисаҳои нохуше, ки дар натиҷаи фаъолияти одамон ба амал меоянд; суғуртаи масъулияти соҳибкорӣ барои зарар ба муҳити зист ва шахсони сеюм; суғуртаи масъулияти истеҳсолкунандагони молҳо барои сифати онҳо; суғурта аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва ғайра.

Яке аз намудҳои асосии суғуртаи хавфҳои саноатӣ **суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноатӣ** ба шумор меравад.

Мазмуни иқтисодии суғуртаи молу мулки корхона дар ташкили фонди суғуртавӣ, ки барои талофии зарари иштирокчиёни он, ки дар натиҷаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ба вуҷуд омадааст, ифода меёбад. Молу мулки суғурташуда метавонад моликияти суғурташаванда ва ё

[63]Симакова Е.В. Управление рисками на промышленном предприятии / Е. В. Симакова // Молодой ученый. - 2019. - №2(240). - С. 272-274.

молу мулке бошад, ки суғурташаванда онро муваққатан истифода мебарад.

Суғурташавандагон на танҳо соҳибмулкон, балки дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки барои нигоҳдории молу мулки мазкур масъул мебошанд, шуда метавонанд. Шарти суғуртакунии молу мулки худӣ ва бегона фарқ мекунад, ки он дар қоидаҳои мушаххаси суғурта ифода меёбад.  Дар шартномаи суғуртаи молу мулк манфиатҳои амволии зерин суғурта карда мешаванд:

1) хавфи гум шудани (несту нобуд шудани), норасоӣ (камомад) ва ё вайрон шудани амволи муайян;

2) хавфи масъулият ба ӯҳдадорие, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва ё амволи ашхоси дигар ба вуҷуд омадааст ва дар ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст - масъулият мувофиқи шартнома (хавфи масъулияти шаҳрвандӣ);

3) хавфи зарар дидан аз фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба ӯҳдадориҳои худро вайрон намудани шарикони соҳибкор ва ё тағйирёбии шароити фаъолияти соҳибкорӣ аз сабаби ҳолатҳое, ки аз соҳибкор вобаста намебошад, аз ҷумла, хавфи нагирифтани даромади интизорӣ (хавфи соҳибкорӣ).

Таҷрибаи байналхалқии суғуртаи хавфи танаффус дар истеҳсолот аз ду системаи асосӣ иборат мебошад - америкоӣ ва англисӣ. Фарқи асосии ин ду система аз он иборат аст, ки давомнокии давраи барқарорсозӣ пас аз рух додани ҳодисаи суғуртавӣ чӣ қадар давом мекунад. Давомнокии давраи барқарорсозӣ дар системаи суғуртакунии англисӣ аз нигоҳи тиҷоратӣ ва техникӣ, дар системаи америкоӣ бошад аз рӯи шартҳои омодагӣ муайян карда мешавад.

Суғуртаи хавфи танаффус дар истеҳсолот маротибаи аввал дар Англия соли 1938 пайдо шуда буд, ки дар он қоидаҳои махсус оид ба хавфи сухтор муқаррар карда шуда буд. Нишонаҳои асосии

фарққунандаи системаи англисии суғурта аз хавфи танаффус дар истеҳсолот инҳо мебошанд[64]:

- тарифҳои суғуртавӣ дар асоси меъёри ҳаққи суғуртавӣ аз хавфи сухтор муқаррар карда шуда, дар навбати худ ба коэффисиенти зарурӣ зарб карда мешавад;

- муҳлати ниҳоии ҷуброни зарар як сол баъди фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ муқаррар шудааст;

- тибқи нишондодҳое, ки аз камшавии гардиши корхона шаҳодат медиҳанд, баҳодиҳии зарари расонидашуда гузаронида мешавад;

- мувофиқи меър хароҷоти иловагие, ки бо мақсади кам кардани зарари эҳтимолӣ сарф шудааст, ба суғурташаванда баргардонда мешавад;

- маҳсулоти тайёр суғурта карда мешавад;

Шартномаҳои суғуртаи молу мулк ҳамчун заминаи бастани шартномаҳои суғурта аз танаффуси эҳтимолии фаъолияти истеҳсолӣ истифода мешуданд. Зеро дар ҳолати дигар фондҳои асосӣ ва дигар молу мулки вайроншудаи корхонаро, бинобар набудани манбаи маблағгузорӣ барқарор кардан душвор аст.

Хусусиятҳои хоси системаи амрикоии суғурта аз хавфи танаффус дар истеҳсолот аз он иборат аст, ки шартномаҳо дар асоси талаботи инфиродии корхона тартиб дода мешаванд ва шаклҳои онҳо барои корхонаҳои хурду калони муштариёни эҳтимолӣ фарқ мекунанд. Шартномаи суғурта аз талафи эҳтимолии даромаде, ки дар натиҷаи танаффус дар истеҳсолот ба амал меояд, ҳамчун илова ба шартномаи асосии суғуртаи молу мулк амал мекунад.

Хусусиятҳои хоси системаи америкоии суғуртаи зарари эҳтимолӣ аз танаффус дар истеҳсолот инҳо мебошанд:

[64] Воронцовский А.В. Управление рисками: учебное пособие, 2-е изд., СПб.: Изд-во С-Петерб. Ун-та. - 2014. - 458 с.

- бо ёрии суғурта таъмини техникии корхона хубтар карда мешавад;

- даромаде, ки суғурта карда мешавад, асосан аз хароҷоти доимӣ ва фоидаи солона иборат аст;

- суғуртаи музди меҳнат метавонад вобаста ба эҳтиёҷоти инфиродӣ як қисми даромади суғурташаванда бошад ё ба хароҷоти инфиродии ӯ дохил карда шавад.

Ба андешаи мо, дар асоси таҷрибаи байналхалқӣ нишонаҳои зерини фарқкунандаи таснифи суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноати бофандагиро фарқ кардан мумкин аст:

- вобаста ба суғурташавандагон ва шаклҳои моликият;
- аз рӯи дараҷаи хатарнокӣ (хавф);
- аз рӯи шаклҳои суғуртакунӣ (расми 1.3.4).




**Расми 1.3.4. - Нишонаҳои фарқкунандаи таснифи суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноати бофандагӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Шартномаи суғуртаи молу мулкро ба манфиати шахсе (суғурташаванда ва ё фоидагиранда), ки оиди нигоҳдории ин молу мулк манфиати қонунӣ дорад, ба имзо расонидан мумкин аст. Дар шартнома нишон дода нашудани номи фоидагиранда имконпазир аст. Дар чунин ҳолат ба суғурташаванда полиси суғурта дода мешавад. Бо чунин шартнома хавфи масъулияти худи суғурташаванда ва ё шахси дигарро, ки ба ӯ чунин масъулият вогузор шуданаш имконпазир аст, суғурта намудан мумкин аст. Номи шахси мазкур бояд дар шартнома нишон дода шавад. Шартномаи хавфи масъулият барои расонидани зарар ба манфиати шахсе басташуда ҳисобида мешавад.

Суғуртаи масъулият барои вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ иҷозат дода мешавад. Бо чунин шартнома танҳо хавфи масъулияти худи суғурташавандаро суғурта намудан мумкин мебошад. Дар ҳар ҳолат шартномаи суғурта ба манфиати ҳамон шахсе басташуда шуморида мешавад, ки суғурташаванда дар назди он масъул аст, новобаста аз он, ки фоидагиранда нишон дода шудааст ё не.

Муносибатҳои суғуртавӣ дар суғуртаи амволи корхонаҳои саноати бофандагӣ дар расми 1.3.5 нишон дода шудааст.




**Расми 1.3.5. Муносибатҳои суғуртавӣ дар шартномаҳои суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноати бофандагӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Ҳангоми суғуртаи амвол ё хавфи соҳибкорӣ, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, маблағи суғурта набояд аз арзиши воқеии он (арзиши суғуртавӣ) зиёдтар бошад ва он бояд бо тартиби зайл муқаррар карда шавад:

- барои хавфи соҳибкорӣ даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, ки суғурташаванда, чуноне ки тахмин карда мешавад, дар ҳолати фарорасии ҳодисаи суғурта аз он маҳрум шуда метавонад;

- барои амвол арзиши воқеии он дар маҳалли мавҷудият дар рӯзи бастани шартномаи суғурта.

Мувофиқи таҷрибаи байналхалқӣ дар суғуртаи хавфҳои саноатӣ принсипҳои зерин амал менамоянд.

1. *Принсипи талофии зарар дар ҳаҷми воқеии он.* Мувофиқи ин принсип пас аз рух додани ҳодисаи суғуртавӣ суғурташаванда бояд ба ҳамон ҳолати молиявие оварда шавад, ки то лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ қарор дошт. Суғуртакунанда зарарро дар ҳаҷми воқеии он ва дар ҳудуди маблағи суғуртавии дар шартнома муқарраршуда пардохт менамояд. Бояд қайд намуд, ки принсипи мазкур имкон намедиҳад, ки суғурташаванда аз суғуртаи молу мулк фоида ба даст орад.

2. *Дар шартномаи суғуртаи амвол маблағи суғуртавӣ аз арзиши воқеии амвол (арзиши суғуртавӣ) дар лаҳзаи бастани шартнома зиёд буда наметавонад.* Принсипи мазкур оиди муайян намудани маблағи суғуртавӣ бо таъиноти суғуртаи амвол оиди он, ки ба ғайриқонунӣ фоида гирифтани суғурташаванда роҳ дода нашавад, мувофиқ мебошад. Ҳадафи принсипи мазкур гирифтани пеши роҳи фоидагирии суғурташаванда ба шумор меравад. Агар ҳангоми суғурта намудани як амвол дар якчанд ташкилоти суғуртавӣ (суғуртакунии дукарата, бисёркарата, муштарак) маблағи суғуртавии ҳамаи шартномаҳои суғурта аз арзиши воқеии амволи мазкур зиёд бошад, он гоҳ талофии суғуртавие,

ки суғурташаванда аз ҳамаи суғуртакунандагон мегирад, бояд аз арзиши воқеии зарар зиёд набошад.

3. *Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад танҳо ҳамон зарареро талофӣ намояд, ки дар натиҷаи ба ҳодисаҳои суғуртавӣ табдил ёфтани хавфҳои суғуртавии дар шартнома пешбинишуда ба вуҷуд омадааст.* Дар чунин ҳолат талофии суғуртавӣ аз ҳаҷми зарари мустақими ба амволи суғурташуда расонидашуда зиёд буда наметавонад, ба истисної ҳолате, ки шартномаи суғурта васеъ намудани ҳаҷми талофии суғуртавиро барои намудҳои муайяни зарари ғайримустақим пешбинӣ кардааст. Дар ҷадвали 3.1.2 вариантҳои талофии зарар ҳангоми суғуртаи молу мулк ифода ёфтааст.

**Ҷадвали 1.3.2. Вариантҳои талофии зарар ҳангоми суғуртаи амволи корхонаҳои саноати бофандагӣ**

<table>
<tr><td rowspan="2">Хавфи гум кардани (ва ё вайрон шудани) амвол</td><td rowspan="2">Хавфи нагирифтани (ё кам гирифтани) фоида</td><td colspan="2">Хавфи хароҷоти иловагӣ</td></tr>
<tr><td>мустақим</td><td>ғайримустақим</td></tr>
<tr><td>Шартномаи суғуртаи амвол</td><td>Шартномаи суғуртаи нагирифтани фоида дар натиҷаи бозистодани истеҳсолот</td><td>Шартномаи суғуртаи хароҷоти иловагии мустақим</td><td>Шартномаи суғуртаи хароҷоти ғайримуста-қим</td></tr>
<tr><td colspan="4">Шартномаи ягонаи суғуртаи амвол ва хароҷоти ғайримустақими бо он алоқаманд</td></tr>
</table>

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

4. *Принсипи контрибутсия.* Мувофиқи принсипи мазкур дар ҳолати суғуртакунии дукарата суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ба дигар суғуртакунандагоне, ки дар суғуртакунии ҳамин амвол иштирок доранд бо пешниҳод оиди байни ҳам тақсим намудани хароҷоти талофии суғуртавӣ муроҷиат намояд.

5. *Принсипи суброгатсия.* Моҳияти принсипи мазкур дар он ифода меёбад, ки пас аз ба суғурташаванда талофӣ намудани зарар, суғуртакунанда ҳуқуқ пайдо менамояд барои ҷуброни хароҷоти худ, дар асоси пешниҳоди даъвои регрессивӣ ба шахсе, ки дар расонидани зарар гунаҳгор аст, муроҷиат намояд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) чунин намуди суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ истифода мешавад: per diem business interruption. Моҳияти ин намуди суғурта дар он ифода меёбад, ки ташкилоти суғуртавӣ барои ҳар рӯзи танаффуси истеҳсолӣ, ки бо сабаби рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба амал мояд, маблағи дар шартномаи суғурта муқаррарарршударо пардохт мекунад. Инчунин дар ИМА полиси суғуртаи тиҷоратро тибқи нақшаи музоядаи баръакс харидорӣ кардан мумкин, ки он ба корхонаҳо гирифтани маблағи суғуртавиро осон мекунад. Актуарийҳо маълумотро дар бораи маҳсулоти дахлдори суғурта истифода бурда, намудҳои зарурии суғуртаро муайян карда, маблағи ҳаққи суғуртавиро аниқ мекунанд. Пас аз ин, музоядаи баръакс гузаронида шуда, дар он ташкилотҳои суғуртавии фаъоли миллӣ метавонанд ҳуқуқи азнавсуғуртакунии хавфҳои ширкате, ки ба онҳо таваҷҷӯҳ доранд, соҳиб шаванд.

# БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ БАҲОДИҲӢ ВА СУҒУРТАКУНИИ ХАВФҲО ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлил ва арзёбии фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26-уми декабри соли 2019 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуда буданд, ки “...Мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад”[65].

Бояд қайд намуд, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 21.12.2021 ҷиҳати рушди соҳаи пиллапарварӣ ва шоҳиву атласу адрасбофӣ ва таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави корӣ, бахусус барои занону бонувон вазорату идораҳои дахлдори мамлакатро муваззаф намуд, ки истифодаи самараноки имконияти мавҷудаup таъмин намоянд. Сарвари давлат ҳамчунин таъкид намуданд, ки «тутзорҳо ба муддати 10 сол аз пардохти андози ягонаи замин, инчунин шахсони ҳуқуқие, ки ба коркарди пилла ва истеҳсоли матоъҳои шоҳӣ, атласу адрас ва дигар маснуоти бофандагии дастӣ машғуланд, аз пардохти андозҳо пурра озод карда шаванд»[66]

Бояд қайд намуд, ки барои таъмини рушди босуботи корхонаҳои саноатӣ нақши инноватсияҳо хело калон мебошад. Фаъолияти

[65]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2019 [Захираи электронӣ] // www.president.tj.
[66]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 [Захираи электронӣ] // www.president.tj.

инноватсионии корхонаҳои саноатӣ қобилияти дарк кардан ва истифода бурдани дастовардҳои илмӣ, илмӣ-техникаро барои ба даст овардани маҳсулоти куллан нав, технологияи нав, қабули қарорҳои ташкилӣ, техникӣ ва ичтимоию иқтисодии дорои хусусияти истеҳсолӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, идоракунӣ ва дигар хусусиятхо инъикос мекунад. Фаъолияти инноватсионии корхона дар асоси сиёсати инноватсионӣ ба роҳ монда шуда, дар навбати худ аз стратегияи рушди корхона бар меояд.

Ба ақидаи муҳақққони тоҷик Ҷурабоев Г.Ҷ. ва Қаюмова Ф.А. ҳадафи стратегии таҳияи сиёсати саноатӣ ва рушди босуръати истеҳсолоти саноатӣ мавҷудияти фазои мусоиди сармоягузорӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ мебошад[67].

Масъалаи баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои корхонаҳои мазкур аз хусусиятҳои хоси фаъолияти онҳо вобаста мебошад (расми 2.1.1).




**Расми 2.1.1. Хусусиятҳои хоси корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

---

[67]Джурабаев Г.Дж., Каюмова Ф.А. Региональная стратегия инновационно-ориентированного развития промышленных предприятий. - Душанбе: Ирфон. - 2016. - 160 с.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати бофандагӣ дар таркиби нишондиҳандаҳои асосии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи муносиб дорад (ҷадвали 2.1.1).

**Ҷадвали 2.1.1. - Ҳиссаи саноати бофандагӣ дар таркиби нишондиҳандаҳои асосии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **Соли 2021 нисбати соли 2016** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | **воҳиди мутлақ** | **бо %** |
| Шумораи умумии корхонаҳо, воҳид | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 354 | 17,3 |
| *аз ҷумла:* | | | | | | | | |
| истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ, млн. сомонӣ | 352 | 361 | 390 | 368 | 397 | 414 | 62 | 17,6 |
| Ҳаҷми маҳсулот (бо нархҳои соли 2021), млн. сомонӣ | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 | 30890 | 38829 | 23739 | 57,3 |
| *аз ҷумла:* | | | | | | | | |
| истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ, млн. сомонӣ | 1520 | 2354 | 2479 | 2636 | 2870 | 4096 | 2576 | 69,5 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2022. - 415 с.**

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.1.1. маълум мегардад, ки шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар соли 2021 ба 2397 адад расидааст, ки ин рақам назар ба соли 2016 ба андозаи 354 адад ё 17,3% зиёд мебошад. Шумораи корхонаҳои саноати бофандагӣ дар соли 2021 ҳамагӣ 414 ададро ташкил намудааст, ки ин нишондиҳанда назар ба соли 2016 ба андозаи 62 адад ё 17,6% бештар мебошад.

Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар соли 2021 ба 38829 млн. сомонӣ расидааст, ки дар муқоиса ба соли 2016 ба андозаи 23739 млн. сомонӣ ё 57,3% зиёд аст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти насоҷӣ ва дузандагӣ дар соли 2021 ба 4 096 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки ин рақам нисбати соли 2016 ба андозаи 2 576 млн. сомонӣ ё 69,5% бештар мебошад.

Ҳамин тавр, тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2021 шумораи корхонаҳои нассоҷӣ ва дузандагӣ дар ҷумҳурӣ 414 адад ё 17,3%-и

шумораи умумии корхонаҳои саноатии мамлакатро ташкил дода, ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолкардаи ин корхонаҳо ба 4 096 млн. сомонӣ ё 10,5%-и маҳсулоти умумии саноати ҷумҳурӣ баробар шудааст.

Дар марҳилаи имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати бофандагӣ ва дӯзандагӣ ҳиссаи калонро дар сохтори саноати сабуки мамлакат ишғол менамоянд.

Рақамҳои омори расмии болозикри соҳавӣ нишон медиҳанд, ки шумораи корхонаҳои истеҳсолии нассоҷӣ ва дузандагӣ сол ба сол миқдоран зиёд шуда, то андозае низ ҳаҷми истеҳсолоти онҳо тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Дар сохтори саноати сабук бахши бофандагиву дӯзандагӣ мавқеи намоён дошта, истеҳсоли маснуоти он давоми солҳои таҳқиқшаванда бо маротиб тамоюли рушдро соҳиб гардидааст.

Дар давоми солҳои 2016-2021 истеҳсоли газворҳо аз 2,9 млн. $м^2$ дар соли 2016 ба 10,5 млн. $м^2$ дар соли 2021 баробар гардида, ки ҳаҷми афзоиши он 7,6 млн. $м^2$ газворҳо ва ё 67 фоиз зиёд гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра истеҳсоли ҷуроб ва пайпоқ аз 2,8 млн. ҷуфт дар соли 2016 ба 15,4 млн. ҷуфт дар соли 2021 баробар шуда, афзоиши он 12,6 млн. ҷуфт ва ё  5,5 маротиба зиёд гардида аст (ҷадвали 2.1.2).

**Ҷадвали 2.1.2. - Истеҳсоли маснуоти нассоҷӣ**
**ва дӯзандагӣдар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Тағйирёбӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Газворҳо (млн. $м^2$) | 2,9 | 4,3 | 8,7 | 9,3 | 9,6 | 10,5 | +7,6 |
| Ҷуроб ва пайпок (млн. ҷуфт) | 2,8 | 3,8 | 5,7 | 4,1 | 7,8 | 15,4 | +12,6 |
| Маҳсулоти кешбофӣ (млн. дона) | 0,4 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | -0,3 |
| Қолинҳо ва маснуоти қолинӣ (млн. $м^2$) | 1,7 | 2,8 | 3,4 | 3,9 | 2,7 | 4,5 | +2,8 |
| Нахи пахта (ҳазор. тонна) | 85,0 | 112,0 | 98,0 | 102,7 | 101,6 | 100,3 | +15,3 |
| Чигит (ҳаз. тонна) | 133,2 | 180,0 | 151,1 | 156,0 | 156,4 | 144,9 | +11,7 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2022. - 415 с.**

Чуноне аз ҷадвали 2.1.2 маълум аст, давоми солҳои 2016-2021 аз маснуоти нассоҷӣ-дӯзандагӣ танҳо маҳсулоти кешбофӣ (трикотажӣ) ҳолати камшавиро ба худ соҳиб гардида, аз 0,4 млн. дона дар соли 2016 ба 0,1 млн. дона кам гардида аст, ки сатҳи қафомонии он 0,3 млн. донаро ташкил медиҳад. Дар соли 2021 истеҳсоли қолин ба 4,5 млн. метри мураббаъ расонида шуд, ки нисбат ба соли 2020 суръати афзоиш 1,7 баробар зиёд таъмин гардида, нисбати соли 2016 ба андозаи 2,8 млн. $м^2$ тамоюли зиёдшавиро соҳиб гардидааст.

Дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ 100,3 ҳазор тонна нахи пахта истеҳсол карда шуда, аз ҷониби корхонаҳои коркарди нахи пахта ба миқдори 23,3 ҳазор тонна ресмони пахтагин истеҳсол гардид, ки ин дар қиёс ба соли гузашта 4 ҳазор тонна зиёд мебошад. Истеҳсоли матои пахтагин дар соли 2021 зиёда аз 15,6 млн метри мураббаъро ташкил дод ва нисбат ба соли 2020 суръати афзоиш 14,1 фоиз таъмин гардид. Ҳамчунин, қайд намудан ба маврид аст, ки аз ҳаҷми умумии маҳсулоти дӯзандагии истеҳсолшуда 212,4 млн. сомонӣ ва ё 62,4 фоиз ба хориҷи кишвар содирот карда шудааст.

Илова бар ин, дар соли 2021 ба миқдори 1117,8 ҳазор дона ниқоби тиббӣ ва 11802 дона халати муҳофизатии махсуси тиббӣ истеҳсол гардидааст. Тибқи маълумоти оморӣ дар мавсими соли 2021 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 454,4 тонна пилла истеҳсол гардидааст, ки назар ба соли 2020 ба андозаи 60,5 тонна зиёд мебошад. Дар маҷмӯи пиллаи дар ҷумҳурӣ истеҳсолшуда, ҳиссаи пиллапарварони вилояти Хатлон ба 48,1 фоиз, вилояти Суғд ба 40,0 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 14,9 фоиз рост меояд.

Аз ҷониби ҶДММ «Атласи Хуҷанд» истеҳсоли матои атлас ба 22,2 ҳазор метри мураббаъ расонида, суръати афзоиш 101,4 фоиз таъмин карда шуда аст. Агар фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагиро вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳқиқу таҳлил намоем, маълум мегардад, ки дар кадом манотиқи кишвар соҳаи номбурда мавқеи намоёнро ишғол мекунад (ҷадвали 2.1.3).

**Ҷадвали 2.1.3. - Истеҳсоли молу маҳсулоти саноати бофандагӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Соли 2021 нисбат ба с.2016 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | мутлақ | Бо % |
| **Вилояти Хатлон** | | | | | | | | |
| Нахи пахта (ҳаз. тонна) | 53,4 | 70,9 | 55,0 | 55,4 | 57,6 | 55,6 | 2,2 | 4,1 |
| Калобаи пахтагин (ҳаз. тонна) | 2,6 | 8,8 | 15,4 | 17,4 | 14,1 | 17,8 | 15,2 | 14,6 |
| **Вилояти Суғд** | | | | | | | | |
| Нахи пахта (ҳаз. тонна) | 29,8 | 38,1 | 40,0 | 43,1 | 41,0 | 41,1 | 11,3 | 37,9 |
| Матои тайёри пахтагин (ҳаз. $м^2$) | 416 | 638 | 4109 | 564 | 707 | 434 | 18,0 | 4,3 |
| Шоҳиврии тайёр (ҳаз. $м^2$) | - | - | 19,4 | 21,4 | 21,9 | 22,2 | - | |
| Қолинҳо ва молҳои қолинӣ (млн. $м^2$) | 1,6 | 1,8 | 2,5 | 2,4 | 1,3 | 2,2 | 0,6 | 37,5 |
| Маҳсулоти кешбофӣ (трикотаж), (ҳаз. дона) | 358,0 | 101,3 | 122,4 | 93,8 | 75,0 | 40,4 | - 317,6 | -11,3 |
| **Шаҳри Душанбе** | | | | | | | | |
| Матои тайёри пахтагин (млн. $м^2$) | 2,2 | 2,7 | 3,4 | 6,4 | 6,7 | 7,7 | 5,5 | 3,5 |
| Калобаи пахтагин (ҳаз. тонна) | 0,3 | 0,7 | 0,8 | 1,2 | 1,2 | 0,9 | 0,6 | 3,0 |
| Ҷуроб ва пайпок (млн. ҷуфт) | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 1,0 | 7,5 | 12,3 | 11,5 | 15,4 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2022. - 415 с.**

Дар вилояти Хатлон аз маснуоти саноати бофандагӣ истеҳсоли калобаи пахтагин тамоюли рушд дошта, аз 2,6 ҳазор тонна дар соли 2016 ба 17,8 ҳазор тонна дар соли 2021 расонида шудааст, ки дар давоми солҳои таҳқиқ 15,2 ҳазор тонна зиёд шудааст. Дар вилояти Суғд истеҳсоли нахи пахта ва маснуоти пахтагин нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ тамоюли зиёдшавӣ дошта, аз 29,8 ҳазор тонна истеҳсоли нахи пахта ба 41,1 ҳазор тонна дар соли 2021 баробар гардидааст, ки 11,3 ҳазор тонна бештар аст. Ҳамчунин, матои тайёри пахтагин низ аз 416

ҳазор $м^2$ дар соли 2016 ба 434 ҳазор тонна дар соли 2021 истеҳсол шуда аст, ки 18,0 ҳазор тонна афзоиш ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки дар низоми саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баробари рушди чанд навъ маснуот, бо маротиб камшавии маҳсулоти кешбофӣ (трикотаж) ба назар мерасад. Ин дар ҳолест, ки агар дар соли 2016 истеҳсоли маҳсулоти кешбофӣ дар вилояти Суғд 358 ҳазор донаро ташкил медод, ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 40,4 ҳазор дона баробар гардида, дар ҳаҷми 317,6 ҳазор дона кам истеҳсол шуда аст. Маҳсулоти кешбофӣ (трикотаж) матое мебошад, ки аслан таркиби он аз нахи пахта иборат буда, бо омехтаи маснуоти синтетикӣ барои истеҳсоли либосҳои баландсифат истифода мешавад.

Шаҳри Душанбе истеҳсолкунандаи асосии ҷуроб ва пайпоқ маҳсуб даниста шуда, дар давраи таҳқиқшаванда аз 800 ҳазор ҷуфт, ки дар соли 2016 истеҳсол гардида аст, ба 11,5 млн. ҷуфт дар соли 2021 баробар гардида, тафовути мутлақи он 10,7 млн. ҷуфт ва ё 14,4 маротиба афзӯдааст. Айни замон, дар ҷумҳурӣ 6 корхонаи халтабарорӣ бо таҷҳизоти муосир фаъолият дорад, ки иқтидори онҳо баҳри бо пуррагӣ таъмин намудани талаботи бозори дохилӣ бо халтаҳои полипропиленӣ асосан барои банду басти семент, шакар, орд, маҳсулоти макаронӣ, хошоки омехта (комбикорм), маъданҳо, нуриҳои минералӣ ва дигар маҳсулотҳо кофӣ мебошад. Соли 2021 ба миқдори 90,5 млн. дона халтаҳои полипропиленӣ истеҳсол гардидааст, ки назар ба соли гузашта 18,1 млн. дона зиёд мебошад.

Имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ корхонаҳои коркарди пилла, аз ҷумла ҶДММ «ВТ Силк», ҶДММ «Дук» ва ҶДММ «Ганҷ» фаъолият менамоянд, ки ресмон, газвори абрешимӣ ва матои абрешими наддофӣ истеҳсол менамоянд. ҶДММ «Атласи Хуҷанд» ягона коргоҳ дар самти истеҳсоли матои атлас дар ҷумҳурӣ буда, дар ин коргоҳ беш аз 60 намуди атлас ва 30 навъи адрас истеҳсол мегардад.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 истеҳсоли нахи пахта зиёда аз 127 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021 ба андозаи 2,4 ҳазор тонна зиёд мебошад.

Дар соли 2022 аз ҷониби корхонаҳои коркарди нахи пахта ба миқдори 20 ҳазор тонна ресмони пахтагин истеҳсол гардида, дар коргоҳҳои бофандагӣ истеҳсоли матои пахтагин 32,9 млн. метри мураббаъро ташкил дод ва суръати афзоиш 2 маротиба зиёд карда шуд. Аз ҷониби корхонаҳои дӯзандагӣ дар соли 2022 дар маҷмуъ ба маблағи 394 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба соли 2021 51,8 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Бо мақсади иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати то оғози соли хониши 2022-2023, таъмин намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо либоси мактабии истеҳсоли ватанӣ тадбирҳо роҳандозӣ гардида, ҳаҷми истеҳсоли либоси мактабӣ дар ин давра ба 3,3 млн дона расонида шуд, ки суръати афзоиш 126,2% таъмин гардидааст.

Бояд қайд кард, ки 20 декабри соли 2022 дар минтақаи саноатии шаҳри Душанбе ҶДММ «Қолинҳои Душанбе» ба кор шуруъ кард, ки дастгоҳу таҷҳизоти қолинбофӣ аз Ширкати «Вандевил»-и Шоҳигарии Белгия ворид карда шуда, бо мақсади муаррифӣ ва дастрасии қолинҳо ба муштариён дар назди корхона мағозаи фурӯши маҳсулот таъсис ёфтааст. Ташкилии корхонаи мазкур барои амалӣ шудани Барномаи рушди соҳаи қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 нақши муҳим мебозад.

Таҳлили маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод муайян намоем, ки дар соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 7,3 млн. метри мураббаъ қолин истеҳсол карда шудааст, ки ин нишондиҳанда назар ба соли 2018 дар ҳаҷми 4,1 млн. метри мураббаъ зиёд мебошад (расми 2.1.2).




**Расми 2.1.2. - Ҳаҷми истеҳсоли маснуоти қолинӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. м²)**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2022. - 415 с**

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Барномаи рушди соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 давоми соли 2022 истеҳсоли пилла ба 389 тонна расонида шуд, ки албатта чунин нишондод қонеъкунанда намебошад.

Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати таъсиси маҷмааи коркарди нахи пахта бо Ширкати «БТК Групп»-и Федератсияи Россия ва дар самти тақвият бахшидани корҳо ҷиҳати коркарди пилла бо Ассотсиатсияи «Узбекипаксаноат»-и Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамкориҳои судманд тақвият ёфта истодаанд.

Мутобиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ҳаҷми ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи саноати бофандагии ҷумҳурӣ ба 218,6 млн. сомонӣ баробар гардид, ки ин нишондиҳанда назар ба соли 2019 ба андозаи 6,9 маротиба зиёд мебошад (ҷадвали 2.1.4).

**Ҷадвали 2.1.4. - Динамикаи ҳаҷми сармоягузориҳо ба соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)**

| Солҳо | Ҳаҷми сармоягузориҳо ба соҳаи саноати бофандагӣ | | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи саноати бофандагӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Ҳаҷми умумии сармоягузориҳо (млн. сомонӣ) | Суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта (бо %) | Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот (млн. сомонӣ) | Суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта (бо %) |
| 2014 | 90,9 | - | 1315 | - |
| 2015 | 204,7 | +125,2 | 1292 | -1,2 |
| 2016 | 124,9 | -39,0 | 1520 | +18,5 |
| 2017 | 57,4 | -54,0 | 2354 | +51,5 |
| 2018 | 71,7 | +24,9 | 2479 | +5,3 |
| 2019 | 31,3 | -56,3 | 2636 | +6,5 |
| 2020 | 218,6 | +598,4 | 2870 | +9,9 |
| 2021 | 946,2 | +332,8 | 4096 | +42,7 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. - 415 с. - С. 260-262, 254-255**

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.2.4. маълум аст, ки дар давоми солҳои 2014-2020 ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи саноати бофадагӣ 2,4 маротиба афзоиш ёфтааст. Танҳо дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 якбора 598 % ҳаҷми сармоягузориҳо афзӯдааст, ки ин бештар вобаста ба ташкили корҳои нав, махсусан дар саноати нассоҷӣ дар мамлакат тааллуқ дорад.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот низ дар ин давра бо маром зиёд гардида фақияти он дар соли 2020 нисбати соли 2014 ба 2,2 маротиба баробар гардидааст.

Мушоҳидаҳо дар давоми солҳои таҳқиқ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба саноати нассоҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле афзудааст.

Масалан, фаъолияти Маҷмааи нассоҷии ҶСП «Джунтай Дангара Син-силу Текстил» дар ноҳияи Данғара имкон медиҳад, ки дар як сол 52 ҳазор тонна нахи пахта коркард шуда, то 150 миллион метри мураббаъ матоъ истеҳсол карда шавад. Ширкатҳои истеҳсоли пахта Олим-Текстайл ва Хуҷанд-Инвест-Поттон низ дар ин самт муваффақ мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 107 корхонаи пахтатозакунӣ фаъолият доранд, ки беш аз 120 ҳазор тонна нахи баландсифати пахтаро истеҳсол мекунанд. Аз ин теъдод танҳо 12 000 тоннааш аз ҷониби корхонаҳои нассоҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард мешаванд. Ин дар ҳолест, ки иқтидори корхонаҳои ресандагӣ дар як сол ба беш аз 70 000 тонна нахи пахта баробар аст.

Ҳамин тавр, саноати бофандагӣ қариб 10%-и ҳиссаи умумии соҳаи саноати кишварро ташкил медиҳад. Ба андешаи мо, барои боз ҳам тақвият бахшидан ба рушди саноати бофандагӣ ҳанӯз имкониятҳо хело зиёд мебошанд. Ҳамин аст, ки аз нигоҳи мо, яке аз самтҳои асосии рушди саноати бофандагӣ дар доираи саноатикунонии босуръати кишвар аз таъмини рушди саноати нассоҷӣ ва қолинбофӣ, махсусан гузариш аз содироти пахтаи хом ба маҳсулоти ниҳоӣ вобастагии зиёд дорад. Бинобар ин, рушди саноати бофандагӣ метавонад таъсири мусбии худро ба иқтисодиёти кишвар расонида, боиси афзоиши истеҳсоли маҳсулоти бофандагӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар гардад.

## 2.2. Баҳодиҳии таъсири хавфҳо ба фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳои мухталифи берунӣ ва дохилӣ, ки ба устувории онҳо таъсир мерасонанд, фаъолият мекунанд. Устувории корхона - ин қобилияти корхона оид ба таъмини фаъолияти муътадили он дар зери таъсири омилҳои гуногун мебошад. Дар раванди идоракунии хавфҳо муҳим он аст, ки сатҳи таъсири хавфҳо ба устувории корхона паст карда шуда, зарари эҳтимолӣ то ҳадди ақал кам гардад. Бинобар ин, барои ноил шудан ба ин ҳадаҳо истифодаи самараноки усулҳои баҳодиҳии хавфҳо хело муҳим мебошад.

Барои баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон моро зарур аст омилҳои дохилӣ ва берунии хавфҳоро муайян кунем (ҷадвали 2.2.1).

**Ҷадвали 2.2.1. - Омилҳои берунӣ ва дохилии ба сатҳи идоракунии хавфҳои корхонаҳои бофандагӣ таъсиррасон**

| № | Омилҳои берунӣ | Омилҳои дохилӣ |
|---|---|---|
| 1 | Ҳолати рушди иқтисодиёти мамлакат | Тактика ва стратегияи корхонаҳои саноати бофандагӣ |
| 2 | Хусусиятҳои танзими давлатии корхонаҳо | Тафаккури саҳмдорон ва роҳбарони корхонаҳо оид ба масъалаҳои қабул ва идоракунии хавфҳо |
| 3 | Сатҳи таваррум | Ҳаҷм, сохтор ва сатҳи кифоягии сармояи корхонаҳои саноати бофандагӣ |
| 4 | Таносуби талабот ва пешниҳод дар бозор | Ҳиссаи маблағҳои қарзӣ ва ҷалбшуда дар сохтори сармояи корхонаҳо |
| 5 | Муносибатҳои рақобатӣ дар соҳаи саноати бофандагӣ | Ҳаҷм ва сохтори дороиҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ |
| 6 | Низоми қонунгузорӣ (тағйирот дар қонунгузории мамлакат) | Хусусиятҳои воситаҳои молиявие, ки корхонаҳои саноати бофандагӣ қабул мекунанд |
| 7 | Буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ | Сатҳи тахассусии менеҷерони хавфҳо ва кормандони корхонаҳо |
| 8 | Кам шудани талабот ба молҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ | Сифати идоракунии корхонаҳои саноати бофандагӣ |
| 9 | Сатҳи эътимоди корхонаҳои саноати бофандагӣ ба низоми бонкии кишвар | Намуд ва хусусиятҳои амалиёти молиявие, ки корхонаҳои саноати бофандагӣ анҷом медиҳанд |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Сабабҳои асосии пайдоиши хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати бофандагӣ инҳоянд: бӯҳронҳои молиявӣ; қарзи кредиторӣ; тағйирёбии шароити бозор; номутавозунии пардохтпазирӣ; баланд шудани сатҳи таваррум; афзоиши ҳаҷми сармояи қарзӣ; афзоиши хароҷоти ғайричашмдошт; сиёсати беасос дар соҳаи ҷалби маблағҳои қарзӣ; тағйирёбии қурби асъор; тағйирёбии фоизи қарзҳо ва ғайраҳо.

Зувайдуллоева Г.Х. хавфу хатарҳои сармоягузории корхонаҳои саноатиро ба хавфҳои қарзӣ, бозорӣ, сармоягузорӣ, дохилӣ, барҳамхурӣ, амалиётӣ, лоиҳавӣ, корӣ, эътиборӣ, мунтазам, фалокатӣ ва иттилоотӣ

ҷудо намудааст[68]. Ба андешаи мо, намудҳои асосии хавфи корхонаҳои саноати бофандагӣ инҳо мебошанд: молиявӣ; истеҳсолӣ; табиӣ, экологӣ, сармоягузорӣ; қарзӣ; инноватсионӣ,  асъорӣ, бозорӣ, таваррумӣ, фоизӣ, биржавӣ, муфлисшавӣ ва ғайраҳо. Бояд гуфт, ки сиёсати корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни идоракунии хавфҳо ба чунин самтҳо равона карда шудааст:

- одилона иҷро намудани уҳдадориҳои ба зимма гирифташуда;

- баҳодиҳӣ ва қабули хавфҳое, ки идоракуниашон дар сатҳи корхонаҳо имконпазир буда,  ба  миқёси фаъолияти онҳо мувофиқ аст;

- татбиқи стратегияи рушди корхонаҳо;

- кам кардани хавфҳое, ки хусусияти субъективӣ доранд;

- таъмини фаъолияти самарабахши корхонаҳо дар шароити бухрон;

- таъмини фаъолияти самарабахши системаи идоракунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои корхонаҳо.

Дар шароити ноустувории равандҳои иқтисодӣ, номуайянӣ ва хавфҳо мушкилоти муайянкунӣ, таҳлил ва баҳодиҳии хавфи корхонаҳои саноати бофандагӣ хеле муҳим мебошад, зеро корхонаҳои мазкур дар рушди устувори иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, саҳмдорон ва роҳбарони корхонаҳои саноати бофандагӣ бояд ба масъалаи идоракунии хавфҳо диққати бештар диҳанд, зеро натиҷаи фаъолияти онҳо аз ҳалли ин масъала сахт вобаста мебошад.

Роҳбарони корхонаҳои саноати бофандагӣ бояд маҷмуи тадбирҳои мақсаднок ва мунтазами баҳодиҳии хавфҳоро таҳия карда, дар амал татбиқ намоянд. Бояд гуфт, ки бо сабаби  дар солҳои охир зуд-зуд ба амал омадани бухронҳо ва ноустувории иқтисодиёт дар соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе масъалаҳои ҳалнашуда, аз ҷумла мавҷуд набудани равиши ягона оид ба баҳодиҳии хавфҳо, ҷой доранд. Тавре ки таҷриба  нишон медиҳад, дар корхонаҳои саноати

[68]Зувайдуллоева Г.Х. Такмили механизми идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе. - 2021. - 57 с.

бофандагӣ усулҳои зерин баҳодиҳии хавфҳо васеътар истифода мешаванд: баҳодиҳии экспертӣ; усули оморӣ; усули таҳлилӣ.

Қайд кардан зарур аст, ки имрӯз баҳодиҳии эҳтимолии математикии хавфҳо ба таври васеъ таҳия шудааст, аммо истифодаи танҳо ҳисобҳои математикӣ дар фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ кофӣ нест, зеро сатҳи саҳеҳӣ ва эътимоднокии ҳисобҳо, пеш аз ҳама, аз мавҷудияти иттилоот вобаста мебошад.

Ҳаминро ҳам таъкид кардан лозим аст, ки баъзан бо сабабҳои муайян, аз ҷумла, набудани маълумоти дуруст ва объективӣ, истифодаи усулҳои дар боло зикршуда барои баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ имкон намедиҳад, то ки натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шаванд. Бинобар ин, он бояд усулҳоеро истифода бурд, ки ба таҷриба ва ҳисси муҳаққиқ асос ёфтаанд. Яке аз чунин усулҳо, ки васеъ истифода мешавад, усули баҳодиҳии экспертӣ ба шумор меравад.

Асоси усули баҳодиҳии экспертиро омӯзиш ва ҷамъбасти баҳодиҳии коршиносон, яъне экспертҳо ташкил медиҳад. Зарурати истифодаи усули баҳодиҳии эксперти барои арзёбии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ вақте ба миён меояд, ки хусусияти хавфҳо номуайян аст ё муайян кардани онҳо душвор мебошад. Масалан, арзёбии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ, ки бо пайдоиши корхонаҳои нави ин соҳа дар бозор, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, тағйирёбии сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат ва ғайра вобаста мебошанд.

Усули баҳодиҳии экспертӣ бо роҳи гузаронидани пурсиши якчанд коршиносон ё экспертҳои мустақил, бо мақсади баҳодиҳии сатҳи хавфҳо ё муайян кардани таъсири омилҳои гуногун ба сатҳи ин хавфҳо амалӣ карда мешавад. Ҳангоми истифодаи усули баҳодиҳии экспертӣ, агар коршиносони пурсишшуда мустақил бошанд, натиҷаҳои хуб ба даст овардан мумкин аст.

Хусусияти хоси усули баҳодиҳии экспертӣ дар он аст, ки ҳангоми қабули қарори мувофиқ ё муносиб далелҳои дақиқи математикӣ талаб

карда намешаванд. Барои ба даст овардани натиҷаҳои миқдории хавфҳо, экспертон ҳамчун "асбоби ченкунӣ" истифода мешавад. Интуитсия, дониши касбӣ ва таҷрибаи андӯхтаи экспертон имкон медиҳад, ки маълумоти хело дақиқ ва дуруст ба даст оварда шавад.

Дар асоси омӯзиши адабиёти гуногун мо алгоритми соддакардашудаи технологияи баҳодиҳии экспертии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро таҳия намудем (расми 2.2.1).




**Расми 2.2.1. - Алгоритми технологияи баҳодиҳии экспертии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**.

Бо истифода аз усули баҳодиҳии экспертӣ маълумоти заруриро, ки ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ истифода мешаванд, зуд ба даст

овардан мумкин аст. Бартариҳои асосии усули мазкур инҳо мебошанд: зуд ва бо сифати баланд гирифтани иттилооте, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифода мешавад; хароҷоти он қадар зиёд дар вақти гузаронидани тадқиқот. Камбудиҳои ин усул сатҳи баланди субъективизм, инчунин сатҳи номуътамади объективии баҳодиҳӣ ба шумор меравand.

Бо мақсади баҳодиҳии миқдории аҳамияти иқтисодии омилҳои хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо усули баҳодиҳии экспертиро истифода бурдем. Ба сифати экспертҳо олимони пуртаҷриба ва мутахассисони соҳа интихоб карда шуданд. Мо дар байни 12 экспертони бахши саноат, бо мақсади муайянкунии аҳамияти омилҳои муайяншуда дар баҳодиҳии сатҳи хавфҳои корхонаҳои мазкур, пурсиш гузаронидем. Ба ҳар як эксперт, ки дар алоҳидагӣ кор мекунад, номи омилҳои эҳтимолии хавфҳои хоси корхонаҳои саноати бофандагӣ дода шуда, хоҳиш шуд, ки эҳтимоли пайдоиши ин хавфҳоро тибқи низоми баҳодиҳии зерин арзёбӣ кунад:

1) 0 хол - хавфи на он қадар хатарнок, на он қадар муҳим; хавфи қобили қабул;

2) 25 хол - эҳтимоли ба миён наомадани хавф бештар аст;

3) 50 хол - дар бораи эҳтимоли ба вуҷуд омадани хавф чизе гуфтан ғайриимкон аст;

4) 75 хол - эҳтимоли ба миён омадани хавф бештар аст;

5) 100 хол - бешубҳа хавф ба вуҷуд меояд.

Бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-омории дараҷабандии пешакӣ муқаррарнашуда (дараҷабандии априори)-и омилҳо, мо натиҷаҳои баҳодиҳии экспертиро коркард кардем. Дар асоси маълумоте, ки аз саволномаҳо, ки аз ҷониби коршиносон пур карда шудаанд, мо ба ҳар як омили хавфҳои ҷудокардаамон (ҷадвали 2.2.2) дараҷаҳои (ранги) зерин муқаррар кардем: 0 хол - рақами 1; 25 хол - рақами 2,5; 50 хол - рақами 5; 75 хол - рақами 7,5; 100 хол - рақами 10.

**Ҷадвали 2.2.2. - Методикаи баҳодиҳии гурӯҳи омилҳое, ки сатҳи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамоянд**

| Рақами шартии экспертҳо, m | Хавфи молиявӣ | | | | Хавфи истеҳсолӣ | | | | Хавфи сармоягузорӣ | | Хавфи қарзӣ | | | Хавфи инноватсионӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Бавуҷуд омадани ноустувории молиявӣ | Нокифоягии захираҳои молиявӣ | Баланд шудани сатҳи таваррум | Баланд шудани меъёри андозҳо | Баланд шудани нархи ашёи хом | Сатҳи баланди фарсуда-шавии воситаҳои асосӣ | Паст шудани сатҳи бозоргирӣ | Кам шудани даромаднокӣ | Тағйирёбии нархи қоғазҳои қиматнок | Сатҳи пасти ҷолибнокии сармоягузорӣ дар мамлакат | Сатҳи пасти қобилияти қарзпардозии қарзгирандагон | Номӯътадилии системаи бонкӣ | Бухрони иктисодӣ | Сатҳи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ | Нокифоягии шумораи мутахассисони баландихтисоси техникӣ |
| | Холҳо вобаста аз сатҳи таъсирнокии омилҳо | | | | | | | | | | | | | | |
| | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | $X_6$ | $X_7$ | $X_8$ | $X_9$ | $X_{10}$ | $X_{11}$ | $X_{12}$ | $X_{13}$ | $X_{14}$ | $X_{15}$ |
| 1 | 50 | 75 | 100 | 50 | 25 | 75 | 50 | 50 | 25 | 50 | 75 | 100 | 75 | 75 | 0 |
| 2 | 25 | 75 | 25 | 25 | 50 | 100 | 25 | 0 | 50 | 50 | 0 | 50 | 50 | 100 | 50 |
| 3 | 0 | 50 | 100 | 0 | 25 | 75 | 0 | 50 | 25 | 25 | 50 | 100 | 50 | 100 | 25 |
| 4 | 50 | 100 | 50 | 25 | 25 | 75 | 25 | 25 | 0 | 0 | 25 | 100 | 50 | 75 | 0 |
| 5 | 25 | 75 | 100 | 50 | 0 | 75 | 50 | 25 | 25 | 75 | 0 | 75 | 50 | 100 | 25 |
| 6 | 25 | 100 | 100 | 50 | 25 | 50 | 75 | 0 | 50 | 0 | 0 | 75 | 50 | 0 | 25 |
| 7 | 0 | 75 | 100 | 25 | 50 | 100 | 50 | 25 | 0 | 50 | 50 | 100 | 100 | 75 | 50 |
| 8 | 50 | 50 | 50 | 0 | 25 | 75 | 0 | 0 | 75 | 50 | 0 | 100 | 50 | 100 | 25 |
| 9 | 50 | 75 | 100 | 50 | 0 | 100 | 50 | 50 | 25 | 0 | 25 | 50 | 100 | 0 | 0 |
| 10 | 0 | 75 | 75 | 25 | 25 | 75 | 25 | 0 | 0 | 50 | 25 | 100 | 75 | 100 | 50 |
| 11 | 25 | 100 | 100 | 50 | 75 | 100 | 50 | 25 | 50 | 25 | 50 | 25 | 100 | 50 | 50 |
| 12 | 50 | 75 | 75 | 0 | 50 | 50 | 0 | 75 | 50 | 0 | 25 | 100 | 50 | 100 | 25 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Маблағи умумии дараҷаҳо  барои ҳар як омили хавфҳо, ки дар  дар ҷадвали 2.2.2 инъикос шудаанд, бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$r_{чамъ} = \sum_{j-1}^{m} a_{ij} \qquad (2.2.1)$$

дар ин ҷо: m - шумораи экспертҳо;

$a_{ij}$ - дараҷаи омили i, ки ба эксперти j-юм дода шудааст.

Мисол, маблағи умумии дараҷаҳо барои омили панҷум $X_5$ баробар мешавад ба:

$X_5$=2,5+5+2,5+2,5+1+2,5+5+2,5+1+2,5+7,5+5=3,95

Маблағи умумии дараҷаҳо барои омили нуҳум $X_9$  баробар аст ба:

$X_9$=2,5+5+2,5+1+2,5+5+1+7,5+2,5+1+5+5=40,5

Дар вақти ҳисобкунӣ маълум шуд, ки  маблағи умумии дараҷаҳо барои омили сенздаҳум $X_{13}$ ба 80 баробар аст:

$X_{13}$=7,5+5+5+5+5+5+10+5+10+7,5+10+5=80

Пас аз муайян кардани ҳаҷми умумии дараҷаҳо барои ҳар як омили хавфҳо, ин дараҷаҳо дар сутуни «Ҷамъи дараҷаҳо» сабт карда мешаванд (ҷадвали 2.2.3).

Барои муайян кардани миқдори миёнаи дараҷаҳо формулаи зеринро истифода мебарем:

$$\frac{1}{K}\sum_{i=1}^{K}\ \sum_{j=1}^{m} a_{ij} \qquad (2.2.2)$$

дар ин ҷо: $k$ - шумораи омилҳо.

Тибқи ҷадвали 2.2.2, ҳаҷми миёнаи дараҷаҳо барои ҳамаи чордаҳ  омил баробар мешавад ба 60,06:

$$\frac{1}{\kappa}\sum_{ш=1}^{\kappa}\ \sum_{j=1}^{m} a_{ij} = \frac{1}{15}(38+92.5+97.5+38+39.5+95+43+36.5+40.5+41.5+36.5+97.5+80+89.5+35.5) = 60.06$$

Барои муайян кардани сатҳи тамоили ҷамъи дараҷаҳо аз ҷамъи миёнаи дараҷаҳо формулаи зерин истифода мешавад:

$$\Delta_1 = \sum_{j=1}^{m}\ a_{1j} - \frac{1}{k}\sum_{i=1}^{k}\ \sum_{j=1}^{m}\ a_{ij} \qquad (2.2.3)$$

**Ҷадвали 2.2.3. Қолиби (матритсаи) дараҷаҳои таъсири гурӯҳи омилҳо ба сатҳи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Рақами шартии экспертҳо, (m=12) | Дараҷаҳо аз рӯи омилҳо (n=15) | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | $X_6$ | $X_7$ | $X_8$ | $X_9$ | $X_{10}$ | $X_{11}$ | $X_{12}$ | $X_{13}$ | $X_{14}$ | $X_{15}$ | $T_j = \frac{1}{12}\sum_u (t_u^3 - t_u)$ |
| 1 | 5 | 7,5 | 10 | 5 | 2,5 | 7,5 | 5 | 5 | 2,5 | 5 | 7,5 | 10 | 7,5 | 7,5 | 1 | 21 |
| 2 | 2,5 | 7,5 | 2,5 | 2,5 | 5 | 10 | 2,5 | 1 | 5 | 5 | 1 | 5 | 5 | 10 | 5 | 23,5 |
| 3 | 1 | 5 | 10 | 1 | 2,5 | 7,5 | 1 | 5 | 2,5 | 2,5 | 5 | 10 | 5 | 10 | 2,5 | 14 |
| 4 | 5 | 10 | 5 | 2,5 | 2,5 | 7,5 | 2,5 | 2,5 | 1 | 1 | 2,5 | 10 | 5 | 7,5 | 1 | 15 |
| 5 | 2,5 | 7,5 | 10 | 5 | 1 | 7,5 | 5 | 2,5 | 2,5 | 7,5 | 1 | 7,5 | 5 | 10 | 2,5 | 13 |
| 6 | 2,5 | 10 | 10 | 5 | 2,5 | 5 | 7,5 | 1 | 5 | 1 | 1 | 7,5 | 5 | 1 | 2,5 | 13 |
| 7 | 1 | 7,5 | 10 | 2,5 | 5 | 10 | 5 | 2,5 | 1 | 5 | 5 | 10 | 10 | 7,5 | 5 | 16,5 |
| 8 | 5 | 5 | 5 | 1 | 2,5 | 7,5 | 1 | 1 | 7,5 | 5 | 1 | 10 | 5 | 10 | 2,5 | 16,5 |
| 9 | 5 | 7,5 | 10 | 5 | 1 | 10 | 5 | 5 | 2,5 | 1 | 2,5 | 5 | 10 | 1 | 1 | 17,5 |
| 10 | 1 | 7,5 | 7,5 | 2,5 | 2,5 | 7,5 | 2,5 | 1 | 1 | 5 | 2,5 | 10 | 7,5 | 10 | 5 | 13 |
| 11 | 2,5 | 10 | 10 | 5 | 7,5 | 10 | 5 | 2,5 | 5 | 2,5 | 5 | 2,5 | 10 | 5 | 5 | 27,5 |
| 12 | 5 | 7,5 | 7,5 | 1 | 5 | 5 | 1 | 7,5 | 5 | 1 | 2,5 | 10 | 5 | 10 | 2,5 | 15 |
| Ҷамъи дараҷаҳо $r_{ҷамъ} = \sum_{j=1}^{m} a_{ij}$ | 38 | 92,5 | 97,5 | 38 | 39,5 | 95 | 43 | 36,5 | 40,5 | 41,5 | 36,5 | 97,5 | 80 | 89,5 | 35,5 | $\sum_{1}^{12}\sum_{1}^{15} a_{ij} = 205,5$ |
| Тамоили ҷамъи дараҷаҳо $\Delta i$ аз ҷамъи миёнаи дараҷаҳо | -22,06 | 32,44 | 37,44 | -22,06 | -20,56 | 34,94 | -17,06 | -23,56 | -19,56 | -18,56 | -23,56 | 37,44 | 19,94 | 29,44 | -24,56 | |
| Тамоили квадратӣ $(\Delta i)^2$ | 486,64 | 1052,35 | 1401,75 | 486,64 | 455,71 | 1220,80 | 291,04 | 555,07 | 382,59 | 344,47 | 555,07 | 1401,75 | 397,60 | 866,71 | 603,19 | $\sum_{i=1} \Delta_i^2 = 10501,38$ |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

дар ин ҷо: $\Delta i$ - тамоили ҷамъи дараҷаҳои омили i-ум;

k - шумораи омилҳо;

$\frac{1}{K}\sum_{i=1}^{K}\sum_{j=1}^{m} a_{ij}$ - ҷамъи миёнаи дараҷаҳо.

Чунончӣ, тамоили ҷамъи дараҷаҳои омили дуюм $\Delta_2$ аз ҷамъи миёнаи дараҷаҳо баробар мешавад ба:

$$\Delta_2 = 95{,}2 - 60{,}06 = 32{,}44$$

Тамоили ҷамъи дараҷаҳои омили сенздаҳум $\Delta_{13}$ аз ҷамъи миёнаи дараҷаҳо баробар мешавад ба:

$$\Delta_{13} = 80 - 60{,}06 = 19{,}94$$

Акнун моро зарур аст тамоили квадратии $(\Delta i)^2$ омилҳои хавфҳоро ёбем. Барои ҳалли ин вазифа формулаи зерин истифода бурда мешавад:

$$\sum_{i=1}^{k} \Delta_i^2 \qquad (2.2.4)$$

Бо ёрии ин формула тамоили квадратии $(\Delta i)^2$ омилҳои хавфҳоро муайян менамоем. Мисол, тамоили квадратӣ барои омили чорум баробар мешавад ба:

$$\Delta_4 = 22{,}06^2 = 486{,}84$$

Тамоили квадратӣ барои омили дувоздаҳум баробар аст ба:

$$\Delta_{12} = 37{,}44^2 = 1401{,}75$$

Баъд аз ин, сатҳи мувофиқати фикру ақидаҳои мутахассисонеро, ки дар раванди баҳодиҳии экспертии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ иштирок мекунанд, баҳогузорӣ кардан зарур аст. Ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки менеҷери хавфҳо омилҳоеро муайян мекунад, ки вобаста ба сатҳи таъсирашон дар як қатор меистанд, аммо ӯ ду ва ё зиёда омилҳои дар як қатор қарордоштаро дақиқ фарқ карда наметавонад. Дар чунин ҳолат дараҷаҳоеро истифода бурдан лозим аст, ки онҳоро дараҷаҳои «вобастабуда» меноманд. Ҳангоми мавҷуд будани дараҷаҳои «вобастабуда» коэффисиенти конкордатсия ё мувофиқат (W) бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$W = \frac{S}{\frac{1}{12} m^2 (k^3 - k) - m \sum_j T_j} \qquad (2.2.5)$$

Дар ин формула:

$$T_j = \frac{1}{12} \sum_u (t_u^3 - t_u), \qquad (2.2.6)$$

дар ин ҷо: т$j$ - рейтинги дараҷабандӣ (ранжирование);

u - шумораи гурӯҳҳое, ки омилҳои дараҷаи якхеларо дар дараҷабандии j-юм аз рӯи дараҷаи аҳамиятнокӣ ташкил кардаанд;

tu - шумораи дараҷаҳои якхела дар гуруҳи u-юми дар дараҷабандии j-юм.

Дар мисоли мо эксперти чорум дараҷаҳои зерини «вобастабуда»-ро муқаррар кардааст: дараҷаи 1 - 3 маротиба; дараҷаи 2,5 - 5 маротиба; дараҷаи 5 - 3 маротиба; дараҷаи 7,5 - 2 маротиба; дараҷаи 10 - 2 маротиба. Ҳамин тариқ, барои эксперти чорум рейтинги дараҷабандӣ т$j$ чунин аст:

$$T_4 = \frac{1}{12}[(5^3 - 5) + (3^3 - 3) + (3^3 - 3) + (2^3 - 2) + (2^3 - 2)] = 15$$

Эксперти даҳум дараҷаҳои зерини «вобастабуда»-ро муқаррар кардааст: дараҷаи 1 - 3 маротиба; дараҷаи 2,5 - 4 маротиба; дараҷаи 5 - 2 маротиба; дараҷаи 7,5 - 4 маротиба; дараҷаи 10 - 2 маротиба:

$$T_{10} = \frac{1}{12}[(4^3 - 4) + (4^3 - 4) + (3^3 - 3) + (2^3 - 2) + (2^3 - 2)] = 13$$

Пас аз муайян кардани рейтинги дараҷабандӣ т$j$ коэффисиенти конкордатсия ё мувофиқат (W)-ро дар асоси формулаи зерин муайян менамоем:

$$W = \frac{12S}{m^2(k^3 - k)} \qquad (2.2.7)$$

Дар мисоли мо коэффисиенти конкордатсия ё мувофиқат (W) ба 0,260 баробар мешавад:

$$W = \frac{12(486,64 + 1052,35 + 1401,75 + 486,64 + 455,71 + 1220,80 + 291,04 + 555,07 + 382,59 + 344,47 + 555,07 + 1401,75 + 397,60 + 866,71 + 603,19)}{12^2(15^2 - 15)} = 0,260$$

Муқаррар шудааст, ки ҳангоми k>7 ҳаҷми m(k-1)W ба $\chi^2$ - тақсимкунӣ аз рӯи шумораи дараҷаҳои озод f=k-1 вобаста мешавад.

Коэффисиенти конкордатсия ё мувофиқат (W) бо меъёри Пирсон муайян карда мешавад. Бо ин мақсад ҳосили $\chi_p^2$-ро муайян кардан лозим аст. Ҳангоме ки дараҷаҳои «вобастабуда» вуҷуд доранд, ҳаҷми $\chi_p^2$ бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$x_p^2 = m(k-1)w = \frac{12s}{mk(k+1)} \qquad (2.2.8)$$

Ҳосили $\chi_p^2$ бо ҷадвали тақсимоти Пирсон, ки барои дараҷаҳои қабулшуда ва шумораи дараҷаҳои озоди f=k-1 пешбинӣ шудааст, муқоиса карда мешавад. Фарзия дар бораи мувофиқати ақидаҳои экспертҳо дар ҳамон вақт татбиқшуда эътироф мегардад, агар $\chi_p^2 \geq \chi_t^2$ бошад. Дар мисоли мо $\chi_p^2$ баробар аст ба:

$$x_p^2 = m(k-1)w = 12(15-1)0{,}260 = 43{,}689$$

Ҳамин тавр, муайян шуд, ки фикру ақидаи экспертҳо бо ҳам мувофиқ аст ва вобаста ба он мо коэффисиенти конкордатсияро муайян намудем. Аз рӯи ҳисоби мо $\sum_j r_i$ =205,5 буда, $W$=0,260 мебошад. Муқаррар шудааст, ки тағйирёбии $W$ дар ҳудуди аз сифр (0) то як (1) ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, коэффисиенти конкордатсияи муайянкардаи мо нишон медиҳад, ки байни ақидаи экспертҳо алоқаи зич мавҷуд мебошад.

Аз ҷадвали тақсимоти Пирсон дарёфтем, ки барои дараҷаи 5%-ии ҳисобкунӣ (α=0,05) ҳангоми ба 15 нафар баробар будани экспертҳо f=k-1=15-1=14 меъёри $\chi^2$ ба 23,685 баробар аст[69]. Дар мисоли мо $\chi_p^2$=43,689>$\chi_t^2$ =23,685 мебошад ва бинобар ин, фарзия оид ба мувофиқати ақидаи экспертҳо рад карда намешавад.

Пас аз боварӣ ҳосил намудан оид ба мувофиқати ақидаи экспертҳо мо қарор додем, ки дар доираи мисоли мазкур диаграммаи дараҷаҳои

---

[69]Щекин А.В. Априорное ранжирование факторов. Хабаровск: Изд-во Хабар. гос. техн. ун-та. - 2004. - 12 с.

хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тахия намоем (расми 2.2.2).




**Расми 2.2.2. Диаграммаи дараҷаи омилҳои ба сатҳи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиррасонанда**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Бояд гуфт, ки дараҷаи таъсири омилҳо ба сатҳи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ вобаста аз зиёд шудани ҳаҷми дараҷаҳо баҳогузорӣ мешавад, яъне чӣ қадаре ҳаҷми дараҷаи омилҳо паст бошад, таъсири он омил ба ҳаҷми объекти тадқиқот ҳамон қадар бештар мешавад.

Чӣ тавре дар расми 2.2.2 дида мешавад, ба сатҳи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири бештарро омилҳои зерин мерасонанд: $X_{12}$, $X_3$, $X_6$, $X_2$, $X_{14}$, $X_{13}$. Таъсири дигар омилҳо он қадар баланд нест. Ҳамин тариқ, дар асоси истифодаи методикаи мазкур, яъне методикаи дараҷабандии пешакӣ муқаррарнашуда (дараҷабандии априори)-и омилҳо, метавонем

омилҳоеро, ки ба сатҳи хавфҳо таъсири наонқадар зиёд доранд, ҷудо карда, онҳоро ҳамчун объекти тадқиқот истифода набарем.

Умуман, натиҷаи дараҷабандии омилҳои хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, ки дараҷаи ин хавфҳо асосан аз таъсири хавфҳои молиявӣ, истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, қарзӣ ва инноватсионӣ, ки мо ҷудо кардем, вобаста мебошад.

Ба андешаи мо, татбиқи натиҷаи ҳосилшуда оид ба ҳисобкунии дараҷаи таъсири хавфҳо ва омилҳои онҳо барои паст кардани сатҳи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кам кардани талафоти моддӣ ва молиявии онҳо, инчунин таъмини суботи молиявии ин корхонаҳо мусоидат мекунад.

## 2.3. Арзёбии самаранокии суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ

Корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир дар муҳити зудтағйирёбандаи берунӣ фаъолият карда, қарорҳои қабулкардаи роҳбарият ва соҳибмулкон хосияти хавфнокӣ дорад. Омилҳои дохилӣ ва берунӣ дар ҷараёни фаъолияти ҳар як корхонаи саноати бофандагӣ хавфҳои гуногунро ба вуҷуд меоранд, ки онҳо метавонад боиси боздоштани фаъолияти истеҳсолӣ ба муҳлати номуайян ва дар бадтарин ҳолат муфлисшавии корхона гарданд.

Сатҳи баланди хавфҳо соҳибмулкон ва роҳбарияти корхонаҳои саноати бофандагиро маҷбур мекунад, ки роҳҳои пешгирӣ, паст намудани сатҳи хавфҳо, то ҳадди ақал кам кардани зарари эҳтимолиро ҷустуҷӯ кунанд. Барои иҷрои ин амалҳо усулҳои гуногун мавҷуданд, ки дар байни онҳо суғуртакунӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад

Суғурта моҳиятан як шакли ташкили фонди махсуси пулӣ аз ҳисоби ҳаққи суғуртавии падохтнамудаи суғурташавандагон буда, ҷуброни зарари дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ бавуҷудомадаро,

вобаста ба шартҳои созишномаи суғуртавӣ, кафолат медиҳад. Нақш ва аҳамияти суғурта, махсусан дар шароити иқтисоди бозорӣ, вобаста ба маҳдуд шудани кафолати давлатии талофии зарари дар натиҷаи ҳодисаҳои ногаҳонӣ ба амволи корхонаҳо расонидашуда, номуайянии омилҳои дохилӣ ва берунии ба фаъолияти соҳибкорон таъсиррасонанда, афзоиши намудҳои хавфҳои соҳибкорӣ ва ғайра боз ҳам зиёдтар мегардад[70].

Суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноати бофандагӣ объектҳои зеринро фаро мегирад: мошинҳо ва воситаҳои нақлиёт; бино, иншоот ва таҷҳизот; захираи молҳо; маҳсулоти тайёр; сохтмони нотамом; бор ва ғайраҳо. Намудҳои асосии суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноати бофандагӣ инҳо мебошанд:

- суғуртаи молу мулк аз хавфҳои берунӣ;
- суғуртаи молу мулк аз хавфҳои дохилӣ;
- суғуртаи танаффус ё муваққатан қатъшавии фаъолияти истеҳсолӣ.

Суғурта аз хавфҳои берунӣ нисбат ба объектҳое гузаронида мешавад, ки дар тавозуни корхона, дар иҷора, дар гарав, дар истифодабарии муваққатӣ, инчунин дар дигар шаклҳои соҳибият ва ихтиёрдорӣ қарор доранд.  Аз ҷумла, биноҳо, иншоот, таҷҳизот, механизмҳои истеҳсолоти асосӣ ва ёрирасон, асбобҳои муҳофизатӣ ва танзимкунӣ, иншооти шабакаи муҳандисӣ, захираи ашёи хом, маҳсулоти тайёр, асбобҳо ва дигар объектҳои ба маҷмуи молу мулки корхона дохилбуда, суғурта карда шаванд.

Молу мулки корхонаҳои саноати бофандагиро аз хавфҳои сӯхтор, таркиши технологӣ, таъсири об, офатҳои табиӣ, амалҳои бадқасдонаи шахсони сеюм, аз ҷумла дуздӣ ва ғоратгарӣ, бархӯрди воситаҳои нақлиёт суғурта кардан мумкин аст. Аммо баъзан чунин номгӯи хавфҳои суғуртавӣ барои ҳифзи манфиатҳои молу мулкии корхонаҳои саноати бофандагӣ кифоя нест. Бинобар ин, дар шароити муосир ташкилотҳои

[70]Содиқов Р.Ҳ. Суғурта (китоби дарсӣ). - Душанбе:  ҶДММ «Хирадмандон». - 2021. - 515 с.

суғуртавӣ шартномаҳои суғурта аз «ҳама хавфҳо»-ро пешниҳод мекунанд, ки фарогирии ҳама гуна ҳодисаҳоеро, ки аз шартномаи суғурта мустақиман берун намондаанд, таъмин мекунанд.

Ҳимояи иловагии суғуртавӣ барои корхонаҳои саноати бофандагӣ суғуртаи мошинҳо ва таҷҳизот аз хавфҳои дохилии вайроншавӣ, муваққатан корношоям шудан, инчунин суғуртаи таҷҳизот аз хавфҳои таъсири нерӯи электронӣ шуда метавонанд. Ба объекти суғурта аз хавфҳои таъсири нерӯи электронӣ таҷҳизот (мошинҳо, механизмҳо), агрегатҳое, ки зери фишор кор мекунанд, асбобҳои борбардор, конвейеру лифтҳо, таҷҳизоти интиқолдиҳӣ ва дигар механизмҳо дохил мешаванд.

Дар ин мавридхавфҳои суғуртавӣ инҳо мебошанд: шикастан, нуқсонҳо, хатогиҳои кормандон, канда шудани ноқилҳо ва занҷирҳо, афтидани ашёи суғурташуда, вайроншавӣ дар натиҷаи расиши кӯтоҳ, аз ҳад зиёд кардани сарборӣ, қатъ шудани ҳаракати механизм дар зери таъсири ашёи бегона, зарбаи об ё набудани моеъ дар механизмҳо, шикастани асбобҳои муҳофизаткунанда ё танзимкунанда[71].

Дигар унсури муҳими иловагӣ дар суғуртакунии молу мулки корхонаҳои саноати бофандаги ҳимоякунӣ аз талафот дар сурати муваққатан бозмондани ҷараёни истеҳсолот мебошад. Бояд гуфт, ки дар сурати зарар дидани маҷмуи объектҳои молу молики корхона ҷараёни истеҳсолот, чун қоида, боздошта мешаванд. Ҳангоми чунин танаффус корхона аз ҳисоби хароҷоти доимие, ки ба гардиши корхона вобаста намебошад, фоидаи худро аз даст медиҳад.

Мувофиқи шартномаи суғурта дар натиҷаи танаффус ё муваққатан бозмондани ҷараёни истеҳсолот талафоти зерин аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ талофӣ ё ҷуброн карда мешавад: фоидаи пешбинишуда, музди меҳнат, аз ҷумла пардохтҳои иҷтимоӣ, маблағи истеҳлокӣ, пардохтҳои

[71]Балабанов И.Т. Риски промышленных предприятий: сущность, методы измерения, пути снижения. - М.: Дело и Сервис. - 2017. - 470 с.

андоз ва иҷора, инчунин фоизи қарзҳои барои рушди истеҳсолот гирифташуда[72].

Вобаста ба хусусиятҳои хоси фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ, ғайр аз намудҳои суғуртаи дар боло зикршуда, доираи хизматрасониҳои суғуртавиро ё васеъ ё маҳдуд кардан мумкин аст. Аз ҷумла, тавассути бастани шартномаи суғурта ҷуброни хароҷоти иловагӣ барои таъмири молу мулки вайроншуда дар вақти изофакорӣ, инчунин хароҷоти таъхирнопазири нақлиёт, хароҷот барои барқарор кардани нақшаҳо, шартномаҳо, баҳисобгирии муҳосибӣ, маълумоти гумшудаи электронӣ пешбинӣ шуда метавонад. Ғайр аз ин, хароҷоти муваққатан кучидан дар давраи корҳои барқароркунӣ, кашонда овардани молу мулк, ба нигаҳдории муваққатӣ супурдани он ва ғайраро суғурта кардан мумкин аст

Суғуртаи молу мулк ё амвол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз зерсоҳаҳои суғуртаи умумӣ буда, объекти муносибатҳои суғуртавии он молу мулки намудҳои гуногун мебошад. Дар зери мафҳуми молу мулк маҷмӯӣ ашёҳо ва арзишҳои моддие фаҳмида мешавад, ки моликияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ буда, аз ҷониби онҳо ба таври фаврӣ идора карда мешавад.

Дар моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» омадааст, ки «суғуртаи молу мулк - намуди суғурта, ки ба андозаи қисман ё пурра пардохт намудани ҷуброни суғуртавиро барои зараре, ки ба манфиатҳои молумулкии шахс вобаста ба соҳибӣ, истифодабарӣ, ихтиёрдории молу мулк дар натиҷаи вайрон, нобуд шудан ё дуздидани он расонида шудааст, пешбинӣ менамояд»[73].

Дар суғуртаи амвол чор тарзи талофии зарари суғуртавӣ мавҷуд аст: талофии пулӣ; таъмир; ивазнамоӣ; барқароркунӣ. Одатан ба

---

[72]Габдинуров И.В. Управление финансовыми рисками в новых экономических условиях. - М.: НТЦ «Развитие». - 2017. - 91 с.

[73]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2016, №7.

суғурташаванда ҳуқуқи интихоби ин ё он тарзи талофии зарари суғуртавӣ дода мешавад.

Аз ҳама бештар тарзи пулии талофии зарари суғуртавӣ истифода мешавад. Истифодаи тарзҳои натуралии талофии зарари суғуртавӣ ҳангоми суғуртакунии воситаҳои нақлиёт, амволи ғайриманқул, шиша манфиатовар мебошад.

Барои гирифтани талофии суғуртавӣ суғуртакунанда бояд талаби (даъвои) худро оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар муҳлат ва шакли муқарраршуда ба суғуртакунанда пешниҳод намояд. Ба вуқӯъ пайвастани ҳодисаи суғуртавӣ бояд бо ҳуҷҷатҳо (масалан, хулосаи экспертӣ, хулосаи идораи мубориза зидди сӯхтор, идораи назорати техникӣ ва ғайра) тасдиқ карда шавад.

Дар ҳуҷҷатҳо воқеан ҳам рух додани ҳодисаи суғуртавӣ исбот карда шуда, сабабҳои ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ ва шахсоне, ки бо айби онҳо ин ҳодиса рух додаст, нишон дода мешавад. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳои мазкур ба ӯҳдаи суғурташаванда вогузор мешавад.

Яке аз намудҳои муҳими суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ *суғуртакунии амвол аз сӯхтор ва дигар хатарҳо* мебошад. Суғуртакунӣ аз сӯхтор ва дигар хатарҳо намуди анъанавии суғурта буда, яке аз намудҳои васеъпаҳншудаи суғуртаи амвол мебошад. Ба сифати объекти суғурта аз сӯхтор ва дигар хатарҳо амволи зерин истифода мешавад: бино; иншоот; объектҳои сохтмонашон нотамом; дастгоҳи ҳаракатгузаронанда; мошинҳо ва таҷҳизот; ҷамъи асбобу анҷоми муассиса, идора ё хоҷагӣ (инвентар); маҳсулот; ашёи хом; маводҳо; молҳо; сӯзишворӣ; амволи хона ва дигар амвол. Бо як шартномаи суғурта тамоми амвол ё намудҳои алоҳидаи онро суғурта намудан мумкин аст. Бо низоми якхела суғурта кардани намудҳои гуногуни амвол имконнопазир мебошад. Намудҳои амволи аз ҳама қиматтар (пул, қоғазҳои қиматнок, сангҳои қиматбаҳо, асарҳои санъат ва ғайра), инчунин моддаҳои тарканда ва сӯзанда дар асоси шартҳои махсус, ҳамчун илова ба шартномаи асосӣ, суғурта карда мешаванд.

Дар суғуртаи амвол шартномаҳои асосӣ ва иловагиро фарқ менамоянд. Тавассути шартномаи асосӣ танҳо амволе суғурта карда мешавад, ки моликияти худи суғурташаванда мебошад. Ба воситаи шартномаи иловагӣ амволи зерин суғурта карда мешавад: амволи ба иҷора додашуда; амволе, ки аз дигар корхонаҳо ва аҳолӣ барои таъмир, кашонидан ва нигоҳ доштан гирифта шудааст; амволе, ки барои гузаронидани корҳои таҷрибавӣ, тадқиқотӣ ва нишон додан дар намоишгоҳҳо қабул карда шудааст.

Таъминоти суғуртавӣ барои амволи ҳаракаткунанда фақат дар ҳудуди муайяни суғуртавӣ (ҷойи суғурта) пешниҳод карда мешавад. Ҳудуди муайяни суғуртавӣ бино ё ҷой дар бино, инчунин қитъаи заминест, ки дар шартномаи суғурта нишон дода шудааст. Агар амволи ҳаракаткунандаи суғурташуда аз ҷойи суғурта гирифта шавад, он гоҳ ҳимояи суғуртавӣ қатъ мегардад.

Ба суғурта аз сӯхтор ва дигар хатарҳо чизҳое, ки баҳои арзишӣ надоранд (дастхатҳо, нақшаҳо ва ғайра), инчунин амволе, ки суғуртакунии он бо шартҳои махсуси суғурта гузаронида мешавад (воситаҳои нақлиёт, мошинҳои ҳаракаткунандаи сохтмонӣ, ҳайвоноти соҳаи кишоварзӣ) қабул карда намешавад.

Дар шартномаи суғурта аз сӯхтор ва дигар хатарҳо ҳимояи суғуртавӣ барои несту нобуд шудан ё зарар дидани амвол, аз хавфҳои зерин, пешниҳод карда мешавад: сӯхтор; офатҳои табиӣ (заминҷунбӣ, обхезӣ, тӯфон, боришоти зиёд, жола); раъду барқ; таркиши газ; таъсири об (садама дар системаҳои гармидиҳӣ, обтаъминкунӣ, воридоти об аз манзили ё бинои ҳамсоя); хомӯш гардидани қувваи барқ дар натиҷаи офатҳои табиӣ.

Суғуртакунанда уҳдадор аст инчунин хароҷоти суғурташавандаро вобаста ба чораҳои андешидаи ӯ барои кам кардани зарари имконпазир, ҳатто чораҳои мазкр бенатиҷа анҷом ёфта бошад ҳам, ҷуброн намояд. Аммо дар чунин ҳолат бояд исбот карда шавад, ки хароҷоти мазкури суғурташаванда зарур буд ва ё бо нишондоди ташкилоти суғуртавӣ

амалӣ шудааст. Пас аз бастани шартномаи суғурта суғурташаванда ӯҳдадор аст дар тӯли амали шартнома дар муҳлати муайян (одатан ҳар моҳ) дар бораи ҳолати воқеӣ ва арзиши объекти суғурта ба шаиркати суғурта маълумот пешниҳод намояд. Дар асоси ин маълумот арзиши суғуртавии объекти суғурта, маблағи суғуртавӣ ва ҳаққи суғуртавӣ муайян карда мешавад.

Суғурта аз сӯхтор ва дигар хатарҳо бо усулҳои суғуртакунии пурра (баробар будани маблағи суғуртавӣ бо арзиши суғуртавӣ), суғуртакунии нопурра (аз арзиши суғуртавӣ кам будани маблағи суғуртавӣ), хавфи аввал ва ғайра гузаронида мешавад.

Дар давоми амали шартномаи суғурта то лаҳзаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ суғурташаванда ҳуқуқ дорад маблағи суғуртавиро то ҳаҷми арзиши суғуртавӣ зиёд намояд (аддендум), ки дар натиҷа ҳаққи суғуртавӣ низ таносубан афзун мегардад.

Тавассути ҳимояи суғуртавии иловагӣ, ки барои ҷуброни зарарҳои ғайримустақим пешбинӣ гардидааст, амволро аз хавфҳои зерин суғурта намудан имконпазир аст: аз амалҳои ғайриқонунии шахсони сеюм (оташ задан, тарконидан, дуздӣ бо роҳи қулфро шикастан); шикастани шишаҳои тереза ва ҷойи намоиши молҳо; фоида нагирифтан дар натиҷаи танаффус дар истеҳсолот.

Асос барои муайян намудани ҳаҷми зарари дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба амволи суғурташуда расонидашуда маълумоти дар санади суғуртавӣ сабтшуда ба шумор меравад. Зарари суғуртавӣ чунин муайян карда мешавад:

- ҳангоми несту нобуд шудани амвол ё дуздидани он - дар ҳаҷми арзиши суғуртавии амволи несту нобуд шуда (бо тарҳи қисми боқимонда, ки барои истифодаи оянда имконпазир аст) ва ё гумшуда;

- ҳангоми зарар дидани амвол - дар ҳаҷми харочот барои барқарор намудани он ва ё дар ҳаҷми зарари ба амволи суғурташуда расонидашуда, агар барқарор намудани амвол имконнопазир бошад.

Дар суғуртаи амвол аз сӯхтор ва дигар хатарҳо зарарҳое, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои зерин ба вуҷуд омадааст талофӣ карда намешавад:

- ҳодисаҳое, ки дар ҷараёни кор ногузиранд ва ё ба таври табиӣ аз он пайдо мешаванд (занг задан, пусидан, кӯҳнашавӣ ё фарсудашавии ҷисмонӣ ва ё дигар ҷараёнҳои табиӣ, ки боиси тағйир ёфтани хосиятҳои ашёҳои алоҳида мегардад);

- коркарди амвол бо оташ, гармӣ ва ё дигар таъсири ҳарорат ба он бо мақсади истеҳсоли мол;

- мавҷудияти нуқсон дар амвол, ки то бастани шартномаи суғурта ҷой дошт.

Дар самти идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ баҳодиҳии самаранокии иқтисодии усулҳои суғуртакунӣ ё худсуғуртакунӣ нақши муҳим дорад. Бинобар ин, мо бо истифодаи модели Хаустон самаранокии суғуртакунӣ ва худсуғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро арзёбӣ мекунем.

Методикаи баҳодиҳии самаранокии суғуртакунӣ ба муқоисаи хароҷоти мустақим ва ғайримустақим, ки ҳангоми истифодаи усулҳои гуногуни идоракунии хавфҳо ба вуҷуд меоянд, асос ёфтааст. Ҳангоми худсуғуртакунӣ  хароҷоти умумӣ аз ҳисоби маблағи ҷуброни зарар ва фоидаи аз даст додашуда, ки дар вақти  ташкили фонди хавф пайдо мешаванд, ташкил карда мешавад. Зимни суғуртакунӣ хароҷоти ташкилоти суғуртавӣ аз ҳисоби маблағи ҳаққи  суғуртавӣ ва фоидаи аз даст додашуда дар натиҷаи кам маблаггузорӣ шудан ба истеҳсолот, ташкил карда мешавад.

Ҳаҷми зарари ниҳоӣ бо афзоиши шумораи воҳидҳои алоҳидаи сохторӣ, ки объекти саноатӣ ва дорои эҳтимолияти нисбатан мустақили пайдоиши вазъи номусоид мебошанд, кам мешавад. Чунин воҳидҳои сохторӣ инҳо шуда метавонанд: иншооти саноатӣ, зарфҳо, таҷҳизоти нақлиётӣ, муҳаррикҳои электрикӣ, компрессорҳо ва ғайра.  Ҳар қадар шумораи воҳидҳои ҷудогонаи сохторӣ дар таркиби объект зиёд бошад,

тамоили талафоти умумии имконпазир дар давоми сол аз арзиши миёнаи он камтар мешавад.

Азбаски ҳаҷми фонди хавф барои худсуғуртакунӣ бояд дар ҳаҷми зарари ниҳоии қобили қабул ташкил карда шавад, арзиши нисбии он бо зиёд шудани шумораи объектҳо кам мешавад.

Ҳамин тариқ, дар шароити муосири иқтисодӣ татбиқи усули худсуғуртакунӣ фоиданоктар шуда, самараи суғуртакунӣ бо сабабҳои зерин кам мешавад:

- зиёд шудани ҳаҷми корхонаи саноатӣ;

- мураккаб гардидани сохтори корхонаи саноатӣ ва дар ҳудуди калон тақсим шудани воҳидҳои истеҳсолии он.

Баҳодиҳии самаранокии суғурта аз хавфи талафи амвол барои ҳар як объекти саноатӣ аз рӯи методологияи зерин сурат мегирад:

1. Барои ҳар як объект, талафоти миёнаи солона $L_{миёна}$, инчунин ҳадди аксари талафоти қобили қабул $L_{\max}$ ҳисоб карда мешавад, ки ба сатҳи ҳадди ақали қобили қабули эҳтимолӣ мувофиқат мекунад. Ҳаҷми фонди хавф F ба талафоти ниҳоӣ $L_{\max}$ баробар аст.

2. Агар барои баҳодиҳӣ арзиши фонди хавф бо ифодаи мутлақ истифода бурда шавад, пас арзишҳои бадастомада ба тарафи рости нобаробарӣ иваз карда мешаванд. Дар натиҷа баҳодиҳии талафоти умумии дороиҳои корхона ҳангоми худсуғуртакунӣ сурат мегирад:

$$Q = L_{миёна} + L_{\max}\frac{r-i}{1+r}, \qquad \textbf{(2.3.1)}$$

ки дар ин ҷо: $Q$ - талафоти умумии дороиҳои корхона ҳангоми худсуғуртакунӣ.

3. Инчунин муодилаеро истифода бурдан мумкин аст, ки баҳодиҳии талафотро дар воҳидҳои нисбӣ ба назар мегирад. Дар ин ҳолат, ба ҷои арзиши мутлақи талафоти ҳадди аксар, арзиши нисбии мукофоти ё иловапулии хавф Sf истифода мешавад.

4. Баҳодиҳии умумии талафоти камшуда ҳангоми худсуғуртакунӣ ҳадди болоии пардохти ҳаққи суғуртавиро муайян мекунад, ки дар он истифодаи суғурта нисбат ба худсуғуртакунӣ самараноктар аст:

$$P<Q,$$

ки дар ин ҷо: P - ҳаққи суғуртавӣ.

5. Ҳаққи суғуртавӣ P тавассути тарифи суғуртавӣ, ки одатан бо фоиз аз маблағи суғуртавӣ инъикос мегардад, ҳисоб карда мешавад. Ба сифати маблағи суғуртавӣ арзиши тавозуни объектро истифода бурдан мумкин аст. Бо ифодаи арзиши балансӣ Sб баҳодиҳии ҳаҷми ниҳоии тарифи суғуртавии қобили қабул анҷом дода мешавад:

$$T_{MAX} = \frac{Q}{S\sigma} \qquad \textbf{(2.3.2)}$$

$$T \prec T_{MAX}$$

дар ин ҷо: T - тарифи суғуртавӣ;

$T_{\max}$ - тарифи суғуртавии то ҳадди ниҳоӣ қобили қабул.

Ҳамин тариқ, метавон чунин  хулоса кард, ки истифодаи суғурта ҳамон вақт самаранок мешавад, агар ҳаҷми ҳаққи суғуртавӣ P шарти зеринро иҷро кунад: P<Q ё меъёри тарифи суғуртавӣ аз ҳадди ниҳоии қобили қабул камтар бошад: T<Tmax.

Акнун самаранокии суғуртаро  барои дараҷаҳои гуногуни баҳодиҳии ҳаҷми зарари ниҳоии қобили қабул $L_{max}$ ҳисоб мекунем. Ба сифати вариатҳо дарафаҳои зеринро интихоб мекунем:

$$1{,}5L_{миёна},\ 2L_{миёна} \quad ва\ 3L_{миёна} \qquad \textbf{(2.3.3)}$$

Дараҷаи миёнаи сармоягузории бехавфро баробар ба 15%, яъне i = 15% қабул мекунем.  Дар айни замон,  баҳодиҳии самаранокиро барои ду варианти ҳосили ҳаққи суғуртавӣ дар корхонаи саноати бофандагӣ ҳисоб менамоем: хеле эҳтимолнок; хело мусоид.

Барои бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳосили эҳтимолии мукофоти  суғуртавӣ  (ҳаққи  суғуртавӣ) ба таносуби миёнаи байни воридоти суғуртавӣ ва пардохтҳову ҷубронҳои  суғуртавӣ мувофиқ аст.

Барои муайян кардани таносуби мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мо маълумоти омориро истифода мебарем. Мо ин нишондиҳандаро аз рӯи маълумоти расмии Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) ҳамчун мақоми назаорати суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ ҳисоб намудем[74]. Чунончӣ, мувофиқи маълумоти БМТ дар соли 2021 ҳаҷми умумии воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба 287,0 млн. сомонӣ баробар шуда, пардохтҳо ва ҷубронҳои суғуртавӣ ҳамагӣ 91,8 млн. сомониро ташкил намудааст.

Ҳамин тариқ, таносуби миёнаи байни воридоти суғуртавӣ ва пардохтҳову ҷубронҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи намудҳои суғурта тақрибан ба 3,12:1 баробар аст, яъне ба ҳар як 3,12 сомонӣ мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) пардохташуда 1 сомонӣ пардохтҳову ҷубронҳои суғуртавӣ рост меояд (287,0 млн.сомонӣ/91,8 млн. сомонӣ=3,12 сомонӣ).

Азбаски маълумоти оморӣ дар бораи пардохтҳо сатҳи миёнаи зарарро дар маҷмӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мекунад, ин таносуби математикӣ ба таври зерин навишта мешавад:

$$\mathbf{P}_{\text{эҳтимолӣ}} \gg \boldsymbol{L}_{\text{миёна}}, \qquad \textbf{(2.3.4)}$$

Дар шароити муосири бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи хеле мусоиди мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба таносуби байни меъёри тарифи суғуртавӣ ва меъёри софи (нетто-меъёри) ба сохтори он дохилшуда мувофиқат мекунад. Ин таносубро 1,2:Ҳс (Ҳс - ҳиссаи сарборӣ) мегирем (ба таври идеалӣ ҳиссаи сарборӣ набояд аз 30% зиёд бошад). Ин таносубро ба таври зерин навиштан мумкин аст

$$\mathbf{P}_{\text{мусоид}} \gg \mathbf{1{,}2}\, \boldsymbol{L}_{\text{миёна}}, \qquad \textbf{(2.3.5)}$$

Аз сабаби он, ки дар бисёр мавридҳо суғуртакунӣ ва худсуғуртакунӣ усулҳои муҳим ва маъмултарини идоракунии хавфҳо мебошанд, мо

[74]Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон - www.nbt.tj

қарор додем, ки самаранокии ин ду усулро ба таври муқоисавӣ муайян намоем. Тарзи баҳодиҳии муқоисавии суғуртакунӣ ва худсуғуртакунӣ дар адабиёти хориҷӣ бо номи усули Хаустон маълум мебошад. Моҳияти ин усул дар баҳодиҳии таъсири тарзҳои гуногуни идоракунии хавфҳо ба "арзиши корхона" ифода меёбад.

Арзиши корхонаро тавассути арзиши дороиҳои озоди он муайян кардан мумкин аст. Дороиҳои озод (ё холиси) корхона фарқи байни арзиши ҳамаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои он мебошад.

Қабули қарорҳо дар бораи суғуртакунӣ ё худсуғуртакунии хавфҳо арзиши корхонаро тағйир медиҳанд, зеро хароҷот барои амалӣ намудани ин чорабиниҳо маблағҳои пулӣ ё дороиҳоеро, ки ташкилот метавонад онҳоро барои сармоягузорӣ ва гирифтани фоида истифода барад, кам менамояд. Модели Хаустон инчунин пайдоиши зарарро дар оянда аз ҳисоби хавфҳои таҳқиқшаванда ба назар мегирад.

*Ҳангоми суғуртакунӣ* корхона дар оғози давраи ҳисоботӣ мукофоти суғуртави (ҳаққи суғуртави)-ро пардохт карда, кафолати ҷуброни зарарро дар оянда мегирад. Арзиши корхона дар охири давраи ҳисоботӣ ҳангоми татбиқи суғурта бо формулаи зерин ифода карда мешавад:

$$\mathbf{Si=S-P+r(S-P),} \qquad \mathbf{(2.3.6)}$$

дар ин ҷо: Si - арзиши корхона дар охири давраи молиявии суғуртавӣ;

S - арзиши корхона дар аввали давраи молиявӣ;

R - ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ);

d - даромади миёнаи дороиҳои истифодашаванда.

Маблағи зарари суғуртавӣ ба арзиши корхона таъсир намерасонад, зеро ин зарар пурра аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ дар шакли пардохти суғуртавӣ ҷуброн карда мешавад.

Дар сурати худсугуртакунӣ корхона хавфҳои худро пурра дар масъулияти худ нигоҳ дошта, фонди махсуси захиравӣ - фонди хавфро ташкил медиҳад. Таъсири хавфҳои дар масъулияти корхона нигоҳ дошта

шударо ба ҳаҷми дороиҳои озоди корхона бо формулаи зерин ҳисоб кардан мумкин аст:

$$SR=S-L+r(S-L-F)+iF, \qquad (2.3.7)$$

ки дар ин ҷо: SR - арзиши корхона дар охири давраи молиявӣ дар сурати пурра дар масъулияти корхона нигоҳ дошта шудани хавфҳо;

L - талафоти интизорӣ аз хавфҳои баррасишаванда;

F - ҳаҷми фонди захиравии хавф;

i - даромади миёнаи дороиҳои фонди хавф.

Ҳангоми худсуғуртакунӣ мумкин аст ба корхона ду намуди зарар расонида шавад: зарари мустақим; зарари ғайримустақим. Зарарҳои мустақим ҳамчун талафоти интизории солона L ифода карда мешаванд. Ғайр аз талафоти интизорӣ L, маблағҳои муайян бояд ба фонди захиравӣ F равона карда шаванд, то талафоти пешбинишуда ҷуброн карда шавад ва пас аз он захираҳои муайян боқӣ монанд.

Дар назар дошта мешавад, ки дороиҳо дар фонди захиравӣ нисбат ба дороиҳое, ки ба истеҳсолот равона карда мешаванд, дар шакли хеле бозоргир ё пардохтпазир нигоҳ дошта мешаванд, бинобар дороиҳои дар фонди захиравӣ ҷойгир карда шуда даромади камтар меоранд. Муқоисаи ҳосилаҳои Si ва SR имкон медиҳад, ки самаранокии муқоисавии иқтисодии суғурта ва худсуғуртакунӣ баҳо дода шавад.

Бояд қайд кард, ки барои ноил шудан ба дурустии бештари ҳисобҳо ба назар гирифтани дисконти (тахфифи) селаҳои пулӣ дар натиҷаи тақисми зарар ба муҳлатҳо, ба таъхир гузошатни пардохти ҷуброни суғуртавӣ, ки бо таҳия ва пешниҳоди даъвоҳо ва мавҷудияти таваррум вобаста аст, зарур мебошад.

Акнун моро зарур аст аз модели Хюстон шарти самаранокии истифодаи суғуртаро дар корхона барои ҳимояи он аз хавфҳо муайян

кунем. Аз ҷиҳати математикӣ ин шартро дар шакли зерин навиштан мумкин аст:

$$Si>SR, \qquad (2.3.8)$$

Формулаи (2.3.8) аз он шаҳодат медиҳад, ки арзиши корхона дар охири давраи молиявӣ дар сурати суғуртакунӣ бояд бештар шавад, назар ба худсуғуртакунӣ

Формулаҳои (2.3.6) ва (2.3.7)-ро ба нобаробарии (2.3.8) иваз намуда, баъзе дигаргуниҳоро анҷом дода, формулаи зеринро ҳосил мекунем:

**P<L_(миёна + F) (r-i)/(1+r),   (2.3.9)**

ки дар ин ҷо: P - мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ);

Lмиёна - кам шудани талафоти миёнаи пешбинишуда;

F - ҳаҷми фонди хавф дар ҳолати татбиқи худсуғуртакунӣ;

r - даромади миёна аз дороиҳои истифодашаванда;

i - даромади миёна аз дороиҳои фонди хавф.

Аз нобаробарии (2.3.9) мумкин аст ҳаҷми ниҳоии иҷозатдодашудаи мукофоти суғуртавиро муайян карда шавад, агар дар бораи арзишҳои ба он дохилшуда тахминҳои муайяне пешниҳод карда шавад. Ду параметри калидие, ки риоя ё риоя накардани ин нобаробарӣ ба онҳо вобаста аст, талафоти миёнаи пешбинишуда Lмиёна ва ҳаҷми фонди захиравии хавф F мебошанд. Акнун қонуниятҳои асосии хоси ин арзишҳоро баррасӣ мекунем.

Барои дуруст ҳисоб кардани нишондиҳандаҳо дар формулаи (2.3.9) истифодаи ҳосили зарари интизорӣ Lмиёна, ки дар аввали давраи молиявӣ мавҷуд аст, зарур аст.

Зарарҳои воқеӣ вобаста ба давраҳои мушоҳида тақсим карда мешаванд ва талафоти аз муҳлат пештар руйдода ба тағйир ёфтани арзиши корхона таъсири бештар мерасонад. Дар ин ҳолат барои тасҳеҳи ҳосили Lмиёна, мо метавонем расмиёти стандартиро барои тахфифи селаҳои молиявӣ истифода барем.

Ҳаҷми зарурии фонди хавфро F, ки онро корхона бояд ҳангоми худсуғуртакунӣ ташкил кунад, дар асоси мулоҳизаҳои зерин баҳо додан мумкин аст. Маблағҳои фонди хавф то вақте, ки барои ҷуброни зарар

зарур нестанд «муваққатан озод» мебошанд ва корхона метавонад онҳоро барои гирифтани фоида истифода барад.

Агар самаранокии истифодаи фонди хавф ба самаранокии истифодаи дороиҳои истеҳсолӣ баробар бошад (яъне, r=i), он гоҳ шарти самаранокии суғурта, ки аз рӯи нобаробарии (2.3.9) дода шудааст, ҳеҷ гоҳ иҷро карда намешавад, зеро мукофоти суғуртавӣ ё ҳаққи суғуртавӣ P ҳамеша зиёдтар аст, назар ба ҳаҷми миёнаи зарари интизорӣ Lмиёна:P> Lмиёна.

Ин ҳолат аз сохтори тарифи суғуртавӣ бар меояд, зеро он ба ғайр аз ҳосили миёнаи зарарҳо, хароҷоти пешбурди соҳибкорӣ ва фоидаи ширкати суғуртаро (инчунин ҷузъҳои дигар) дар бар мегирад.

Суғуртакунӣ аз нигоҳи иқтисодӣ ҳамеша нисбат ба худсуғуртакунӣ хароҷоти бештарро талаб мекунад ва бинобар ин ба суғурташавандагон на он қадар манфиатовар мебошад.

Аммо, чун қоида, r>i, зеро дороиҳои фонди хавф бояд дар шакли хеле баланди бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ нигоҳ дошта шуда, аз ин рӯ камдаромад мебошанд. Бинобар ин, як қатор арзишҳои он тағирёбандаҳо мавҷуданд, ки дар онҳо суғурта механизми нисбатан камхарҷ буда, боиси афзоиши арзиши корхона мегардад.

Ҳаҷми фонди хавф мувофиқи дарки субъективии хавф аз ҷониби суғурташаванда муайян карда мешавад.

Барои баҳодиҳии ин омил, модели Хаустон назарияи қаблан зикргардидаро дар бораи сатҳи максималии қобили қабули талафоти Lmax истифода мебарад.

Ба андешаи мо, мантиқӣ мебуд, ки ҳаҷми фонди хавф ба ҳадди зарари қобили қабул баробар карда шавад: F=Lmax.

Аз ин ҷо метавон варианти ниҳоии шарти самаранокии иқтисодии истифодаи суғуртаро барои маблағгузори хавфҳои корхона пайдо кард, ки чунин ифода шудааст:

$$P<L_{миёна}+L_{max} \qquad (2.3.10)$$

Бояд қайд кард, ки нобаробарии (2.3.10) ҳадди ниҳоии ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ ё ҳаққи суғуртавиро, ки барои суғурташаванда қобили қабул аст, вобаста аз хосиятҳои дохилии хавфҳои суғурташаванда, ки дар модели Хаустон бо параметрҳои Lmax ва Lмиёна тавсиф шудаанд, муайян мекунад.

Ин параметрҳоро дар асоси маълумоти оморӣ муайян кардан мумкин аст. Дар сурати мавҷуд набудани онҳо, ҳамчун ҳосилаҳои тахминии Lmax ва Lмиёна, мо метавонем маълумоти дастрасро дар бораи дигар корхонаҳои аз рӯи фаъолият монанд истифода барем ё ҳосили ҳадди аксар ва миёнаи солонаи зарарро аз хавфҳои баррасишаванда барои муддати дароз (ба маблағе, ки барои соли ҳисоботӣ кам карда шудааст), бо коэффисиенти бо роҳи экспертӣ тасҳеҳшуда гирем.

Дар асоси таҳлили нобаробарии (2.3.10) дар бораи таъсири шароитҳои гуногун ба самаранокии истифодаи суғурта дар корхона хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Чӣ қадаре ҳаҷми фонди суғурта (фонди хавф), ки корхона ташкил кардааст, зиёд бошад, самаранокии усули худсуғуртакунӣ ҳамон қадар камтар мешавад.

2. Самаранокии худсуғуртакунӣ бо афзоиши даромаднокии корхона паст шуда, бо афзоиши даромаднокии сармояи сатҳи бозоргириаш хеле баланд ва боэътимод меафзояд.

Ин муқаррарот маънои муайяни иқтисодӣ дорад: бо афзоиши даромаднокии фаъолияти корхона маблағгузорӣ ба истеҳсолот фоиданоктар аст, назар ба он, ки як қисми маблағҳои худро барои ташкили фонди хавф равона намояд.

Аз тарафи дигар, афзоиши даромаднокии коғазҳои қиматнок ҷолибнокии сармоягузориро ба онҳо зиёд карда, дар натиҷа корхона як қисми маблағҳои муваққатан озоди худро аз фонди хавф барои хариди коғазҳои қиматнок истифода мебарад.

**Модели баҳодиҳии самаранокии суғуртакунӣ ва худсуғуртакунии хавфи молиявии корхонаи саноати бофандагӣ**

Дар корхонаи саноати бофандагӣ самаранокии усулҳои суғуртакунӣ ва худсуғуртакунии хавфи молиявиро муайян мекунем. Яке аз усулҳои маъмул ва васеъ истифодашаванда барои муайян кардани самаранокии суғуртакунӣ ё худсуғуртакунии хавфҳо модели Хаустон мебошад, ки тавассути он баҳодиҳии муқоисавии арзиши корхона дар ду ҳолат гузаронида мешавад:

- дар охири давраи суғуртакунӣ, ҳангоми ба масъулитяи ташкилоти суғуртавӣ (суғуртакунанда) гузаштани хавф;

- дар охири давраи худсуғуртакунии хавф, ҳангоми дар масъулияти корхона боқӣ мондани хавф (нигоҳ доштани хавф).

Тибқи модели Хаустон, самаранокии интиқоли хавфи молиявӣ ба ташкилоти суғуртавӣ дар сурате ба даст меояд, ки агар чунин нобаробарӣ пайдо шавад:

$$\text{АД}_{\text{суғ}} > \text{АД}_{\text{худсуғ}}, \qquad (2.3.11)$$

ки дар ин ҷо:

$\text{АД}_{\text{суғ}}$ - арзиши дороиҳои корхона дар охири давраи суғуртакунӣ, ҳангоми ба суғуртакунанда (ташкилоти суғуртавӣ) гузаштани хавф;

$\text{АД}_{\text{худсуғ}}$ - дар охири давраи мазкур, ҳангоми дар масъулияти корхона боқӣ мондани хавф, худсуғуртакунии хавф.

Мисол: самаранокии суғуртакунии хавфи молиявиро дар ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии насоҷии тоҷик” бо шартҳои зерин баҳодиҳӣ мекунем:

- арзиши дороиҳои корхона дар аввали давраи суғуртакунӣ 980 ҳазор сомонӣ;

- сатҳи интизории зарар дар натиҷаи ба амал омадани хавфи молиявӣ аз 15-85 ҳазор сомонӣ ва ба ҳисоби миёна 57 000 сомонӣ;

- мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) 53 000 сомонӣ.

- талофии ё ҷуброни суғуртавӣ дар ҳаҷми пурраи зарари ҳақиқии суғуртавӣ (яъне 100%-и зарари ҳақиқӣ) бе тарҳи франшиза (имтиёзи ташкилоти суғуртавӣ ҳангоми талофии зарар);

- ҳаҷми фонди захиравии (фонди хавфи) ташакилкардаи корхона ҳангоми дар масъулияти корхона боқӣ мондани хавф (худсуғуртакунии хавф) ба 50 ҳазор сомонӣ;

- даромаднокии сармоягузориҳои молиявии кӯтоҳмуддат ба ҳисоби миёна 6%;

- муҳлати давраи суғурта ё амали шартномаи суғурта 1 сол.

Барои баҳодиҳии самаранокии суғуртакунӣ, пеш аз ҳама, арзиши дороиҳои корхонаро дар охири давраи суғуртавӣ, ҳангоми ба суғуртакунанда гузаштани хавф, муайян мекунем, натиҷааш чунин мешавад:

$$АД_{суғ} = 950-53+0,1(950-53)+57=1\ 043,7 \text{ ҳазор сомонӣ}$$

Дар баробари ин, арзиши дороиҳои корхонаро дар охири давраи суғуртавӣ, ҳангоми дар масъулияти корхона боқӣ мондани хавф (худсуғуртакунии хавф) муайян мекунем

$$АД_{худсуғ}=950-53+0,1(850-53-57)+0,06х50= 974 \text{ ҳазор сомонӣ}$$

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои баҳодиҳии самаранокии суғуртакунӣ ва худсуғуртакуниро муқоиса карда, муайян кардем, ки дараҷаи самаранокии дороиҳои корхона (дар шакли афзоиши дороиҳои корхона дар охири давраи суғуртавӣ) ҳангоми ба ташкилоти суғуртавӣ интиқол додани хавфи молиявӣ назар ба худсуғуртакунии хавф баландтар аст:

$$АД_{суғ} = 1\ 043,7 \text{ ҳазор сомонӣ}$$

$$АД_{худсуғ}= 974 \text{ ҳазор сомонӣ}$$

Ҳамин тавр, $АД_{суғ}>АД_{худсуғ}$. Аз ин рӯ, тавсия менамоем, ки агар ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии насоҷии тоҷик” хавфи молиявии худро ба суғуртакунӣ диҳад манфиатовар мебошад.

Акнун дар мисоли дигар самараноктар будани худсуғуртакунии хавфи молиявиро назар ба суғуртакунии он таҳлил менамоем.

Арзиши корхона (S) аз рӯи ҳаҷми арзиши дороиҳои он дар давраи ҳисоботӣ баҳогузорӣ карда шуда, дар асоси таносуби арзиши сармояи худӣ, маблағи қарзи бонкӣ ва арзиши қарзи тиҷоратӣ (қарзи кредиторӣ барои молҳо, корҳо, хизматрасонӣ) муайян карда мешавад.

Арзиши сармояи худии корхона бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$S_k = \frac{R_v}{K} \text{ x } 100\%, \qquad (2.3.12)$$

ки дар ин ҷо:

$S_k$ - арзиши сармояи худии корхона дар давраи ҳисоботӣ;

$R_v$ - ҳаҷми фоидаи соф;

$K$ - арзиши миёнасолонаи сармояи худии корхона.

Арзиши қарзи бонкӣ мувофиқи шартномаи қарзӣ, дар асоси меъёри фоизи қарз, ки боиси зиёд шудани маблағи дигар хароҷоти корхона мегардад, ҳисоб карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади инъикоси хароҷоти воқеии корхона арзиши қарзи бонкӣ аз рӯи меъёри андоз аз даромад (фоида) кам карда мешавад:

$$S_{L=} \frac{R_{L=}(1-Cp)*100\%}{1-Co}, \qquad (2.3.13)$$

ки дар ин ҷо:

$S_L$ _ арзиши сармояи қарзӣ, ки дар шакли қарзи бонкӣ гирифта шудааст, бо %;

$R_L$ - меъёри фоизи қарзи бонкӣ

$Cp$ - меъёри андоз аз даромад (фоида);

$Co$ - ҳаҷми хароҷоти корхона барои ҷалби қарзи бонкӣ (интишори вомбаргҳо).

Арзиши қарзи тиҷоратӣ (қарзи кредиторӣ) ҳамчун қарзи бефоиз баррасӣ карда мешавад:

$$S_{G=} \frac{C_D*360*(1-Cp)}{Tp}, \qquad (2.3.14)$$

ки дар ин ҷо:

$S_G$ - арзиши қарзи тиҷоратӣ;

$C_D$ - ҳаҷми тахфифи нарх ҳангоми пардохт барои молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) бо пули нақд;

$Cp$ - меъёри андоз аз фоида (даромад);

$Tp$ - муҳлати миёнаи дароз кардани пардохтҳо барои қарзи тиҷоратӣ.

Ҳамин тавр, арзиши корхона дар аввали давраи ҳисоботӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\boldsymbol{S = \frac{R_v}{aS_K + qS_L + kS_G} = \frac{R_v}{Sq},} \qquad \textbf{(2.3.15)}$$

ки дар ин ҷо:

a, q, k - мутаносибан ҳиссаи ҳар як унсури дороиҳои корхона дар сохтори умумии дороиҳои он;

$Sq$ - меъёри сармояғункунии селаҳои даромад.

Бо дарназардошти мавҷуд будани сармояи ҷалбшудаи корхона, даромаднокии миёнаи дороиҳои худӣ (r), ки фаъолият мекунанд, бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\boldsymbol{r = Sq + (Sq - R_L) * \frac{1-a}{a},} \qquad \textbf{(2.3.16)}$$

Бояд зикр намуд, ки даромаднокии фонди хавф (i) одатан аз даромаднокии миёнаи дороиҳои худии корхона камтар аст ва аз рӯи даромаднокии коғазҳои қиматнок ё фоизи пасандозҳои бонкӣ муайян карда мешавад.

Акнун модели баҳодиҳии самаранокии суғуртакунӣ ва худсуғуртакунии хавфи молиявии корхонаи саноати бофандагиро дар мисоли ҶСК “Бофандаи Норак” таҳлил мекунем.

Маълумоти ибтидоии ҶСК “Бофандаи Норак” чунин аст:

- маблағи фоидаи софи дар соли ҷорӣ гирифтаи корхона ($R_v$) - 260 ҳазор сомонӣ;

- маблағи миёнаи солонаи сармояи худӣ ($K$) 1 450 ҳазор сомонӣ;

- меъёри фоизи қарзи бонкӣ ($R_v$) - 25%;

- меъёри андоз аз даромад ($Cp$) - 13%;

- ҳаҷми хароҷот барои ҷалби қарз ($Co$) - 12%;

- маблағи миёнаи тахфифи нарх ҳангоми пардохт барои молҳо бо пули нақд ($C_D$ ) - 6%;

- муҳлати миёнаи дароз кардани пардохтҳо барои қарзи тиҷоратӣ ($Tp$) - 2,5 моҳ;

- ҳиссаи сармояи худӣ дар ҳаҷми умумии дороиҳои корхона - 75,0%;

- ҳиссаи қарзҳои кӯтоҳмуддати бонкӣ дар ҳаҷми умумии дороиҳои корхона - 0,04%;

- ҳиссаи қарзи кредиторӣ барои молҳо дар ҳаҷми умумии дороиҳои корхона - 12,0%;

Даромаднокии миёнаи дороиҳои фонди худсуғуртакунӣ ё фонди хавф (i) ҳамчун фоизи миёнаи пасандозҳо муайян карда шуда, 10% -ро ташкил медиҳад.

Барои ҶСК "Бофандаи Норак" намудҳои зерини хавфҳо муайян карда шудаанд:

- хавфи садама (вайрон шудан ё аз кор бозмондани таҷҳизоти корхона), ки зарар аз он ба андозаи 6% аз ҳаҷми умумии дороиҳо бо эҳтимолияти 25% пешбинӣ шудааст;

- хавфи сухтор (зарар дидани амвол ва воситаҳои асосӣ), ки зарар аз он 15% аз ҳаҷми умумии дороиҳоро бо эҳтимолияти 20% ташкил медиҳад;

- хавфи тиҷоратӣ (ба таъхир афтодани муҳлати пардохти маблағи қарзи тиҷоратӣ аз ҷониби мизоҷон, таҳвили молҳо ва ашёи хом аз ҷониби таҳвилгарон), ки зарар аз он то 7%-и маблағи дороиҳо бо эҳтимолияти 40%-ро ташкил медиҳад.

Арзиши сармояи худии корхона ($S_k$) баробар аст ба:

$$S_k = \frac{260\ 000}{1\ 450\ 000} \text{ x } 100\% = 17{,}9\%$$

Арзиши қарзи бонкӣ ($S_L$) баробар аст ба:

$$S_{L=}\frac{0,25*(1-0,13)}{1-0,12}*100\% = 22,3\%$$

Арзиши қарзи тиҷоратии (қарзи кредитории) корхона баробар мешавад ба:

$$S_{G=}\frac{0,06*360*0,95}{75} = 27,3\%$$

Барои муайян кардани арзиши ҶСК “Бофандаи Норак” маълумоти ҳосилкардаамонро дар ҷадвал сабт мекунем.

**Ҷадвали 2.3.1. - Ҳисобкунии арзиши корхонаи**

**ҶСК “Бофандаи Норак”**

| **Унсурҳои сармояи корхона** | **Арзиши унсурҳои сармояи корхона, %** | **Вазни қиёсии унсур аз маблағи умумии сармоя** | **Арзиши унсур бо назардошти вазни қиёсӣ, %** |
|---|---|---|---|
| Сармояи худӣ | 17,9 | 75,0 | 13,4 |
| Қарзи бонкӣ | 22,3 | 17,3 | 5,0 |
| Қарзи кредиторӣ | 27,3 | 6,0 | 1,6 |
| **Ҳамагӣ** | | | 20,0 |

Дар асоси маълумоти мавҷуда муайян карда шуда, ки арзиши корхона дар аввали давраи ҳисоботӣ ё суғуртавӣ (S) бо ифодаи пулӣ баробар аст ба:

$$S = \frac{260}{0,20} = \text{ 1 300 000 сомонӣ}$$

Даромаднокии (фоиданокии) дороиҳои худии корхона (r) баробар мешавад ба:

$$r = 0,20 + (0,20 - 0,25)\frac{1-0,7500}{0,7500} \text{ x } 100\% = 0,1833$$

Бояд қайд кард, ки барои ҳисоб кардани захираи суғуртавӣ (фонди хавф) баҳодиҳии оқибатҳои эҳтимолии хавф, инчунин муайян кардани ҳаҷми маблағи зарурии захираи суғуртавӣ лозим аст. Ҳаҷми захираи суғуртавиро бо усули баҳодиҳии экспертӣ ва ё усули қиёсӣ, бо роҳи зарб намудани маблағи имконпазири зарар ба эҳтимоли ба вуҷуд омадани чунин зарар, муайян кардан мумкин аст.

Намунаи муайян кардани ҳаҷми захираи суғуртавӣ бо усули баҳодиҳии экспертӣ дар ҷадвали 2.3.2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3.2. - Ҳисобкунии ҳаҷми захираи суғуртавӣ (фонди хавф)**

| Номгӯи хавфҳо | Ҳаҷми зарар (бо % аз маблағи дороиҳо) | Усули муайян кардани ҳаҷми хароҷот | Ҳаҷми хавф (эҳтимоли ба вуҷуд омадани хавф), % | Маблағи зарари интизорӣ (бо % аз маблағи дороиҳо) |
|---|---|---|---|---|
| Хавфи садама (вайрон шудан ё аз кор бозмондани таҷҳизоти корхона) | 6 | Истифодаи усули баҳодиҳии экспертӣ | 25 | 6%х25%=1,5% |
| Хавфи сухтор (зарар дидани амвол ва воситаҳои асосӣ) | 9 | Истифодаи усули қиёсӣ | 15 | 9%х15%=1,35% |
| Хавфи тиҷоратӣ (ба таъхир афтодани мӯҳлати пардохти маблағи қарзи тиҷоратӣ аз ҷониби мизоҷон, таҳвили молҳо ва ашёи хом аз ҷониби таҳвилгарон) | 7 | Бо истифода аз таҷрибаи давраҳои гузашта | 40 | 7%х40%=2,8% |
| Маблағи ниҳоии (максималии) хароҷот | 22 | Маблағи зарари интизорӣ | | 5,65% |

Ҳамин тавр,

Lmax = 0,22 х 1 300 000=286 000 сомонӣ

Lмиёна = 0,0565 х 1 300 000=73 450 сомонӣ

Маблағи имконпазири ниҳоии мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ барои ташкилоти суғуртавӣ, вобаста аз зарари эҳтимолӣ, баробар аст ба:

$$P = 0{,}0565 + 0{,}22\ \frac{0{,}1833-0{,}1}{1-0{,}1833} \text{ х } 100\% = 7{,}89\%$$

ва ё

$$P = 0{,}0789 \text{ х } 1\ 300\ 000 = 102\ 570 \text{ сомонӣ}$$

Пас, арзиши корхона дар сурати суғуртакунии хавфҳо ба 1 416 918 сомонӣ баробар мешавад:

$S_i$ = 1 300 000 −102 570 + 0,1833(1 300 000 – 102 570) = 1 197 430+ 219 488 =1 416 918 сомонӣ

Арзиши корхона дар сурати дар масъулияти худ нигоҳ доштани хавфҳо, яъне худсуғуртакунии хавфҳо баробар мешавад ба:

$S_R$ = 1 300 000-73 450+0,18(1 300 000-73 450-286 000)+0,1х286 000=1 424 449 сомонӣ

Ҳамин тариқ,

$S_R - S_i$ = 1 424 449-1 416 918=7 531 сомонӣ

Дар асоси муайян кардани арзиши корхона дар сурати суғуртакунӣ ва худсуғуртакунии хавфҳо пешниҳод мекунем, ки роҳбарияти ҶСК "Бофандаи Норак"-ро зарур аст варианти худсуғуртакунии хавфҳоро интихоб кунад, зеро $S_R > S_i$. Дар чунин ҳолат самаранокии иқтисодии худсуғуртакунӣ аз суғуртакунӣ ба 7 531 сомонӣ баробар аст.

# БОБИ 3. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ БАҲОДИҲӢ ВА СУҒУРТАКУНИИ ХАВФҲО ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Такмили усулҳои баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси равиши эҳтимолият

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ рушди босуръати соҳаи саноат боиси ба вуҷуд омадани технология ва таҷҳизоти  нав, соҳаҳои истеҳсолии нави илмталаб мегардад, ки он нақш ва аҳамияти сармояи зеҳниро дар ҷараёни истеҳсолот зиёд мекунанд. Аз лиҳози дигар, суръати баланди рушди соҳаи саноат дар заминаи рақамикунонии иқтисодиёт боиси бавуҷуд омадани хавфҳои гуногуни дохилӣ ва берунӣ мегардад, ки онҳо  ба ҷараёни истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истеъмол таъсири муайян мерасонанд. Аз ин ҷост, ки масъалаи ташаккули методикаи муосири баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ, махсусан корхонаҳои саноати бофандагӣ, аҳамият ва муҳиммияти бештар пайдо менамояд.

Мафҳуми "методика" -  усулҳо, тарзҳо, тартиби муқарраркунӣ ва ба низомдарории далелҳо аст, ки бояд ба нишонаҳо ё меъёрҳои зерин мувофиқат намояд: воқеъбинӣ; такроршавандагӣ, фаҳмо будан, мувофиқи мақсад будан, самаранокӣ; натиҷанокӣ.

Таҳия ва таҳлили усулҳои номбурда имконият медиҳад, ки нишондиҳандаҳои огоҳкунандаи омилҳои хавфҳо ба инобат гирифта шуда, дараҷаи хавфҳо ва эҳтимоли рух додани ҳодисаи хавфнок ҳисоб карда шаванд. Бинобар ин, ҳадафи усули интихобнамудаи мо баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ба шумор меравад, ки барои ноил шудан ба ин ҳадаф ҳалли вазифаҳои зеринро зарур меҳисобем:

- омӯзиш ва муайянкунии омилҳои пайдоиши хавфҳо;
- андозагирии эҳтимолияти пайдоиши хавфҳо;
- чен кардани дараҷаи хавфҳо;

- интихоби стратегияи идоракунии хавфҳои муайяншуда.

Бо мақсади баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ мо се марҳиларо ҷудо намудем: идентификатсия ё муайянӣ; ченкунӣ; идоракунӣ (расми 3.1.1).




**Расми 3.1.1. Марҳилаҳои баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофан**дагӣ

**Сарчашма: муаллиф таҳия кардааст.**

Дар марҳилаи якум бо истифода аз усулҳои баҳодиҳии миқдорӣ хавфҳое, ки барои корхонаҳои саноати бофандагӣ хос буда, ба ҷараёни фаъолияти онҳо таъсир мерасонанд, муайян карда, бо ҷамъоварии маълумоти зарурӣ баҳодиҳии хавфҳои мазкур гузаронида мешавад.

Марҳилаи дуюм ҷараёни ченкунии хавфҳо ва омилҳои онҳоро дар бар мегирад.

Дар марҳилаи сеюм ҳамчун марҳилаи ҷамъбастӣ ҷараёни идоракунии хавфҳо ба роҳ монда мешавад.

Мақсади марҳилаи якум омӯзиши вазъи молиявии корхона буда, дар асоси он омилҳои хавфҳо, ки онҳо звенои марказӣ дар муайян кардани хавфҳо мебошанд, муайян карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии корхона, ки унсурҳои зеринро тавсиф мекунанд, давра ба давра таҳлил карда мешаванд:

- захираҳое, ки корхона истифода мебарад;
- натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти корхона;
- равандҳое, ки истифодаи захираҳо ва натиҷаҳоро ҳамроҳӣ мекунанд;
- фаъолии тиҷоратӣ.

Унсурҳои номбаршуда боиси пайдоиши ҳодисаҳои хавфноке мешаванд, ки дар натиҷаи вайрон шудани ҷараёни истеҳсолот, аз ҷумла танаффуси ғайринақшавӣ, ба вуҷуд меоянд. Бояд гуфт, ки унсурҳои мазкурро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: дохилӣ ва берунӣ.

Ҳамин тариқ, омилҳои хавфи марбут ба унсури якум хоси ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам омилҳои берунӣ мебошанд. Масалан, сабабҳои вайроншавии ҷараёни истеҳсолот инҳо шуда метавонанд: иҷро нашудани уҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби таҳвилгарони ашёи хос (омили берунӣ); вайрон шудани ё аз кор баромадани мошину дастгоҳҳои истеҳсолӣ (омили дохилӣ).

Чунин нишондиҳанда ба монанди муомилоти тиҷоратӣ бо сифати шартномаҳои имзошуда ё этикаи тиҷоратӣ алоқаманд мебошад. Пас, ин нишондиҳанда бо омилҳои берунии хавфҳо алоқаманд аст.

Таснифоти васеи омилҳои хавфҳо дар мисоли *харитаи ҳадафҳои фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ* инъикос гардидааст (расми 3.1.2).

Бо ёрии харитаи ҳадафҳои фаъолият корхонаҳои саноати бофандагӣ метавонанд фаъолияти худро самаранок идора карда, масъалаҳои мавҷударо ҳал кунанд. Муайян кардани гиреҳҳои мушкилот дар

фаъолияти корхонаҳо, тавассути ченкунии минбаъда, ба пешгирии ҳолатҳои хавфнок мусоидат мекунад.




**Расми 3.1.2. Харитаи ҳадафҳои фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ**

**Сарчашма: муаллиф таҳия кардааст.**

Ба андешаи мо, ҳадафҳои асосии баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ инҳо мебошанд: афзун намудани ҳаҷм ва сифати истеҳсолот; баланд бардоштани сифати фурӯши маҳсулот; баланд бардоштани сатҳи нишондиҳандаҳои молиявӣ.

Харитаи ҳадафҳои фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ имкон медиҳад, ки маҷмӯи хавфҳо баҳогузорӣ карда шавад, зеро ичро нагардидани нақша ё вайрон шудани кор дар баъзе минтақаҳои корхона

боиси пайдоиши омилҳои хавф шуда, сипас ба ҳисобкунии натиҷаҳои ниҳоии онҳо оварда мерасонад. Татбиқи ҳадафҳои гузошташуда танҳо дар сурате имконпазир мешавад, ки агар корхона ба ду ҳадафи аввал ноил гардад:

- баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолӣ;
- афзун намудани ҳаҷми фурӯши он маҳсулот[75].

Ҳадафи якуми асосӣ - баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолӣ, аз аз иҷрои вазифаи асосӣ - иҷрои нақшаи истеҳсолӣ вобаста мебошад. Дар навбати худ, иҷрои нақшаи истеҳсолӣ аз аломати вақт, яъне дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро намудани шартномаҳои ҳуқуқӣ вобаста аст.

Ҳадафи дуюми асосӣ - фурӯши тамоми маҳсулоти истеҳсолшуда, аз талабот ва сиёсати маркетингӣ вобаста мебошад.

Ҳамин тавр, афзоиши талабот ба маҳсулоти истеҳсолшуда метавонад ба таври автоматӣ нақшаи фурӯш ва мувофиқан нақшаи истеҳсолро баланд бардорад. Татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои дар харитаи ҳадафҳои фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ муқарраршуда ба мустаҳкам шудани вазъи молиявии корхонаҳои мазкур мусоидат мекунад.

Харитаи ҳадафҳои стратегӣ звенои якуми алгоритми муайянкунии хавфҳои корхона буда, имкон медиҳад мушкилоти асосии корхона баҳогузорӣ карда шавад.

Баъдан таҳлили сифатии омилҳои хавф, ки ҳаҷми онро инъикос мекунанд, дар шакли заррачаҳо гузаронида мешавад. Шумораи хавфҳо ва омилҳои онҳо аз сифати таҳлили гузаронидашуда вобаста мебошад.

Мо пешниҳод менамоем, ки тавассути гузаронидани таҳлили коэффитсиентӣ омилҳои хавфҳо муайян карда шаванд. Таҳлили коэффитсиентӣ имкон медиҳад, ки сатҳи устувории самтҳои асосии зерини фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ баҳогузорӣ карда шавад: самти истеҳсолӣ; самти молиявӣ.

[75]Предпринимательство: учебное пособие. / Н.Ю. Ермакова. Ставрополь, 2018. - 400 с

Схемаи таъсири тарафайни коэффитсиентҳо ва омилҳои хавфҳо дар расми 3.1.3 инъикос карда шудааст.




**Расми 3.1.3. Схемаи таъсири тарафайни коэффитсиентҳо ва омилҳои хавфҳо**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Ҳамин тавр, дар байни коэффитсиентҳо барои таҳлили вазъи молиявӣ ва ҷараёни муайянкунии хавфҳо робитаи тарафайн вуҷуд дорад. Ин робита омили асосии хавф - мавҷуд набудани устувории молиявӣ дар фаъолияти корхонаро нишон медиҳад. Коэффитсиентҳои дар расми 3.1.3

инъикосшуда дар бораи пайдо шудани ҳолати хавфӣ дар корхона огоҳӣ мекунанд, яъне хабар медиҳанд.

Меъёрҳои маҷмӯии ҳолати устувори молиявии корхонаро тавассути таҳияи модели математикӣ муайян кардан мумкин аст. Намунаи чунин модели иқтисодӣ-математикӣ моделҳои пешгӯии хавфи муфлисшавӣ ба шумор меравранд. Дар адабиёти иқтисодӣ чунин моделҳо зиёд мебошанд, аз ҷумла, моделҳои Алтман, В. Бивер, модели Лис, Таффлер ва ғайраҳо.

Дар ҷараёни моделсозии вазъи муфлисшавӣ дар ҳамаи моделҳои зикршуда коэффитсиентҳои молиявиро истифода мебаранд, ки онҳо дар доираи муодилаи регрессионии хатӣ истифода мешаванд. Асоси ин усулҳоро муодилаи зерин ташкил медиҳад:

$$Z = a_1x_1 + a_2x_2 + a_3x_3 + \dots\ a_nx_n, \qquad (3.1.1)$$

дар ин ҷо: $a_n$ - ҳосилаи миқдорӣ, ки омилҳои хавфро тавсиф мекунад;

$x_n$ - омилҳои хавф;

$Z$ - омиле, ки пастшавии сатҳи устувории молиявии корхонаро нишон медиҳад.

Формулаи 3.1.1 омили асосии хавф - паст шудани дараҷаи пардохтпазирӣ ва устувории молиявиро тавсиф мекунад. Омили мазкур воситаи огоҳкунӣ ва инчунин сабаби асосии пайдоиши хавфҳо буда, дар заминаи он омилҳои дигар пайдо мешаванд. Дар модели мазкур истифода бурдани ҳамаи коэффитсиентҳои молиявӣ барои таҳлили омилҳои хавфҳо метавонад ҷараёни ҳисобкуниро душвор карда, боиси хатогиҳои эҳтимолӣ гардад[76].

Бо мақсади пешгирии чунин ҳолат, мо дар модели худ (расми 3.1.4) шумораи коэффитсиентҳои молиявиро кам мекунем. Сабаби интихоби нишондиҳандаҳое, ки бо омилҳои хавфҳо робитаи тарафайн доранд, муҳим будани ин нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии ҳолати молиявии корхона ба шумор меравад.

[76]Вениченко К.Ю. Методы диагностики вероятности банкротства // Интеграция наук.- 2018. - №4. - С. 84-88.




**Расми 3.1.4. Шаҷараи робитаи тарафайни коэффитсиентҳо ва устувории молиявии корхонаҳои саноати бофандагӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Расми 3.1.4, ки дар он шаҷараи робитаи тарафайни коэффитсиентҳо ва устувории молиявии корхонаҳои саноати бофандагӣ инъикос шудааст, нишон медиҳад, ки асоси устувории молиявии корхонаҳои мазкурро коэффитсиенти автономӣ ва коэффитсиенти бозоргирии мутлақ ташкил дода, дар сатҳи боло коэффитсиенти даромаднокии дороиҳои корхона ҷойгир аст.

Марҳилаи навбатии методикаи баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ченкунии хавфҳо ва омилҳои онҳо ба шумор меравад. Ин марҳила ба се қисм тақсим мешавад:

- ченкунии дараҷаи хавфҳо;
- ченкунии эҳтимолияти омилҳои хавфҳо;

- ҳисобкунии ҳосилаи ҷамъбастӣ.

Қисми муҳимми методикаи баҳодиҳии хавфҳо эҳтимолияти хавфҳо ва омилҳои он мебошад.

Нишонаи эҳтимолият (Э) ва оқибатҳои (О) хавф дар ҷараёни баҳодиҳӣ аз ҷониби се эксперт муайян карда шуда, пас аз он сатҳи миёнаи хавф (СМХ) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\text{СМХ} = \frac{\text{Э1}*\text{О1}+\text{Э2}*\text{О2}+\text{Э3}*\text{О3}}{\text{N1}}, \qquad (3.1.2)$$

дар ин ҷо: Ni - шумораи экспертҳо.

Эҳтимолияти хавф тибқи ҷадвали 3.1.1 ҳисоб карда мешавад.

Дараҷабандии эҳтимолият дар асоси омор оид ба пайдоиши ҳодисаҳои гуногун, ки дар корхонаи саноати бофандагӣ ба амал меоянд, муайян карда мешавад.

**Ҷадвали 3.1.1. - Муайян кардани эҳтимолияти хавфҳо**

| Хол | Сатҳи эҳтимоли рух додани хавфҳо | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1 | Эҳтимоли хело кам | Мумкин аст дар соли ҷорӣ рух диҳад |
| 2 | Эҳтимоли кам | Аниқ дар соли ҷорӣ рух медиҳад |
| 3 | Имконпазир | Аниқ дар як сол 2-4 маротиба рух медиҳад |
| 4 | Эҳтимол, ки рух диҳад | Дар як моҳ ду маротиба рух медиҳад |
| 5 | Эҳтимоли зиёд | Дар як ҳафта ду маротиба рух медиҳад |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Бояд қайд намуд, ки баҳодиҳии хавфҳо дар корхона на аз ҷониби мутахассисони идоракунии хавфҳо (риск-менеҷерон), балки аз тарафи шахсони масъули иҷрокунанда гузаронида мешавад, бинобар ин, баҳодиҳии таъсири хавфҳо ба фаъолияти корхона барои ҳар як эксперт бояд хело равшан ва фаҳмо бошад. Вобаста ба ин, аз ҳисобкунии математикии  зарар сарфи назар карда шуда, дар асоси ҳадафҳои корхона ва ҷараёни идоракунии хавфҳо дар он оқибатҳои хавфҳо муайян карда мешавад (ҷадвали  ҷадвали 3.1.2).

**Ҷадвали 3.1.2. - Муайян кардани оқибати хавфҳо**

| Ифодаи оқибати хавфҳо бо хол | Тавсифи оқибати хавфҳо | Таъсири хавфҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Вақт | Мӯҳлати иҷро | Истеъмолкунанда |
| 1 хол | На он қадар муҳим | Барои бартараф кардани оқибати хавфҳо вақт лозим аст | Аксаран муҳлатро иваз намекунанд | Қаноатмандии истеъмолкунанда тағйир наёфтааст |
| 2 хол | Паст | Барои бартараф кардани оқибати хавфҳовақт лозим аст | Муҳлатро иваз мекунанд (аз рӯи шартнома) | Қаноатмандии истеъмолкунанда тағйир наёфтааст |
| 3 хол | Миёна | Барои бартараф кардани оқибати хавфҳо вақт лозим аст | Муҳлатро аз вақти дар шартнома нишододашуда дарозтар мекунанд | Қаноатмандии истеъмолкунанда бо сабаби дароз кардани муҳлат камтар шудааст |
| 4 хол | Муҳим | Барои бартараф кардани оқибати хавфҳо вақт лозим аст | Муҳлатро аз вақти дар шартнома нишододашуда дарозтар мекунанд | Қаноатмандии истеъмолкунанда вобаста аз сифати маҳсулоти пешниҳодшуда камтар шудааст |
| 5 хол | Бисёр мушкил | Барои бартараф кардани оқибати хавфҳо вақт лозим аст | Муҳлати иҷрои ҳамаи дархостҳоро дароз мекунанд | Мизоҷ аз ҳамкорӣ бо корхона даст мекашад, ки ин ҳолат ба нуфузи корхона таъсири манфӣ мерасонад. |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Дараҷаи хавфҳо мувофиқи қолиби (матритсаи) дараҷаи хавфҳо муайян карда мешавад (ҷадвали 3.1.3).

**Ҷадвали 3.1.3. - Қолиби (матритсаи) муайян кардани дараҷаи хавфҳо**

| Эҳтимолият | | Дараҷаи зарар | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | На он қадар муҳим | Паст | Миёна | Муҳим | Бисёр мушкил |
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| Эҳтимоли зиёд | 5 | 5 | 10 | 15 | 20 | 25 |
| Эҳтимол, ки рух диҳад | 4 | 4 | 8 | 12 | 16 | 20 |
| Имконпазир | 3 | 3 | 6 | 9 | 12 | 15 |
| Эҳтимоли кам | 2 | 2 | 4 | 6 | 8 | 10 |
| Эҳтимоли хело кам | 1 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Дар ҳолатҳое, ки хавф ду ё зиёда оқибати (натиҷаи) вазнин дорад, ҳарду оқибат алоҳида баҳогузорӣ карда мешавад. Масалан, хавфи «Истеҳсоли маҳсулоти номувофиқ» ду оқибати муҳим дорад:

- номувофиқатии маҳсулот дар корхона ошкор карда шуда, ин маҳсулот ба истеъмолкунанда намерасад;

- маҳсулоти номувофиқ ба истеъмолкунанда расонида шудааст.

Баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ бо якчанд оқибатҳо (натиҷаҳо) дар ҷадвали ҷадвали 3.1.4 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3.1.4. - Баҳодиҳии дараҷаи хавфҳое, ки оқибати (натиҷаи) гуногун доранд**

| Масъулият | Оқибатҳо (натиҷаҳо) | Истеҳсоли маҳсулоти номувофиқ | |
|---|---|---|---|
| | | Эҳтимолият | Оқибат |
| Сардори шуъбаи истеҳсолӣ | 1 | 4 | 2 |
| | 2 | 5 | 4 |
| Масъули истеҳсолот | 1 | 4 | 2 |
| | 2 | 5 | 3 |
| Шахси истеҳсолкунанда | 1 | 5 | 4 |
| | 2 | 4 | 2 |
| Ҳосили миёна | | 4,5 | 2,.84 |
| | | Дараҷаи хавф =4,5*2,84=12,78% | |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Ҳамин тавр, мо методикаи баҳодиҳии хавфҳоро дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси равиши эҳтимолият пешниҳод намудем. Дар марҳилаи якум, ба андешаи мо, бояд таҳлили тадриҷии омилҳои хавфҳои тадқиқшаванда ва натиҷаи молиявии ҷамъбастӣ гузаронида шавад. Баҳодиҳии хавфҳо мувофиқи методикаи пешниҳоднамудаи мо ду ҷараёнро дар бар мегирад:

- муайянкунии (идентификатсияи) хавфҳо;

- ченкунии эҳтимоли ба вуҷуд омадани хавфҳо ва омилҳои онҳо.

Ҳамин тариқ, ченкунии эҳтимолият ва дараҷаи хавфҳо бо назардошти истифодаи қонуни анъанавии тақсимкунии ҳодисаҳои тасодуфӣ, ки имкон медиҳад майдони эҳтимолияти хавфҳо баҳогузорӣ карда шавад, гузаронида мешавад. Методикаи пешниҳоднамудаи мо имкон медиҳад, ки дараҷаи хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, бо назардошти омилҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ, дар маҷмӯъ муайян ва чен карда шаванд.

## 3.2. Самтҳои такмили механизми суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ

Фаъолияти истеҳсолӣ ва иқтисодии корхонаҳои саноати бофандагӣ дар ҳолати номуайянӣ ва хавф амалӣ карда мешаванд. Ин номуайяниро, пеш аз ҳама, бо он шарҳ додан мумкин аст, ки вазъи иқтисодии мамлакат ба натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ таъсири муайян, ё манфӣ ё мусбат мерасонад. Дар чунин ҳолат дар самти ба даст овардани натиҷаи ниҳоии пешбинишудаи корхонаҳои саноати бофандагӣ норавшанӣ ва номуайяниро ба миён оварда, замина ё муҳити пайдоиши хавфҳо мегардад. Барои корхонаи саноати бофандагӣ хавф эҳтимолияти рух додани ходисаи номатлуб аст, ки метавонад боиси аз даст додани захираҳои моддию молиявӣ, нагирифтани даромади интизорӣ ё ба вуҷуд омадани хароҷоти иловагӣ гардад.

Хавфҳои корхонаи саноатӣ дар натиҷаи номуайянии муҳити беруна, ки корхона дар он фаъолият мекунад ба вуҷуд омада, хусусияти объективии хавф фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, хавф метавонад аз ҷониби худи шахс (роҳбарияти корхона ва кормандони он) аз сабаби дарки нокифояи иттилоот ба вуҷуд ояд, яъне дар ин ҳолат ин шакли хавф субъективӣ мебошад.

Алоқаи хавф танҳо бо оқибатҳои номатлуб (манфӣ) муносибати яктарафа барои фаҳмидани моҳияти ин мафҳум мебошад. Дар воқеъ, мавҷудияти хавфҳои иқтисодӣ ба рушди босуръати иқтисодиёт мусоидат мекунад, ки ин ба таносуби байни дараҷаи хавфҳо ва бузургии натиҷаҳои пешбинишуда вобаста аст. Барои таъмини рушди устувори корхона ва ба даст овардани натиҷаҳои баланди иқтисодӣ идоракунии хавфҳо нақши муҳим дорад.

Бо истифода аз усулҳои гуногуне, ки имкон медиҳанд пайдоиши ҳодисаи хавфнокро то андозае пешгӯӣ кунанд ва барои паст намудани дараҷаи хавфҳо чораҳо андешанд - хавфро идора кардан мумкин аст.

Идоракунии хавфҳо унсури ҷудонашавандаи ҷараёни идоракунии корхонаи саноати бофандагӣ ба шумор меравад. Идоракунии хавфҳо - ин ҷараёни тӯлониест оид ба таҳия ва татбиқи чорабиниҳое, ки барои муайян намудани хавфҳои имконпазир, таҳлил ва баҳодиҳии онҳо, интихоби усулҳои мувофиқи идоракунии ин хавфҳо, бо мақсади паст намудани онҳо ва то ҳадди ақал расонидани зарар, равона гардидаанд. Ҳадафи асосии идоракунии хавфҳо таъмини фаъолияти самараноки корхонаи саноати бофандагӣ дар шароити номуайянӣ ва хавф ба шумор меравад[77]. Усулҳои идоракунии хавфҳоро дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ба чор гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст.

*1. Дуршавӣ аз хавфҳо* - ин усули оддии дур шудан ё даст кашидан аз хавфҳо ё баромадан аз доираи хавфнок мебошад. Моҳияти ин усул дар он ифода меёбад, ки соҳибкор аз қабули хавф даст мекашад ё дур мешавад. Вале дур шудан ё даст кашидан аз хавф барои соҳибкор маънои дур шудан ё даст кашидан аз фоидаро дорад. Усулҳои дуршавӣ аз хавфҳо дар амал дар ҳолате истифода мешаванд, ки сатҳи хавфҳо хело баланд буда, онро ба таври оддӣ паст намудан имконнопазир мебошад, масалан, хавфи муфлисшавӣ; хавфи талафи воситаҳои молиявӣ, моддӣ.

2. *Усулҳои пешгирикунии хавфҳо* дар ҳамон ҳолатҳои алоҳидае истифода мешавад, ки ба таври мушаххас муайян кардани сарчашмаҳои хавф ва қисмҳои «аз нигоҳи иқтисодӣ хатарнок» имконпазир буда, тавассути он ба қисмҳои алоҳида тақсим намудани хавф амалӣ карда мешавад.

*3. Усулҳои тақсимкунии хавфҳо* - ин маҷмӯи усулҳоест, ки барои тақсимкунии хавфҳои ошкоршуда байни иштирокчиёни лоиҳа ва ё ҷараёни истеҳсолот, бо мақсади кам кардани ҷамъшавии хавфҳо барои як иштирокчӣ, истифода мегардад.

*4. Паст намудани сатҳи хавфҳо* маънои онро дорад, ки соҳибкор хавфҳоро ба масъулияти худ қабул намуда, барои паст кардани сатҳи

[77]Хохлов Н.В. Прогнозирование эффективности страхования с точки зрения предпринимателя // Страховое дело. - 2017. - №7. - С. 41-49.

онҳо, яъне маҳдуд намудани эҳтимол ва ҳаҷми зарар, чораҳои муайян меандешад.

Омилҳои гуногун дар ҷараёни фаъолияти ҳар як корхонаи саноати бофандагӣ хавфи аз даст рафтан ё осеб дидани молу мулк вуҷуд дорад, ки метавонад боиси боздоштани фаъолияти истеҳсолӣ ба муҳлати номуайян ва дар бадтарин ҳолат муфлисшавии корхона гардад.

Дараҷаи баланди хавфҳо соҳибмулкон ва роҳбарияти корхонаи саноати бофандагиро маҷбур мекунад, ки роҳҳои пешгирӣ, паст намудани сатҳи хавфҳо, то ҳадди ақал кам кардани зарари эҳтимолиро ҷустуҷӯ кунанд. Барои иҷрои ин амалҳо усулҳои гуногун мавҷуданд, ки дар байни онҳо суғурта ҷойи муҳимро ишғол мекунад.

Суғурта моҳиятан як шакли ташкили фонди махсуси пулӣ аз ҳисоби ҳаққи суғуртавии падохтнамудаи суғурташавандагон буда, ҷуброни зарари дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ бавуҷудомадаро, вобаста ба шартҳои созишномаи суғуртавӣ, кафолат медиҳад. Нақш ва аҳамияти суғурта, махсусан дар шароити иқтисоди бозорӣ, вобаста ба маҳдуд шудани кафолати давлатии талофии зарари дар натиҷаи ҳодисаҳои ногаҳонӣ ба амволи корхонаҳо расонидашуда, номуайянии омилҳои дохилӣ ва берунии ба фаъолияти соҳибкорон таъсиррасонанда, афзоиши намудҳои хавфҳои соҳибкорӣ ва ғайра боз ҳам зиёдтар мегардад[78].

Суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноати бофандагӣ объектҳои зеринро фаро мегирад: дастгоҳҳо ва воситаҳои нақлиёт; бино, иншоот ва таҷҳизот; захираи молҳо; маҳсулоти тайёр; сохтмони нотамом; бор ва ғайраҳо. Намудҳои асосии суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноатӣ инҳо мебошанд:

- суғуртаи молу мулк аз хавфҳои берунӣ;
- суғуртаи молу мулк аз хавфҳои дохилӣ;

[78]Содиқов Р.Ҳ. Суғурта (китоби дарсӣ). - Душанбе: ҶДММ «Хирадмандон». - 2021. - 515 с.

- суғуртаи танаффус ё муваққатан қатъшавӣ дар фаъолияти истеҳсолӣ.

Суғурта аз хавфҳои берунӣ нисбат ба объектҳое гузаронида мешавад, ки дар тавозуни корхона, дар иҷора, дар гарав, дар истифодабарии муваққатӣ, инчунин дар дигар шаклҳои соҳибият ва ихтиёрдорӣ қарор доранд.  Аз ҷумла, биноҳо, иншоот, таҷҳизот, механизмҳои истеҳсолоти асосӣ ва ёрирасон, асбобҳои муҳофизатӣ ва танзимкунӣ, иншооти шабакаи муҳандисӣ, захираи ашёи хом, маҳсулоти тайёр, асбобҳо ва дигар объектҳои ба маҷмуи молу мулки корхона дохилбуда, суғурта карда шаванд.

Молу мулки корхонаи саноатиро аз хавфҳои сӯхтор, таркиши технологӣ, таъсири об, офатҳои табиӣ, амалҳои бадқасдонаи шахсони сеюм, аз ҷумла дуздӣ ва ғоратгарӣ, сукути ҳавопаймо ва бархӯрди воситаҳои нақлиёт суғурта кардан мумкин аст. Аммо баъзан чунин номгӯи хавфҳои суғуртавӣ барои ҳифзи манфиатҳои молу мулкии корхонаи саноатӣ кифоя нест.

Бинобар ин, дар шароити муосир ташкилотҳои суғуртавӣ шартномаҳои суғурта аз «ҳама» хавфҳоро  пешниҳод мекунанд, ки фарогирии ҳама гуна ҳодисаеро, ки аз шартномаи суғурта мустақиман берун намондаанд, таъмин мекунанд.

Ҳимояи иловагии суғуртавӣ барои корхонаи саноати  бофандагӣ суғуртаи мошинҳо ва таҷҳизот аз хавфҳои дохилии вайроншавӣ, муваққатан корношоям шудан, инчунин суғуртаи таҷҳизот аз хавфҳои таъсири нерӯи электронӣ шуда метавонанд.

Ба объекти суғурта аз хавфҳои таъсири нерӯи электронӣ таҷҳизот (мошинҳо, механизмҳо), агрегатҳое, ки зери фишор кор мекунанд, асбобҳои борбардор, конвейеру лифтҳо, таҷҳизоти интиқолдиҳӣ ва дигар механизмҳо дохил мешаванд.

Бояд таъкид кард, ки дар ин маврид хавфҳои суғуртавӣ инҳо мебошанд: шикастан, нуқсонҳо, хатогиҳои кормандон, канда шудани

ноқилҳо ва занҷирҳо, афтидани ашёи суғурташуда, вайроншавӣ дар натиҷаи расиши кӯтоҳ, аз ҳад зиёд кардани сарборӣ, қатъ шудани ҳаракати механизм дар зери таъсири ашёи бегона, зарбаи об ё набудани моеъ дар механизмҳо, шикастани асбобҳои муҳофизаткунанда ё танзимкунанда.

Бояд гуфт, ки дигар унсури муҳими иловагӣ дар ҷараёни суғуртакунии молу мулки корхонаи саноати бофандагӣ ҳимоякунӣ аз талафот дар сурати муваққатан бозмондани ҷараёни истеҳсолот ба шумор меравад.

Бояд қайд намуд, ки дар сурати зарар дидани маҷмуи объектҳои молу молики корхона ҷараёни истеҳсолот, чун қоида, боздошта мешаванд. Ҳангоми чунин танаффус корхона аз ҳисоби хароҷоти доимие, ки ба гардиши корхона вобаста намебошад, фоидаи худро аз даст медиҳад.

Мувофиқи шартномаи суғурта дар натиҷаи танаффус ё муваққатан бозмондани ҷараёни истеҳсолот талафоти зерин аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ талофӣ ё ҷуброн карда мешавад: фоидаи пешбинишуда, музди меҳнат, аз ҷумла пардохтҳои иҷтимоӣ, маблағи истеҳлок, пардохтҳои андоз ва иҷора, инчунин фоизи қарзҳои барои рушди истеҳсолот гирифташуда.

Вобаста ба хусусиятҳои хоси фаъолияти корхонаи саноати бофандагӣ, ғайр аз намудҳои суғуртаи дар боло зикршуда, доираи хизматрасониҳои суғуртавиро ё васеъ ё маҳдуд кардан мумкин аст. Аз ҷумла, тавассути бастани шартномаи суғурта ҷуброни хароҷоти иловагӣ барои таъмири молу мулки вайроншуда дар вақти изофакорӣ, инчунин хароҷоти таъхирнопазири нақлиёт, хароҷот барои барқарор кардани нақшаҳо, шартномаҳо, баҳисобгирии муҳосибӣ, маълумоти гумшудаи электронӣ пешбинӣ шуда метавонад.

Бояд қайд намуд, ки ба ғайр аз ин, хароҷоти муваққатан кучидан дар давраи корҳои барқароркунӣ, кашонда овардани молу мулк, ба

нигаҳдории муваққатӣ супурдани он ва ғайраро суғурта кардан мумкин аст. Барои самаранок ва оқилона ташкил намудани механизми идоракунии хавфҳо мо алгоритми суғуртакунии хавфҳои корхонаи саноати бофандагиро таҳия кардем (расми 3.2.1).




**Расми 3.2.1. Алгоритми суғуртакунии хавфҳои корхонаи саноати бофандагӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Моҳият ва мазмуни марҳилаҳои дар расми 3.2.1 инъикосшударо муайян менамоем.

**Марҳилаи I. Таҳлили хавфҳо.**

*1.1. Идентификатсияи (муайянкунии) хавфҳо.*

Дар ин марҳила муайян кардани шумораи хавфҳои имконпазир зарур мебошад. Хавфҳои корхонаи саноатӣ - ин эҳтимоли дар натиҷаи

рух додани ҳодисаҳои ногаҳонӣ ва нохуш аз даст додани як қисми захираҳои молиявӣ ва истеҳсолӣ, нагирифтан ё кам гирифтани даромади пешбинишуда мебошад.

Намудҳои асосии хавфҳои корхонаи саноати бофандагӣ инҳо мебошанд:

- *хавфи технологӣ* - ин хавфи талафоти истеҳсолӣ ва паст шудани сифати маҳсулот аст, ки сабабҳои асосии он инҳоанд: вайрон кардани технологияи истеҳсолот ва қоидаҳои нигоҳдории таҷҳизот; истифодаи ашёи хом ё қисмҳои эҳтиётии номуносиб;

- *хавфи логистикӣ* - ин эҳтимоли бекор истодани таҷҳизоти истеҳсолӣ дар натиҷаи саривақт таъмин нашудани корхона бо ашёи хом ва қисмҳои эҳтиётӣ, беасос зиёд шудани хароҷоти нақлиёт, дар анбор мондани маҳсулоти истеҳсолшуда, яъне саривақт ба фурӯш нарафтани он, паст шудани сатҳи бозоргирии корхона дар натиҷаи оқилона идора накардани ҷараёни харид ва захираҳо;

- *хавфи иҷрои корҳо* - ин хавфи иҷро накардани нақшаҳои истеҳсолӣ ва фурӯш дар корхона бо сабаби сатҳи пасти ҳавасмандии кормандон, нарасидани кадрҳои баландихтисос;

- *хавфи маркетингӣ* - эҳтимоли бавуҷуд омадани талафот аз сабаби он, ки дар таҳияи молҳо ва номгӯи онҳо, стратегияи маркетинг, масъалаи нархгузорӣ ва усулҳои пешбурди маҳсулот ба хатогиҳо роҳ дода шудааст;

- *хавфи тиҷоратӣ* - хавфи ба вуҷуд омадани норасоии маблағ дар хазина ва талафот дар натиҷаи зиёд шудани ҳаҷми қарзи дебитории мӯҳлаташ гузашта, ҷорӣ намудани тахфифҳои беасос ва мукофотпулӣ ба мизоҷон, инчунин амалҳои бевиҷдононаи кормандони тиҷоратӣ;

- *хавфи молиявӣ ва сармоягузорӣ* - ин эҳтимоли аз ҷониби корхона нагирифтани натиҷаи пешбинишуда ё интизорӣ, ки сабабҳои асосиаш инҳо мебошанд: ҳаҷми нокифояи сармояи худӣ ё сармояи қарзӣ;

афзоиши хароҷоти сармояи ҷалбшуда; роҳ додан ба хатогиҳо дар интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

- *хавфи соҳавӣ* - эҳтимоли бавуҷуд омадани талафот дар корхона дар натиҷаи тағйир ёфтани майлу хоҳиши истеъмолкунандагон, инчунин амали шарикон ва рақибон дар соҳаи саноат ё соҳаҳои ба он алоқаманд, чун: демпинг, пайдоиши маҳсулоти ивазкунанда, технологияи нав ё ашёи хом;

- *хавфҳои берунӣ* - хавфҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, техногенӣ, экологӣ ва дигар хавфҳое, ки аз фаъолитяи корхонаи саноатӣ вобаста нестанд, вале метавонанд ба фаъолият ва натиҷаҳои молиявии он таъсири манфӣ расонанд: тағйирот дар қонунгузорӣ ва низоми андозбандӣ, болоравии сатҳи таваррум ва қурби асъор, офати табиӣ, эпидемия ва ғайраҳо.

*1.2. Муқоисаи хавфҳо вобаста ба муҳимияти онҳо.*

Дар ин марҳила зарур аст, ки муҳимтарин хавфҳо бо мақсади суғуртаи минбаъдаи онҳо интихоб карда шаванд. Пас аз таҳлили амиқ ва гурӯҳбандии ҳамаи хавфҳо аз рӯи муҳимият, аҳамиятнокӣ ва таъсири минбаъдаи онҳо ба фаъолияти корхона, роҳбарияти корхона бояд қарор кунад, ки бо кадом хавфҳо бевосита мубориза бурда, онҳоро идора карда метавонад ва кадом хавфҳоро бояд ба ташкилоти суғуртавӣ интиқол диҳад, яъне суғурта намояд.

**Марҳилаи II. Ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот**

*2.1. Ҷамъоварии маълумот оид ба суғуртакунанда ва шартҳои суғуртакунӣ.*

Қарор дар бораи интихоби ин ё он ташкилоти суғуртавӣ бояд дар ҳар як ҳолат алоҳида қабул карда шавад, аммо баъзе нуктаҳои бунёдие вуҷуд доранд, ки бояд ба назар гирифта шаванд, ба монанди: қобилият ва омодагии суғуртакунанда барои ҷуброни зарар; таҷрибаи ташкилоти суғуртавӣ дар бозор; сатҳи омодагии мутахассисоне, ки ба андеррайтинг дар ташкилоти суғуртавӣ машғул мебошанд. Андеррайтинг дар суғурта ин ҷараёни таҳлили хавфҳои барои суғуртакунӣ пешниҳодшуда, қабули

қарор дар бораи суғуртаи хавфҳои мушаххас ва муайян кардани тарифи суғуртавии муносиб ва шартҳои суғуртаи хавфҳо мебошад.

*2.2. Муайян кардани тарифи суғуртавӣ.*

Ҳамаи ташкилотҳои суғуртавӣ тақрибан маҷмӯи якхелаи хизматрасониҳои суғуртавиро пешниҳод мекунанд. Тарифи суғуртавӣ - ин меъёри ҳаққи суғуртавӣ аз воҳиди маблағи суғуртавӣ буда, одатан бо фоиз муайян карда мешавад. Масалан, маблағи суғуртавӣ 5000 сомонӣ, тарифи суғуртавӣ 3%. Дар ин ҳолат ҳаққи суғуртавӣ ба 150 сомонӣ баробар мешавад (5000х0,03=150). Ҳангоми суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ ба сатҳи тарифи суғуртавӣ омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

- *сатҳ ва эҳтимоли хавф.* Ин ҷо сухан дар бораи то чӣ андоза ҳимоя шудани объекти суғурта, инчунин тадбирҳое, ки барои пешгирӣ ё паст намудани сатҳи хавфҳо нигаронида шудаанд, меравад.

- *шумораи шартномаҳои басташудаи суғурта.* Ҳар қадаре, ки шумораи шартномаҳои басташуда бештар баста шаванд, эҳтимоли хавфҳо ҳамон қадар камтар мешавад. Масалан, нисбати 1000 дастгоҳи суғурташуда ҳамагӣ 50 садама рух медиҳад;

- *ҳаҷми маблағи суғуртавӣ* (масалан, барои суғурта аз ҳодисаҳои нохуш, агар маблағи суғуртавӣ ҳар қадар зиёд бошад, тарифи суғуртавӣ ҳамон қадар баланд мешавад ва баръакс, дар сурати зиёд будани маблағи суғуртавии умумӣ миқдори объектҳо зиёд буда, эҳтимоли хавф паст, тарифи суғуртавӣ низ нисбатан паст мебошад);

- *дараҷаи фарсудашавии таҷҳизот* (агар дараҷаи фарсудашавии таҷҳизот ҳар қадар баланд бошад, тарифи суғуртавӣ ҳамон қадар баланд муқаррар карда мешавад);

- *мавқеи ҷойгиршавии объекти суғурта* (дар минтақаҳое, эҳтимоли рух додани офатҳои табиӣ зиёд аст, мантиқан, тарифи суғуртавӣ баландтар аст);

- *таҷҳизот ва технологияи истифодашаванда* (вобаста ба мураккабии таҷҳизот ва технологияи истифодашаванда, зиёд шудани эҳтимоли рух додани хавфҳо ва бавуҷуд омадани зарари калон нисбат ба онҳо, тарифи суғуртавӣ ҳамон қадар баландтар мешавад);

- рушди инфрасохтор (вобаста ба намудҳои суғурта, рушди инфрасохтор боиси баланд ё паст шудани тарифи суғуртавӣ мегардад).

**Марҳилаи III. Суғуртакунӣ**

*3.1. Интихоби ташкилоти суғуртавӣ.*

Дар ин марҳила ҳамаи маълумоти ҷамъшударо оид ба ташкилотҳои суғуртавӣ бодиққат таҳлил намуда, яке аз онҳоро интихоб кардан лозим аст. Бояд ҳамон ташкилоти суғуртавие интихоб карда шавад, ки аз ҷиҳати молиявӣ устувор буда, тарифҳои суғуртавии он барои корхона мувофиқ бошанд.

*3.2. Бастани шартномаи суғурта.*

Шартномаи суғурта дар ду нусха баста мешавад: як нусхааш дар ташкилоти суғуртавӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дигараш ба суғурташаванда дода мешавад. Дар ҷараёни амали шартномаи суғурта аксар вақт баҳсҳои суғуртавӣ ба миён меоянд, ки чун қоида, ҳалли онҳо душвор мебошад. Аз ин рӯ, ба ташкилоти суғуртавӣ ва суғурташаванда зарур аст ба ин масъала то бастани шартномаи суғурта диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Ҷорӣ намудани раванди идоракунии суғуртавии хавфҳо дар заминаи мувофиқсозии ҳимояи суғуртавии корхона сурат гирифта, имкон медиҳад, ки ҷараёни ҳимояи суғуртавии корхона самараноктар ба роҳ монда шавад.

Идоракунии суғуртавии хавфҳо аз ҷониби намояндагони ташкилоти суғуртавӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои фаъолияти корхонаи саноатиро, бо мақсади барои он муайян кардани маҷмӯи чораҳои пешгирикунӣ ва бастаҳои маҳсулоти суғуртавӣ дар доираи барномаҳои таҳияшудаи ҳифзи суғуртавӣ, ки аксари талаботи корхонаи саноатиро ба

тарви бояду шояд қонеъ гардонад, дар бар мегирад. Дар баробари ин, назарияҳои муосири хориҷии идоракунии хавфҳо пешниҳод мекунанд, ки раванди идоракунии хавфҳо дар корхонаи саноатӣ дар се самт амалӣ карда мешавад:

1. *Мусоидат намудан барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумии тиҷоратии корхона.* Ҳар як корхона бояд хавфҳоро зери назорат нигоҳ дорад, то муваффақ шавад. Идоракунии дуруст ва оқилонаи хавфҳо ба корхона имкон медиҳад он хавфҳое, ки барои фаъолияти корхона аҳамияти бештар доранд, назорат кунад ва аз имкониятҳои таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоракунии онҳо самаранок истифода барад.

2. *Таъсиси сохтори муттасил ва шаффофи идоракунии корпоративӣ.* Идоракунии оқилона ва самараноки корпоративӣ истифодаи барномаҳои самараноки идоракунии хавфҳоро талаб мекунад. Ин барномаҳо бояд ҳамаҷониба ва шаффоф буда, ба идоракунии хавфҳо дар корхона мусоидат кунанд ва ҳисоботи муфассалро ба саҳмдорон дар бар гиранд.

3. *Ҳимояи корхона аз тағйироти номатлуб ва офатҳои табиӣ, ки моликияти корхона, кормандон ва масъулияти онҳоро зери хавф мегузоранд.* Иҷрои ин вазифа баҳодиҳии омилҳои хавфҳои берунӣ ва дохилиро талаб мекунад. Илова бар ин, ноил шудан ба ҳимояи суғуртавии мувофиқ паст кардани сатҳи хавфҳо ва интиқоли онҳоро тавассути суғуртакунӣ, хедҷкунонӣ ё дигар воситаҳои молиявӣ дар бар мегирад.

Ташкили системаи самараноки суғуртакунии хавфҳо дар корхонаи саноати бофандагӣ бидуни таъмини ҳамкории зичи байни субъектҳои зерин ғайриимкон аст:

- воҳидҳои корхона, ки вазифаҳои назорат ва идоракунии хавфҳо, инчунин таъмини ҳимояи суғуртавӣ ба масъулияти онҳо вогузор шудаанд;

- воҳидҳои назорати хавфҳои истеҳсолӣ ва экологӣ;

- сохторҳои идоракунии корхона, корхонаҳои фаръӣ ва воҳидҳои истеҳсолии он;

- ташкилотҳои суғуртавӣ ва (ё) брокерҳое, ки барномаҳои идоракунии суғуртавии хавфҳоро дар корхона татбиқ менамоянд, яъне ташкил ва таъминкунандагони ҳимояи корхона, кормандони корхона, инчунин манфиатҳои амволии саҳмдорон ва сармоягузорон.

Дар доираи ҳамкории субъектҳои дар боло зикршуда вазифаҳои асосии зерин ҳал карда мешаванд[79]:

- тамоми хавфҳое, ки метавонанд ба устувории корхона таҳдид кунанд ва боиси хеле кам шудани ҳаҷми истеҳсолот шаванд, муайян карда мешаванд;

- ҷуброни зарари молиявӣ аз ҳолатҳои фавқулодда сариваќт ва пурра амалӣ карда мешавад;

- молу мулки корхона ба ҳолате, ки то лаҳзаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ қарор дошт, баркарор карда мешавад;

- ҷавобгарии граждани барои расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё моликияти шахсони дигар ва муҳити табиӣ ҷуброн карда мешавад;

- зараре, ки бо сабаби боздоштани истеҳсолот дар натиҷаи садамаҳо, офатҳои табиӣ ва дигар ҳодисаҳои номатлуб бавуҷуд омадааст, ҷуброн карда мешавад;

- ҳифзи иҷтимоии кормандони корхона таъмин карда мешавад;

- сатҳи хавфҳои сармоягузорӣ ва инноватсионии корхона то ҳадди ақал кам карда мешавад.

Дар ҷараёни ташаккули системаи муносиби ҳимояи суғуртавии корхонаи саноати бофандагӣ муайян кардани ҳолатҳои зерин зарур аст:

- номгӯи хавфҳое, ки ба фаъолияти корхона, саломатии кормандон, инчунин ба манфиатҳои амволии саҳмдорон ва сармоягузорон таҳдид мекунанд;

---

[79]Миэринь Л.А. Основы рискологии: учебное пособие. - С-Пб.: Изд-во С. Петерб. гос. ун-та экономики и финансов. - 2018. - 138 с.

- намудҳои суғурта, ки ба номгӯи хавфҳои бо фаъолияти амалии корхона алокаманданд (аз ҷумла, намудҳои суғуртаи амвол, масъулият, хавфҳои хоси корхонаи саноатӣ);

- ҳудуди суғуртвии зарурӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок барои намудҳои алоҳидаи суғурта;

- ҳаҷми франшиза барои хавфҳои ба суғурта додашуда, мувофиқ ба гурӯҳҳои дахлдори дороиҳо.

Ҷараёни муайян кардани сатҳи муносиби ҳимояи суғуртавӣ яке аз вазифаҳои асосии қисми суғуртавии системаи идоракунии хавфҳо (риск-менеҷмент) дар корхонаи саноатӣ ба шумор меравад. Бояд таъкид намуд, ки дар сурати рух додани ҳодисаи ногувор фарогирии ҳаматарафаи ҳимояи суғуртавиро таъмин кардан зарур мебошад.

Албатта, интихоби ин ё он системаи ҳимояи суғуртавӣ асосан бо қарори саҳмдорон ва роҳбарияти корхона муайян карда мешавад, аммо, ба ақидаи мо, тавсияҳои ташкилоти суғуртавӣ метавонанд бо назардошти меъёрҳои пешниҳодшуда таҳия карда шаванд. Интихоби ташкилоти суғуртавӣ санҷиши эътимоднокии он ва мониторинги сатҳи хизматрасонии суғуртавви пешниҳодкардаи онро дар бар мегирад.

Бояд гуфт, ки интихоби стратегияи идоракунии хавфҳо дар асоси якчанд нишонаҳо, аз ҷумла ҳолати молиявии корхона, ҳадафҳои тактикӣ ва стратегии он ва ғайра амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, стратегияи интихобнамуда оиди идоракунии хавфҳо доимӣ набуда, бо тағйирёбии нишонаҳои мазкур, пас аз чанд сол ворид намудани тағйироту иловаҳоро талаб менамояд. Ҳар як корхонаи саноати бофандагӣ қарорҳои марбут ба идоракунии хавфҳоро мустақилона қабул мекунад. Роҳбарияти корхона сатҳи хавфи қобили қабул, воситаҳо ва усулҳои пешгирӣ ё кам кардани талафоти марбут ба хавфи мушаххасро муайян мекунад. Бояд қайд намуд, ки ки дар амал танҳо дар сурати ба таври маҷмӯӣ истифода бурдани усулҳои гуногуни идоракунии хавфҳо натиҷаи самарабахш ба даст овардан мумкин аст. Аз ин рӯ, ба андешаи мо ба

роҳбарияти корхонаҳои  саноати бофандагӣ муҳим он аст, ки аз хавфҳо канорагирӣ накарда, балки кӯшиш намоянд, ки сатҳи он хавфҳоро паст карда, талафот ва фоидаи имконпазирро бо ҳам мувофиқ созанд.

Робитаи тарафайни ҷараёнҳои идоракунии хавфҳо ва ҳимояи суғуртавӣ дар расми 3.2.2 инъикос карда шудааст.




**Расми 3.2.2. - Робитаи тарафайни ҷараёнҳои идоракунии хавфҳо ва ҳимояи суғуртавӣ  дар корхонаи саноати бофандагӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Ҳамин тариқ, фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хавфҳои гуногун вобаста буда, ба тавсияҳои методӣ дар самти идоракунии ин хавфҳо эҳтиёҷ доранд. Бо назардошти чунин зарурат, мо Барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудем (ҷадвали 3.2.1).

**Ҷадвали 3.2.1. - Барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Намудҳои суғурта | Хавфҳои суғуртавӣ |
|---|---|---|
| 1 | Суғуртаи хавфи амвол (суғуртаи: биноҳо, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, бор) | Сӯхтор, садама, таркишҳои технологӣ, офатҳои табиӣ (обхезӣ, тӯфон, сел, шамол, заминҷунбӣ, тӯфонҳо, хушксолӣ, эпидемия ва ғайра), амали бадқасдонаи шахсони сеюм, аз ҷумла дуздӣ ва ғоратгарӣ |
| 2 | Суғуртаи хавфҳои техникӣ (мошинҳо, механизмҳо, таҷҳизот ва дастгоҳҳои электронӣ). | Вайронкуниҳо ва нуқсонҳои ғайричашмдошт, хатогиҳои кормандон, вайроншавӣ аз расиши кӯтоҳи ноқилӣ, шикастани дастгоҳҳои муҳофизатӣ ё танзимкунанда ва ғайра. |
| 3 | Суғуртаи хавфҳо дар фаъолияти истеҳсолии корхона (хавфҳои кадрӣ; хавфҳо дар соҳаи менеҷмент; хавфҳо дар соҳаи муомилот) | Қатъи ғайринақшавии таҷҳизот ё қатъ шудани даврагии технологии корхона; вайроншавии таҷҳизот; қатъ шудани барқ; хавфҳои фавқулодда; дароз кардани вақти таъмир, корношоямии системаҳои иттилоотӣ; вайрон кардани ҷадвали муқарраршудаи саноати бофандагӣ аз ҷониби хоҷагиҳои пахтакор; қатъ кардани қарордодҳо аз ҷониби тарафҳо; даст кашидани шарикон аз пешниҳоди ашёи хом, мавод; даст кашидани муштариёни эҳтимолӣ аз хариди маҳсулоти тайёри корхона; муфлисшавӣ ё барҳамдиҳии корхонаҳои контрагентӣ; хатогиҳо дар интихоби стратегия ва ғайра. |
| 4 | Суғуртаи хавфҳои молиявӣ (хавфҳои асъорӣ; қарзӣ; сармоягузорӣ ва ғайра) | Болоравии нархҳо; кам шудани даромади корхона; зарари асъорӣ; муфлисшавии харидорон; норасоии даромад; талафоти фоида ва ғайра. |
| 5 | Суғуртаи ҳаёт ва саломатии кормандони корхона, аз ҷумла аз садамаҳои истеҳсолӣ | Ҷароҳат, захмбардорӣ, корношоямии муваққатӣ, маъюбӣ, марг. |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми суғуртакунии маҷмуии хавфҳо, ширкати суғуртавӣ бояд аввал хавфҳои эҳтимолии ба корхона хосбударо муайян

карда, он хавфҳоро таҳлил ва баҳогузорӣ намуда, барои таъсири мустақим ба он хавфҳо тадбирҳо ва тавсияҳо таҳия кунад, номгӯи тадбирҳои пешгирикунандаи идоракунии хавфҳоро тартиб диҳад. Танҳо пас аз он, бо корхона шартномаи суғуртакунии маҷмуии хавфҳоро ба имзо расонад.

Барномаи маҷмуии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ дар як ташкилоти суғуртавӣ (суғуртакунанда) нисбат ба суғуртакунии хавфҳои алоҳида дар ташкилотҳои суғуртавии гуногун бартариҳои зерин дорад:

- суғуртакунанда бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти корхона, имкониятҳои молиявии он, намудҳои хавф, ки ба корхона хос аст, барномаи маҷмуии суғуртакунии хавфҳои корхонаро тартиб медиҳад;

- ширкати суғуртавӣ ба корхона (суғурташаванда) мукофотҳои (имтиёзҳои) муайян медиҳад, масалан, андозаи меъёри тарифи суғуртавиро паст мекунад, ки дар натиҷа маблағи мукофоти (ҳаққи) суғуртавие, ки суғурташаванда ба суғуртакунанда бояд пардохт намояд (хароҷоти суғурташаванда барои суғуртакунӣ) кам карда мешавад;

- маблағи мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ давра ба давра пардохта мешавад;

- суғуртакунанда ба  суғурташаванда оид ба ҳамаи масъалаҳои вобаста ба суғуртакунӣ машваратҳои ройгон медиҳад;

- суғурташаванда барои хизматрасонӣ ба суғурташаванда корманди худро  масъул таъин менамояд;

- суғуртакунанда барои ҳамкории доимӣ ва дастгирии суғурташаванда метавонад ҳар гуна хавфи пешниҳоднамудаи суғурташавандаро қабул намояд, ҳатто агар ин хавфҳо аз имкониятҳои молиявии суғуртакунанда зиёд бошад, зеро суғуртакунанда метавонад як қисми ё ҳамаи ин хавфҳоро барои азнавсуғуртакунӣ (бо нигоҳ доштани масъулияти пурра дар назди суғурташаванда) ба ташкилоти азнавсуғуртакунӣ интиқол диҳад;

- суғуртакунанда ба суғурташаванда системаи «бонус-малус» ва ғайраро истифода бурда метавонад (бонус - имтиёз, яъне паст намудани меъёри тарифи суғуртавӣ, малус - ҷазо, яъне паст намудани меъёри тарифи суғуртавӣ, ҳангоми аз ҷониби суғурташавандаи мазкур барои давраи оянда бо ҳамин суғуртакунанда бастани шартнома);

- ҳангоми рух додани ходисаи суғуртавӣ суғуртакунанда пардохти суғуртавиро ба суғурташаванда сариваќт иҷро менамояд[80];

- суғуртакунанда барои ҳамкории доимӣ ва дастгирии суғурташаванда метавонад ҳар гуна хавфи пешниҳоднамудаи суғурташавандаро қабул намояд, ҳатто агар ин хавфҳо аз имкониятҳои молиявии суғуртакунанда зиёд бошад, зеро суғуртакунанда метавонад як қисми ё ҳамаи ин хавфҳоро барои азнавсуғуртакунӣ (бо нигоҳ доштани масъулияти пурра дар назди суғурташаванда) ба ташкилоти азнавсуғуртакунӣ интиқол диҳад;

- ҳангоми рух додани ходисаи суғуртавӣ суғуртакунанда пардохти суғуртавиро ба суғурташаванда сариваќт иҷро менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои охир ба усулҳои таҳлилии баҳодиҳии хавфҳо, яъне усулҳое, ки тақсимоти эҳтимолиятро ба назар мегиранд, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда мешавад. Ин усулҳо, чун қоида, барои арзёбии хавфҳои сармоягузорӣ ва инноватсионӣ истифода мешаванд.

Барои ҳалли масъалаи пешгӯии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ аз ҳамаи усулҳои маълуми оморӣ ва иқтисодӣ истифода бурдан мумкин аст, ки имкон медиҳанд параметрҳои объект пешакӣ дар фосилаи муайяни вақт ҳисоб карда шавад. Сатҳи хавфро дар асоси алгоритми зерин арзёбӣ кардан мумкин аст:

$$\mathbf{СХ=ЭПХ*ТЭМ,} \qquad \mathbf{(3.2.1)}$$

дар ин ҷо:

[80]Содиков Р.Х. Вопросы совершенствования управления хозяйственными рисками на предприятиях хлопкоочистительной промышленности Республики Таджикистан. Диссертация на соискание уч. степ. к.э.н. - Душанбе. - 2012. - 169 с.

СХ - сатҳи хавфи дахлдор;

ЭПХ - эҳтимоли пайдоиши хавф;

ТЭМ - маблағи талафоти эҳтимолии молиявӣ дар амалисозии хавфи мазкур.

Ҳамин тариқ, маҷмӯи усулҳои муайян кардани эҳтимолияти талафоти имконпазир мавҷуд мебошад, ки барои баҳодиҳии тахминии ҳаҷми умумии хавфҳои корхонаи саноати бофандагӣ имкон медиҳанд. Корхонаи саноати бофандагӣ дар ҷараёни фаъолияти худ метавонад аз қабул ё иҷрои ин ё он қарори марбут ба хавф, яъне қарори хавфнок, даст кашад.

## 3.3. Таҳияи амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитиномуайянӣ ва хавфҳо

Ҷаҳонишавӣ ва дигаргуниҳои ҷиддии сиёсӣ, рушди прогресси илмию техникӣ, ниҳоятан зиёд будани сатҳи иттилоотрасонӣ, афзоиши фаъолияти террористӣ, ноороми‌и ҷомеа ва таъсири ҳамаҷонибаи давлатҳои Ғарб ба сатҳи иқтисодиву иҷтимоии шарикони стратегии мо – боиси печидагӣ ва афзоиши динамизми тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа гардида, дар натиҷа хатарҳои муҳити берунӣ ва дохилии корхонаҳои соҳаҳои гуногуну шаклҳои мухталифи моликиятдорӣ афзоиш меёбанд.

Аз ин рӯ, барои корхонаҳое, ки дар шароити бозор фаъолият мекунанд, таҳияи стратегияи кам кардани хатари мутлақи хатар ва ҳам стратегияи ба инобат гирифтани мутлақи он зарурати ҳамаҷониба дорад. Дар ҳолати аввал, ин ба афзоиши хароҷот ва паст шудани рақобатпазирии маҳсулоти корхона ва дар дуюм - ба вуҷуд омадани таҳдидҳои воқеӣ ба мавҷудияти корхона вобаста аст. Дар робита ба ин, масъалаи муайян кардани сатҳи хавфи барои корхонаи мазкур қобили

қабул ва идоракунии сатҳи ҷории хавф дар доираи маҳдудиятҳои муқарраршуда ба миён меоянд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, таҷрибаи амалигардидаи давлаҳои дар самти соноат рушд намуда, шаҳодат аз он медиҳад, ки ҳангоми баҳодиҳӣ ва пешгӯии хатарҳо махсусан барои корхонаҳои саноати бофандагӣ бояд хусусияти равандҳои иқтисодии ин корхонаҳо, инчунин сатҳи баланди вобастагии равиши кор аз шароит ва таҳдидҳои дохилаву беруна, фаъолияти кормандони корхона, маҳорати касбӣ ва қобилияти кордонии онҳо ба назар гирифта шавад. Аз ин рӯ, арзёбии хатарҳо ва оқибатҳои қарорҳои қабулшуда оид ба ин самт дар ин корхонаҳо аҳамияти калони иқтисодиву иҷтимоӣ дорад. Аз нигоҳи мо, ҳангоми пешгӯии хатарҳо ва талафоти эҳтимолӣ оид ба пайдоиши онҳо ва бо дарназардошти имконият ва шартҳои дохил кардани онҳо ба ҳисобҳои нақшавӣ онҳоро ба гурӯҳҳои зер тақсим кардан бо маврид аст (ҷадвали 3.3.1).

Дар асоси гурӯҳбандии сатҳи хавфҳо (ҷадвали 3.3.1) ҳисобҳои нақшавии корхонаҳои саноати бофандагӣ барои банақшагирии ҷорӣ ва миёнамуҳлат асосан хавфҳои оддиро (гурӯҳи 1) аз рӯи намудҳои хавф ва талафот ба назар мегиранд.

**Ҷадвали 3.3.1. - Гурӯҳбандии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ вобаста ба сатҳи хатарнокиашон**

| Гурӯҳи хавфҳо | Номгӯи хавфҳо |
|---|---|
| Гурӯҳи 1 | Хавфҳои оддие, ки бевосита ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагию молиявии корхонаҳо таъсир мерасонанд ва дар ташаккули шароит, кам кардани захираҳо ё пешгирии онҳо афзалиятнок ба ҳисоб мераванд (тиҷоратӣ, хавфҳои стҳи дохилӣ). |
| Гурӯҳи 2 | Хавфҳои ноустувории муҳити беруна (сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра), ки ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагию молиявии корхонаҳо бавосита таъсир мерасонанд. |
| Гурӯҳи 3 | Хавфҳои инноватсионие, ки бо соҳибкории венчури алоқамананд, дорои эҳтимоли баланди пайдоиш (то 50%) ва дараҷаи баланди зиён аз пайдоиши онҳо (то 100%) мебошанд, ки тақсимоти ин хавфҳоро дар доираи гурӯҳи алоҳида бо дастгирии мувофиқ ва имкониятҳои суғуртакунии ин хавфҳо муҳим дониста мешавад. |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Хатарҳои гурӯҳи 2 дар маҷмӯъ ҳамчун коҳиши эҳтимолии кор пешбинӣ шудаанд. Вобаста ба ин, ба хатарҳои ноустувории молиявию иқтисодии сатҳи миллӣ ва махсусан байналмилалӣ таваҷҷӯҳи хоса бояд дод. Дар ин бора хавфҳои пардохтпазирӣ ва пардохтпазир набудан, ки бевосита ба эътимоднокӣ ва устувории корхонаҳои миллӣ таъсир мерасонанд, ба миён меоянд. Арзёбии таъсири ин хавфҳо бо таҳлил ва банақшагирии нишондиҳандаҳои молиявӣ ва шартҳои таъмини онҳо алоқаманд аст. Аз ин рӯ, дар банақшагирии молиявии фаъолияти корхона ба ин ҷиҳат диққати махсус дода, даромадҳое ташаккул дода мешаванд, ки арзишҳои меъёрии нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ ва ғайраро бо назардошти ҳолатҳои номусоид, ки дар натиҷаи бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, таъмин мекунанд.

Хавфҳои хусусияти инноватсионии (гурӯҳи 3-юм) истифодаи технологияҳои нав, истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳои нав бояд бо назардошти дараҷаи баланди номуайянии натиҷаҳо ва талафоти эҳтимолӣ алоҳида арзёбӣ, пешгӯӣ ва ҳамроҳӣ карда шаванд. Ин ҷо қайд намудан ба маврид аст, ки корхонаҳои саноати бофандагии ҷумҳурӣ бояд бештар ба фазои технологии муосир рӯ оранд.

Ин хавфҳо одатан дар бизнес-нақшаҳои лоиҳаҳои инноватсионӣ ба назар гирифта шуда, дар он ҷо тавсиф карда мешаванд, эҳтимоли пайдоиши онҳо муайян карда мешавад ва барои пешгирии онҳо чораҳо андешида мешаванд. Захираҳои сармоягузорӣ барои ин лоиҳаҳо бо назардошти суғурта ва пешгирии ин хавфҳо (фондҳои венчурӣ) ташаккул меёбанд.

Барои банақшагирии фаъолияти ҷории корхонаҳои саноати бофандагӣ хавфҳои оддие пешгӯӣ карда мешаванд, ки бевосита ба нишондиҳандаҳои муайяни фаъолияти ин корхонаҳо таъсир мерасонанд.

Ба ҳар як хатари оддӣ мувофиқи эҳтимоли пайдоиш ва таъсир ба натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ зариби вазнӣ (Кв) дода

мешавад. Бинобар ин, дар оянда, ҳангоми банақшагирӣ дар корхонаҳои саноти бофандагӣ чунин тавсияҳои судмандро пешниҳод менамоем:

- ҳисоб кардани талафоти имконпазир аз рӯи хавфҳо;

- андешидани тадбирҳо оид ба кам кардани талафот аз ба амал омадани ҳолатҳои хавфнок;

- муқоисаи талафот аз рӯи хавфҳо бо хароҷоти пешгирии онҳо;

- суғуртакунии ҳодисаҳои хавфнок (маблағи пардохтҳои суғуртавӣ бояд ба зарари эҳтимолӣ вобаста бошад).

Дар асоси тавсияҳои болозикр банақшагирии низоми кам кардани талафот аз хавфҳо аз фаъолиятҳои зерин иборат мебошад:

- тақсимоти хавф байни иштирокчиёни амалиёти тиҷоратӣ ё лоиҳаҳои соҳибкорӣ;

- суғуртакунии хавфҳо;

- ташаккули низоми кафолатҳо ва захираҳо (аз ҷумла фонди захиравӣ аз фоидаи соф, фонди хавф);

- татбиқи шаклҳои бастани шартномаҳо вобаста ба талаботи корхонаҳо, ки ҷуброни зарарро дар вазъияти хавфнок таъмин менамояд.

Аз ин хотир, дар ҳамбастагӣ ин тадбирҳо бояд якҷоя истифода шаванд, зеро онҳо ба хавфу ҷиҳатҳои гуногуни фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ нигаронида шудаанд.

Ба андешаи мо, хавфҳоеро, ки дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ба миён меоянд, ба монанди: сӯхтор ва дигар офатҳои табиӣ; ҳимояи воситаҳои нақлиёт (Каско) ва бори онҳо ҳангоми воридоту содирот, ҳамлу нақл (Карго); руй додани ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот (беморӣ, осеб дидан, маъюбӣ) суғурта кардан ба мақсад мувофиқ аст (дар баробари ин, аз рӯи хароҷоти корхона маблағи пардохти мукофоти суғуртавиро ҷудо кардан лозим аст).

Ҳамин тавр, барои расидан ба ҳадафҳои диссертатсия моро лозим меояд, ки пешгӯикунии хавфҳоро дар амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди

соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо тасвир кунем.

Дар мавриди гузаронидани таҳлилҳои иқтисодӣ маҷмуи маҳсулоти дохили (ММД)-ро метавон бо дилхоҳ нишондиҳандаҳои соҳаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи саноат муқоиса намуд. Аз нигоҳи мо, чунин амал имконият медиҳад, ки саҳми соҳаи саноатро дар рушди иқтисоди миллӣ ба тариқи умумӣ нишон диҳем. Имрӯзҳо аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодии давлатҳои тараққикарда бар меояд, ки барои ноил гардидани дараҷаи рушди иқтисодӣ, ҳиссаи соҳаи саноат бояд дар таркиби ММД зиёд карда шавад. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки дар рафти таҳқиқот барои таҳияи амсилаи иқтисодӣ-риёзӣ ба сифати аломати натиҷавӣ - ММД ва ба сифати омилҳои таъсиррасон - маҳсулоти умумии саноатӣ, шумораи корхонаҳои соҳавӣ, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ, инчунин сармоягузории умумиро истифода намоем (ҷадвали 3.3.2).

**Ҷадвали 3.3.2. - Динамикаи нишондиҳандаҳои соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | ММД, млн. сомонӣ | Маҳсулоти умумии саноатӣ, млн. сомонӣ | Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид | Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ, млн. сомонӣ | Сармоягузории умумӣ, млн. сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | У | X1 | X2 | X3 | X4 |
| 2010 | 24707,1 | 7480,4 | 1386 | 1013 | 10378,0 |
| 2011 | 30071,1 | 8724,0 | 1473 | 1178 | 12156,9 |
| 2012 | 36163,1 | 9666,0 | 1586 | 1533 | 16123,4 |
| 2013 | 40525,5 | 10033,0 | 1804 | 1361 | 19584,2 |
| 2014 | 45605,2 | 10535,0 | 2164 | 1315 | 23270,8 |
| 2015 | 50977,8 | 16770,0 | 2310 | 1292 | 31168,2 |
| 2016 | 54790,3 | 19453,0 | 2043 | 1520 | 39675,7 |
| 2017 | 64434,3 | 23597,0 | 1999 | 2354 | 48438,9 |
| 2018 | 71059,2 | 26098,0 | 2161 | 2479 | 58259,6 |
| 2019 | 79109,8 | 29543,0 | 2164 | 2636 | 63403,9 |
| 2020 | 83958,3 | 30890,0 | 2283 | 2870 | 66832,9 |
| 2021 | 98910,7 | 38829,0 | 2397 | 4096 | 72005,9 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмааи оморӣ. – Душанбе, 2022. - С. 213, 239, 255; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмааи оморӣ. –Душанбе, 2014. - С. 197, 227, 250.**

Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 3.3.2 чунин хулосабандӣ кардан мумкин аст, ки бо баробари рушди ММД дар давоми солҳои таҳқиқшаванда ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ низ афзӯн гардида, аз 7480 млн. сомонӣ дар соли 2010 то ба 38829 млн. сомонӣ дар соли 2021 баробар шудааст, ки суръати рушди он 5,2 маротибаро ташкил медиҳад.

Дар ин давра шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ аз 1386 адад ба 2397 баробар гардида, ҳиссаи зиёдшавии онҳо 1011 ададро ташкил медиҳад, ки 1,7 маротиба тамоюли рушд дорад.

Давоми солҳои 2010-2021 ҳаҷми маҳсулоти истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ аз 1013 млн. сомонӣ ба 4096 млн. сомонӣ дар соли 2021 зиёд гардидааст, ки суръати рушди он бештар аз 4 маротибаро ташкил медиҳад.

Тибқи қоида (шарт)-ҳои эконометрикӣ, пеш аз таҳияи амсилаи регрессионӣ, бояд барои муайян кардани вобастагии байни аломати натиҷавӣ бо омилҳои таъсиррасон, таҳлили коррелятсионӣ гузаронида шавад. Бинобар ин дар асоси маълумоти омории ҷадвали 3... ва бо истифода аз имкониятҳои барномаи Excel таҳлили коррелятсионии нишондиҳандаҳои таҳлилӣ анҷом дода шуд (ҷадвали 3.3.3).

**Ҷадвали 3.3.3. - Натиҷаи таҳлили коррелятсионии нишондиҳандаҳои таҳлилӣ**

| | *У* | *X1* | *X2* | *X3* | *X4* |
|---|---|---|---|---|---|
| **У** | 1 | | | | |
| **X1** | **0,9880** | 1 | | | |
| X2 | 0,8336 | 0,7728 | 1 | | |
| **X3** | **0,9465** | 0,6495 | 0,6529 | 1 | |
| X4 | 0,9852 | 0,9869 | 0,7995 | 0,9141 | 1 |

**Сарчашма**: **ҳисоби муаллиф.**

Аз натиҷаи таҳлили коррелятсионӣ бармеояд, ки байни омили маҳсулоти умумии саноатӣ (X1) бо омилҳои шумораи корхонаҳои саноатӣ (X2) ва сармоягузории умумӣ (X4), байни омили шумораи

